ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №12 (294) 26-уми сентябри соли 2019, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ



***01.09.2019 09:40, шаҳри Душанбе***

Ҳамватанони гиромӣ!

Омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони азиз!

Имрӯз дар саросари кишвар соли нави таҳсил оғоз гардид, ки онро тамоми муассисаҳои таълимӣ бо дарси сулҳ шурӯъ мекунанд.

Ба ин муносибат устодону омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ, падару модарон ва бахусус, кӯдаконеро, ки имсол ба боргоҳҳои маърифат қадами нахустин мегузоранд, табрик мегӯям.

Ҳамчунин, сокинони кишварро ба ифтихори бузургтарин ва муқаддастарин ҷашни миллӣ - 28 - солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъди чанд рӯз таҷлил мегардад, самимона шодбош гуфта, барояшон саломативу сарбаландӣ орзу менамоям.

Дар замони пуртазод ва зудтағйирёбандаи муосир нақши сулҳ ва пойдории он нисбат ба ҳар вақти дигар аҳаммияти хосса касб кардааст. Зеро сулҳу оромӣ муҳимтарин омили рушди аҳли башар мебошад.

Мардуми Тоҷикистон ҳамеша хостори сулҳу оромӣ дар саросари ҷаҳон буда, хурду бузурги кишвари мо барои ҳифзи ин неъмати бебаҳо саъю талош мекунанд.

Зеро ҳанӯз дар оғози соҳибистиқлолӣ хоинони миллати тоҷик бо пуштибониву маблағгузории хоҷагони хориҷии худ мардуми моро ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор карданд.

Онҳо ба хотири ба даст овардани қудрати сиёсӣ виҷдону имон ва ҳатто мазҳабашонро фурӯхта буданд ва мехостанд ба мардуми тоҷик фарҳангу мазҳаби бегонаро таҳмил карда, дар кишвари тозаистиқлоли мо давлати исломӣ барпо намоянд.

Ин хиёнати таърихии онҳо боиси қурбон шудани беш аз 150 ҳазор нафар ҳамватанонамон, ятим мондани зиёда аз 50 ҳазор нафар кӯдакони бегуноҳ, ба гуреза табдил ёфтани бештар аз як миллион сокинони мамлакат ва хисороти азими моддиву молиявӣ гардид. Дар маҷмӯъ, ҷанги шаҳрвандӣ кишвари моро аз масири рушд даҳсолаҳо ба ақиб партофт.

Дар робита ба ин, ба мардуми шарифи Тоҷикистон хотирнишон менамоям, ки иддае аз хоинони миллати тоҷик ва бадхоҳони давлати мо то ҳанӯз аз нияту нақшаҳои харобиоварашон даст накашидаанд ва дар хориҷи кишвар бо кумаки хоҷаҳои берунии худ ба тӯҳматсозӣ ва дурӯғбофиву дасисабозӣ идома дода истодаанд.

Дасисаву тӯҳматбофӣ дар ҳаққи Ватан, модар, миллат, давлат ва зодгоҳи худ, яъне обу хоке, ки онҳоро парваридааст, хусусияти зотӣ ва хислати пасти инсонии чунин шахсони хиёнатпеша мебошад.

Лекин онҳо набояд фаромӯш созанд, ки халқи мо, яъне миллате, ки тақдирашро ба дасти худ гирифтааст ва ба сӯиояндаи ободу осуда бо қадамҳои устувор пеш меравад, хоинону душманони миллати тоҷикро хуб мешиносад, дигар ҳаргиз ба доми фиребу найранги гирифтор намешавад ва оқибатҳои даҳшатбори ҷанги бародаркуши ибтидои солҳои навадуми асри гузаштаро низ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.

Такроран хотирнишон месозам, ки барои чунин хоинон мафҳумҳои муқаддаси Ватан, модар, миллат, таърих, забон ва фарҳанги миллӣ ягон арзиш надорад.

Дигар ин, ки мардуми мо таърихи босто-

### МАРОСИМИ БА КОР ДАРОВАРДАНИ АГРЕГАТИ ДУЮМИ НБО "РОҒУН"




### БОЗДИДИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ БОҒИ БА НОМИ САЙДАЛӢ ВАЛИЗОДА




### РОҒУН. ДИДОР БО ПРЕЗИДЕНТ




### НОМОВАРОНИ ДОНИШГОҲ




### ХИЁНАТИ АБДУЛЛО РАҲИМБОЕВ




### МОМА, ОТАМ КАЙ МИЁЯ?...




### ҶОИ ЗАН КУҶОСТ: КУНҶИ ХОНА Ё МИЁНИ ҶОМЕА?



*Бастаи зулфи парирӯён шудан аз ақл нест,*
*Лек ман девонаам, занҷир мебояд маро.* Ҳилолӣ



# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ

ниву пурифтихор, фарҳанги қадима, забони ширину шоирона, расму ойинҳои ҳазорсола ва мазҳаби худро доранд, ба онҳо арҷ мегузоранд ва онҳоро дӯст медоранд.

Даҳсолаҳои охир баъзе доираҳои манфиатҷӯй исломро ҳамчун омили мубориза сиёсӣ истифода карда, боиси бадномии дини ислом ва мардуми мусулмон шуда истодаанд.

Мо чунин кӯшишҳои сиёсисозии дини мубини исломро ҳамеша маҳкум мекунем ва бар зидди хурофот ва таассуби динӣ мубориза мебарем. Чунки хурофот садди роҳи пешрафт мебошад ва мо оқибатҳои ин раванди хатарнокро дар мисоли баъзе кишварҳои минтақа дида истодаем.

Гузашта аз ин, хурофот-ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат, ки бесаводиву бемаърифатӣ асоси он мебошад, сабаби ҳамаи бадбахтиҳо ба ҳисоб меравад.

Маҳз бо дастгирии мардуми сулҳдӯсту таҳаммулгароямон мо дар кишвар сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллиро таъмин кардем ва боз ҳам бо заҳмати аҳлонаи мардуми шарифи Тоҷикистон хисороти ҷанги шаҳрвандиро бартараф карда, барои расидан ба марҳалаи рушди бомароми иқтисодиву иҷтимоӣ роҳ кушодем.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ба тамоми хонандагону донишҷӯён ва ҷавонони кишвар хотиррасон месозам, ки мо ба шарофати иродаи қавӣ ва рӯҳи шикастнопазири халқамон ва бар ивази ҷони ҳазорон нафар фарзандони шуҷои миллат барои хушбахтӣ ва рӯзгори босаодати халқамон ҷон ба гарав гузошта, истиқлолияту озодии Тоҷикистон ва якпорчагии Ватани азизамонро ҳифз намудем, давлати ҷавони худро аз хатари нобудшавӣ ва миллатро аз парокандагӣ наҷот додем.

Дар ин даврони орому осоишта ва пешрафти бесобиқаи кишварамон мо ҳамаи шароиту заминаҳоро барои таҳсилу омӯзиш ва зиндагии шоистаи ҷавонон фароҳам овардаем ва ният дорем, ки дар оянда барои наслиояндасоз заминаҳои боз ҳам беҳтарро муҳайё кунем.

Дар оғози соли нави таҳсил, яъне дар рӯзе, ки мо ба донишу маърифат ҳамчун калиди худогоҳиву бедорӣ ва ибтикору созандагӣ арҷ мегузорем, бори дигар таъкид менамоям, ки нерӯи ақлу хирад, донишу маърифат ва иродаву садоқат роҳи шуморо дар идома додани корномаи бузургони гузаштаи миллати тоҷик равшан хоҳад кард.

Сабақҳои таърих ҳушдор медиҳанд, ки шумо - ҷавонони кишвар ва наслҳои оянда дар назди давлат ва сарнавишти халқи тоҷик масъулияти бузург доред.

Арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёдамон, аз худ намудани илму дониш, касбу ҳунар, навовариву ихтироъкорӣ ва дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ намудани давлату миллат вазифаи муқаддаси шумо - наслҳои замони истиқлолият мебошад.

Итминони комил дорам, ки шумо - наслиояндасоз ба қадри истиқлолияту озодии Ватан - ин неъмати бебаҳо мерасед ва онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунед.

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дастоварди таърихии халқи тоҷик мебошад, зеро ба шарофати ин неъматҳо мардуми мо аҳлона заҳмат кашида, то имрӯз садҳо иншооти хурду бузургро бунёд намуданд, фаъолияти корхонаҳои саноатиро аз нав барқарор карданд, ба кишоварзӣ такони ҷиддӣ бахшиданд, роҳу пулҳо бунёд карда, кишварро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшиданд ва Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил доданд, барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ шабонарӯзӣ кор карданд ва дар натиҷа ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ муваффақ шуданд.

Бо вуҷуди дастовардҳои то имрӯз ноилшудаамон, мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, то ки камбудиву мушкилоти ҷойдоштаро бартараф созем, Ватани худро обод гардонем ва бо истифодаи самараноки тамоми захираву имкониятҳо рушди босуръати иқтисодиёти Тоҷикистони азизамонро таъмин намоем.

Ман борҳо гуфтаам ва мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки хонаи мо, яъне Ватан ва давлати моро каси дигар обод намекунад. Мо кишвари азизамонро худамон пешрафта мегардонем ва ба наслҳои оянда як



мулки ободро ба мерос мегузорем.

Дар ин раванд, мо бояд зиракиву ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем, яъне дар ғафлат намонем, кишвар ва мардуми худро аз таъсири хатарҳои замони имрӯза эмин нигоҳ дорем, барои ҳифзи давлати соҳибистиқлол ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, инчунин, забон, таърих, фарҳанг, расму ойинҳо ва дигар арзишҳои миллӣ ҳамеша омода бошем.

Мо бояд ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, радикализми динӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, хариду фурӯши одамон, ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ ва дигар омилҳои хатарзо, ки ба сулҳу суботи ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо таҳдид менамоянд, мубориза барем.

Имрӯз вазъи ҷаҳон бисёр мураккабу буҳронӣ гардидааст. Агар баъди ҷанги дуюми ҷаҳон тайи даҳсолаҳо ҷанги сард омили бесуботии дунё гардида бошад, ҳоло терроризму экстремизм ба мушкилоти ҷиддитарини глобалӣ табдил ёфтаанд.

Яъне вазъияти ҷаҳон дар зарфи даҳсолаҳои охир ҳаргиз чунин печидаву хавотиромез набуд. Рӯйдодҳои вақтҳои охир дар минтақа ва ҷаҳон, бахусус, нишасти сатҳи олии Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, ки дар шаҳри Душанбе доир гардид, равшан сохтанд, ки мавзӯъҳои геополитикӣ ва геостратегӣ барои кишварҳои ҷаҳон аҳаммияти рӯзафзун пайдо карда истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, илова ба ин, ки дар давраи раёсати худ дар фаъолияти ин ҳамоиш тайи солҳои 2018 - 2020 ҷиҳати амалӣ намудани панҷ ченаки асосии он - иқтисодӣ, экологӣ, арзишҳои инсонӣ, мубориза бо таҳдиду хатарҳои замони муосир, ҳамчунин, дар арсаи низомиву сиёсӣ нақши назаррас бозида истодааст, инчунин, омода аст, ки минбаъд низ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалӣ, пеш аз ҳама, пойдории сулҳу суботи сартосарӣ ва тавсеа бахшидан ба ҳамкорӣ миёни кишварҳои минтақа саҳми арзишманд гузорад.

Зеро мо хуб медонем, ки ҷанг бенизомиву беқонунист, хунрезиву куштори одамони бегуноҳ аст ва ҳамеша гуруснагиву қашшоқӣ ва харобиву бадбахтӣ меорад.

Сулҳу оромӣ шарти ободиву пешрафт ва амалӣ гардидани ҳамаи нияту орзуҳои неки ҳар як инсон мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми Тоҷикистон ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва аз зиндагии орому осудаи имрӯза шукрона мекунанд.

Ҳозирини гиромӣ!

Рӯзи дониш ва дарси сулҳ имсол дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз таҳсилоти олии касбӣ зодаи даврони истиқлолият мебошад.

Ҳанӯз дар солҳои нахустини истиқлолият зарурати ба давраҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифтани ҳайати роҳбарикунандаи тамоми мақомоти давлатии марказиву маҳаллӣ пеш омад.

Ба ин хотир, мо соли 2013 дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ Донишкадаи идоракунии давлатиро таъсис дода, дар он на танҳо давраҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро ба роҳ мондем, балки зинаҳои таҳсилоти бакалавр ва магистратураро ташкил карда, таълими технологияҳои иттилоотӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, менеҷменти сиёсӣ, идоракунии ҳайати кадрӣ ва идоракунии давлатиро ҷорӣ намудем.

Соли 2016 тасмим гирифтем, ки дар шафати биноҳои мавҷудаи донишкада иншооти замонавӣ бунёд карда, мушкилоти ин муассисаро пурра ҳал намоем.

Бинои навбунёд аз 12 ошёна ва ду қисм - қисми таълимӣ бо 1320 ҷойи нишаст ва хобгоҳ барои 130 нафар иборат мебошад ва масоҳати умумии сохтмон қариб 20 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Донишкада ягона муассисае мебошад, ки таълим дар он пурра тавассути низоми электронии худидора ба роҳ монда шудааст.

Умедворем, ки устодону донишҷӯён ва шунавандагону коромӯзони ин муассиса аз чунин шароити замонавӣ самаранок истифода карда, раванди таълимро бо сифати баланд ба роҳ мемонанд, таҷриба меомӯзанд, такмили ихтисос намуда, аз мактаби роҳбарӣ мегузаранд ва дар таҳкиму рушди давлатдории миллӣ саҳми сазовор мегузоранд.

Ҳозирини арҷманд!

Барои таъмин намудани пешрафти бонизоми давлати миллӣ мо ба кадрҳои баландихтисоси соҳаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ ниёз дорем.

Зеро рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як халқу миллат аз сатҳи саводу маърифат, савияи донишҳои касбии хизматчиёни давлатӣ ва фаъолияти пурсамари онҳо вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, мо бештар ба тарбияи кадрҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дорои ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқи касбӣ, қобилияти баланди ташкилотчигӣ ва забондон бошанд, эътибори аввалиндараҷа медиҳем.

Хизмати давлатӣ бояд ба татбиқи сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳли ҷомеа нигаронида шавад.

Мо бояд кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои балналмилалӣ, мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва кормандони ватандӯсту масъулиятшиносро омода намоем.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки шахсони босаводу донишманд барои ҳар як давлату миллат сарвати бебаҳо, нерӯи тавонои зеҳнӣ ва кафили пешрафти давлату ҷомеа ба шумор мераванд. Дар ин раванд, ҳамеша дар ёд бояд дошт, ки мо ворисони мероси бузурги маънавии гузаштагони некноми худ ҳастем.

Аҷдоди мо ҳанӯз чанд ҳазор сол пеш соҳиби фарҳанг, забон ва хат буданд ва ба ояндагон осори гаронбаҳое ба ёдгор гузоштаанд.

Дар асрҳои баъдӣ низ бо вуҷуди мушкилоту монеагузориҳои зиёд маданияти китобдориву пешбурди илму фарҳанг дар байни аҷдоди мо ривоҷ доштааст, ки осори ҷовидонаи илмӣ ва хусусан, мероси адабие, ки аз устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то устод Мирзо Турсунзода боқӣ мондааст далели бебаҳси ин гуфтаҳо мебошад.

Мо бо таърих, илму адаб ва маънавиёту фарҳанги бостонии худ ифтихор мекунем ва дар баробари ин, мероси бойи гузаштагонро барои тарбияи наслҳои ҷавон ва кадрҳоиояндасоз васеъ истифода мебарем.

Бо мақсади дар сатҳи талаботи байналмилалӣ ба роҳ мондани таҳсил ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ ҳайати омӯзгорони Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марказҳои бонуфузи кишварҳои хориҷӣ таҷриба андӯхта, усулҳои идоракунӣ ва хизмати давлатиро аз худ намудаанд ва минбаъд низ донишу малакаи худро мунтазам такмил медиҳанд.

Олимону омӯзгорони Донишкадаи идоракунии давлатӣ бояд таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро омӯзанд, дар ин замина барномаҳои гуногунро таҳия кунанд ва ба истифодаи технологияҳои муосир ҷиҳати татбиқи нақшаи ҳукумати электронӣ ва ҷалби мутахассисони соҳибкасб барои амалисозии ин мақсад саъю кӯшиш намоянд.

Ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, афзудани нерӯи зеҳнӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар хизмати давлатӣ, инчунин, таҳлили илмии сифат ва самаранокии идоракунӣ ва хизмати давлатӣ зарурати баланд бардоштани мақоми ин муассиса ба миён омадааст.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Таъсиси Академияи идоракунӣ ба омодагии сифатан беҳтари касбии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Ин иқдом метавонад, инчунин, ба ташкили боз ҳам васеътари давраҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ташкили таҳқиқоти бунёдӣ оид ба идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати се моҳ лоиҳаи қарори дахлдори Ҳукумати мамлакатро оид ба ин масъала таҳия ва пешниҳод намояд.

Ҳозирини муҳтарам!

Ҳадафҳои неки созандаву бунёдкорона дар даврони соҳибистиқлолии Ватан аз устодону омӯзгорон, олимону донишмандон ва дар маҷмӯъ, аз тамоми кормандони соҳаҳои илму маориф тақозо доранд, ки пеш аз ҳама, бо донишҳои муосири илмиву техникӣ мусаллаҳ бошанд ва шогирдону таълимгирандагонро ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар сафарбар карда, ин қишри фаъоли ҷомеаро дар рӯҳияи баланди худшиносӣ ва худогоҳӣ тарбия намоянд.

Давлату Ҳукумат аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун омили асосии пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ин сиёсатро муттасил идома медиҳад.

Қабули як қатор барномаву консепсияҳои муҳимми давлатӣ барои татбиқи ислоҳоти соҳаҳои илму маориф ва дар ин замина беҳтар намудани шароити кори олимону омӯзгорон ба сатҳу сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшид.

Мо бояд минбаъд низ ба соҳаи маориф, таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, нақши омӯзгорон дар омода кардани кадрҳои лаёқатманду соҳибмаърифат ватандӯсту ватанпарвар, худогоҳу хештаншинос ва содиқ ба Ватан, давлат ва миллат боз ҳам бештар таваҷҷуҳ намоем.

Равандҳои замони муосир аҳли маорифро водор месозанд, ки дар тарғиби моҳияти истиқлолу озодӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, таблиғу ташвиқи арзишҳои маънавӣ, аз ҷумла забон, таъриху фарҳанг, расму ойин, анъанаҳои миллӣ ва ба ин восита дар замири донишҷӯёну хонандагон таҳким бахшидани ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва омода будан ба ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистони азизамон саҳми калидӣ дошта бошанд.

Яке аз ҳадафҳои муҳимме, ки дар назди устодону омӯзгорон қарор дорад, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ва мутобиқ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Барои ин бояд раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ, ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот ва самарабахш гардонидани натиҷаи корҳои илмиву таҳқи-

*Ҳусни сабзе ба хати сабз маро кард асир,*
*Дом ҳамранги замин буд гирифтор шудем. Ғании Кашмирӣ*



# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ

қотӣ вусъат бахшида шавад.

Дар ин росто, эътибори асосӣ на ба шумора, балки ба сифат бояд дода шавад. Дар робита ба масъалаи тарбияи кадрҳо бори дигар таъкид месозам, ки Вазорати маориф ва илм якҷо бо дигар вазорату идораҳои марбута доир ба омӯзиши дақиқи талаботи воқеии соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба кадрҳо чораҷӯӣ карда, дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот азхудкунии илмҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷиро таҳти назорати доимӣ қарор диҳад.

Ҳамчунин, зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба сатҳи донишҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ ва малакаи пешбурди соҳибкориву ҷалби сармоя барои соҳибкорони оянда эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Маблағгузории соҳаи илму маориф аз ҳисоби буҷети давлат ҳар сол зиёд карда мешавад.

Ҳамчунин, ба муносибати ҷашни бузурги миллӣ - сисолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои бузурги созандагӣ ҷиҳати беҳтар намудани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, сохтмони инфрасохтори ба талаботи муосир ҷавобгӯ, сохтмони мактабҳо дар мавзеъҳои аҳолинишини навбунёд ва бунёди муассисаҳои тандурустӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар, пеш аз ҳама, дар деҳаҳои дурдаст ва маҳалҳои аҳолинишин бомаром идома доранд.

Фикр мекунам, ки дар сурати амалӣ шудани нақшаҳои қабулшуда то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ мушкилоти соҳаҳои маорифу тандурустӣ асосан ҳал мегарданд.

Бояд гуфт, ки вазъи таълими фанҳои табиатшиносиву дақиқ, аз ҷумла фанҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва илмиву таҳқиқотӣ ҳанӯз моро қонеъ гардонида наметавонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми банақшагирӣ ва маблағгузории соҳаи маориф бартарияти таълими таҳсилоти миёнаи умумӣ, хусусан, бахши илмҳои дақиқ ба қадри кофӣ ба назар гирифта намешавад.

Ин раванд собит месозад, ки ҷиҳати ба талаботи бозори меҳнат ва соҳаҳои афзалиятноки рушди давлат мувофиқ кардани низоми маориф ҳанӯз ҳам як қатор масъалаву мушкилот вуҷуд доранд.

Аз ин рӯ, имрӯз сатҳу сифати таълими фанҳои табиатшиносиву дақиқ ва таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар ба дастгирӣ ниёз дорад, зеро таълими фанҳои зикршуда ва тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосир бе озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз ва таҷҳизоти замонавӣ ғайриимкон мебошад.

Ҳоло омӯзгорони фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ҳангоми анҷом додани озмоишҳо бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардидаанд. Бо ин сабаб хонандагон мактаби миёнаро бе андӯхтани чунин таҷриба хатм карда, ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд ва ба иллати мавҷуд будани чунин камбудӣ дар макотиби олӣ ин муассисаҳоро низ бе анҷом додани таҷриба дар озмоишгоҳҳо ба итмом расонида, соҳиби дипломи таҳсилоти олии касбӣ мегарданд.

Бо дарназардошти чунин вазъ, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020" қабул шуд, ки ҳадафи он беҳбудӣ бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Вале тибқи таҳлилҳо иҷрои барнома қонеъкунанда нест. Илова бар ин, барномаи зикршуда фақат шумораи муайяни муассисаҳои таҳсилоти умумиро қисман фаро гирифта, солҳои 2018-2019 аз ҳисоби буҷетҳои марказӣ ва маҳаллӣ умуман маблағгузорӣ нашудааст. Гузашта аз ин, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмиву таҳқиқотӣ аз доираи амали он берун мондаанд.

Аз ин лиҳоз, Вазорати молия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм бо дарназардошти муҳим будани масъалаи зикршуда иҷрои пурраи барномаро то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ таъмин намоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳукумати Тоҷикистон рушди илмро дар баробари маориф ва тандурустӣ самти афзалиятноки стратегияи рушди миллӣ эълон намудааст.

Аз ин хотир, Ҳукумати мамлакат ба масъалаи мустаҳкам кардани пояҳои моддиву техникии Академияи илмҳо бо мақсади таъмин намудани самаранокии фаъолияти он эътибори доимӣ медиҳад.

Муассисаҳои академӣ вазифадоранд, ки дар рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлати соҳибистиқлолу озодамон саҳми бештар ва муассир дошта бошанд. Ягона талаби давлат аз роҳбарон ва олимону кормандони муассисаҳои илмӣ ин аст, ки илм бояд ҳамқадами замон бошад.

Аз ҷумла, вазифаи Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавӣ, ки дар иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар фаъолона саҳм гузоранд.

Якум, дар самти ҳифзи амнияти озуқаворӣ. Доир ба ин масъала на танҳо олимони соҳаи кишоварзӣ ва биологӣ, балки олимони илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ низ бояд бо дарназардошти дастовардҳои илми ҷаҳонӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд. Таъмин намудани пешрафти илмҳое, ки ба офаридани навъҳои гуногуни наботот мусоидат менамоянд, зарур мебошад.



Инчунин, масъалаи бехатарии биологӣ, ки дар самти ҳифзи амнияти озуқаворӣ ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсонро фаро мегирад, аз ҷумлаи мушкилоти глобалӣ ба шумор меравад.

Дар замони муосир, яъне дар шароите, ки хатари силоҳи биологӣ ва биотерроризм зиёд шуда истодааст, ин масъала аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Паҳн гардидани вирус ва генҳои бемориовар, бо бактерияҳо олуда шудани маҳсулоти озуқа, олудашавии хок ва обу ҳаво, ворид гардидани шаклҳои бегонаи организмҳои зинда ба экосистемаҳо омилҳои манфӣ ва номатлубе мебошанд, ки андешидани чораҳои муассирро вобаста ба бехатарии биологӣ тақозо мекунад.

Фаъолияти олимонро ба самтҳои таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, ки бидуни онҳо пешрафти иқтисодиёти миллӣ ғайриимкон аст, равона намудан талаби замон аст.

Таҳқиқоти дар ин самт амалигардида бояд ҳатман дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ карда шаванд. Бо ин мақсад ба роҳ мондани робитаи илм бо истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи Академияи илмҳо ва вазорату идораҳои дахлдор ба ҳисоб меравад.

Дигар рисолати муҳимми олимони кишвар поку бегазанд нигоҳ доштани забони давлатӣ, густариши доираи истифодаи он, суфтаву ғанӣ гардонидани забони адабӣ, тоза нигоҳ доштани забони муоширát, эҳёи фарогири забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгони мо, ки дар ғанисозии тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд, соҳибӣ намудани мероси онҳо ва мубориза бо таҳрифгарони таърихи пурифтихори халқамон мебошад.

Бинобар ин, Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавиро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самтҳои афзалиятноки илми кишвар боз ҳам пурзӯр намуда, иҷрои барномаву стратегияҳои дар соҳаи илм қабулгардидаро сари вақт ва босифат таъмин намоянд.

Ҳозирини муҳтарам!

Сифати таҳсилот дар оянда низ ҳамчун масъалаи муҳимтарини соҳаи маориф боқӣ мемонад. Қобили зикр аст, ки барои таъмин намудани сифати таълим то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳои дахлдор ва худи муассисаҳои таълимӣ корҳои зиёде амалӣ гардидаанд, вале барои ислоҳи вазъ дар ин самт бояд тадбирҳои ҷиддӣ ва қатъӣ андешида шаванд.

Аввалан, вобаста ба он, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар робита ба гузариш ба низоми кредитии таҳсилот низоми холгузориву рейтингии садхоларо ҷорӣ кардаанд, бояд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низ барои гузариш ба ин низом ва меъёри баҳогузорӣ ҳарчи зудтар чора андешида шавад.

Масъулони соҳаро зарур аст, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва дар баъзе муассисаҳои таълимии кишвар ба таври таҷрибавӣ ҷоригардидаро натиҷагирӣ карда, ин масъаларо ҳаллу фасл намоянд.

Дуюм, чунонки маълум аст, дар муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот аз соли 2007 низоми назорати сифати таҳсилот ва аз соли 2010 низоми идоракунии таҳсилот амал мекунад.

Вале бо сабаби нокифоя будани таҷриба ва камфаъолиятии масъулон, ки дар сохторҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, амалӣ нашудани баъзе принсипҳои идоракунии ин самти муҳимтарини фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ба назар мерасад.

Дар робита ба ин, роҳбарони Вазорати маориф ва илм ва масъулини соҳаро зарур аст, ки тавассути татбиқи самараноки принсипҳои идоракунии сифат барои гузариш ба низоми муосири таъмини сифати таҳсилот замина муҳайё созанд.

Сеюм, мо сиёсати давлати худро дар соҳаи маориф ба сӯи наздикшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот равона сохтаем. Дар ин росто, моро зарур аст, ки низоми арзёбии сифати таҳсилотро низ ба ин меъёрҳо мутобиқ гардонем.

Аз ҷумла, мо бояд низоми кафолати сифати таҳсилотро, ки дар кишварҳои пешрафта, махсусан, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ роҳандозӣ шудааст, ҳамаҷониба омӯхта, барои гузариш ба ин низом замина фароҳам оварем.

Ҳоло бо мақсади беҳтар намудани сифати таҳсилоти олии касбӣ ва мутобиқ кардани он ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар дар доираи Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф ислоҳоти ҷиддии таҳсилоти олии касбӣ оғоз шудааст.

Илова ба корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида, Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд дар хусуси ба фазои ҷаҳонии таҳсилот мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва устувор гардонидани мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар арсаи байналмилалӣ барои аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани барномаҳои таълимӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки мо бояд ба сатҳу сифати таҳсилот аз ҳарвақта дида, бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем, дар ҳамаи зинаҳои таълим усулҳои пешқадамро ҷорӣ созем ва талаботро нисбат ба таълими донишҳои назариявӣ ва амаливу таҷрибавӣ пурзӯр намоем. Мо илмро пояи устувори давлат ва ҷомеа дониста, барои рушди пайвастаи он шароити боз ҳам беҳтар фароҳам меорем.

Ҳамзамон бо ин, олимонро зарур аст, ки ҳамкориро бо истеҳсолот густариш бахшанд, навгониҳои илмиро дар истеҳсолот бештар ҷорӣ намоянд, барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ талош варзанд, ҷавононро ба илмҳои бунёдӣ васеъ ҷалб созанд ва дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун нерӯи фаъоли ҷомеа саҳмгузорӣ намоянд.

Омӯзгорони мо бояд меъёрҳои арзёбии дониши шогирдонро тавсеа бахшанд, барои омӯзонидани таърих, забон, адабиёт, фарҳангу санъати гузаштаву муосир, расму ойин ва дигар арзишҳои миллӣ зиёдтар талош намоянд, ба хонандагону донишҷӯён арзишҳои муқаддаси истиқлолият ва озодиро дуруст шарҳ диҳанд, моҳияти сулҳу суботро ҳамчун шарти асосии зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистони азиз таблиғ созанд, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ талош карда, дар раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандии демокративу дунявӣ саҳми арзандаи хешро гузоранд.

Падару модарон ба сифати нерӯи асосӣ ва фаъоли ҷомеа бояд ба таълиму тарбияи фарзандон зиёдтар аҳаммият диҳанд, онҳоро дар рӯҳияи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва омӯзгорон тарбия карда, барои боло рафтани сатҳи ҷаҳонбиниву дониши наврасону ҷавонон саъю талош варзанд, завқи онҳоро ба китобхонӣ, донишандӯзӣ, забономӯзӣ ва варзиш зиёд гардонанд ва барояшон ҷиҳати омӯхтани касбу ҳунарҳои замонавӣ шароити хуб фароҳам оваранд.

Падару модарони муҳтарами мо бояд назоратчӣ набошанд, балки фарзандони худро тарбия кунанд ва барои ҳамчун инсони комил ба воя расонидани онҳо заҳмат кашанд. Ин кор танҳо вазифаи мактаб ва омӯзгор нест.

Наврасон ва ҷавонон, ки мо онҳоро наслҳоиояндасози кишвар медонем, вазифадоранд, ки ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарҳои замонавӣ ҷиддӣ машғул шаванд, ду - се забони хориҷиро мисли забони модарии худ донанд ва истифодаи технологияҳои электронии муосирро аз худ намоянд.

Шумо - ҷавонони азиз, ҳаргиз фаромӯш накунед, ки гузаштагони мо - тоҷикон дар тӯли тамоми таърих соҳиби саводу маърифат, китобу қалам, илму дониш ва офарандагони яке аз тамаддунҳои бостонӣ, инчунин, шаҳрсозу шаҳрдору шаҳрнишин буданд.

Мисоли равшани ин Саразми 5500-сола ва дигар шаҳрҳои қадимии тоҷикон мебошанд.

Миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз таърихан соҳиби ғурури миллӣ ва ҳисси баланди миллӣ мебошад.

Итминон дорам, ки шумо-ворисони аҷдоди сарбаланду некноми мо бо истифода аз шароиту имкониятҳои беҳтарине, ки давлату Ҳукумат бароятон муҳайё кардааст, ҳамчун насли сазовори номи неки миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли худ ба камол мерасед.

Ватанро сидқан ва мисли ҷони хеш дӯст медоред, барои ҳимояи он ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани азизи худ, яъне давлати соҳибистиқлолу озоди тоҷикон заҳмат мекашед.

Бо чунин орзуҳои нек тамоми хонандагону донишҷӯён, аҳли маориф, олимону донишмандон, падару модарон, сокинони мамлакат ва ҳамаи шумо - ҳозирини муҳтарамро бори дигар ба ифтихори муқаддастарин ва бузургтарин ҷашни миллӣ - 28-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил, табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо саломатӣ ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Саодатманду сарбаланд ва муваффақу пирӯз бошед!

*Ди гиллае зи турраш кардаму аз сари фусус,*
*Гуфт, ки ин сиёҳи каҷ гӯш ба ман намекунад! Ҳофизи Шерозӣ*

Анвори дониш
№12 (294), ПАНҶШАНБЕ, 26.09.2019

# МАРОСИМИ БА КОР ДАРОВАРДАНИ АГРЕГАТИ ДУЮМИ НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ "РОҒУН"



**ДУШАНБЕ, 09.09.2019 /АМИТ "Ховар"/.** 9 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар маросими ба кор даровардани агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ба шаҳри Роғун ташриф оварданд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар фурудгоҳи муваққатии майдони сохтмон Сарвазири мамлакат муҳтарам Қоҳир Расулзода, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, директори Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи "Нерӯгоҳи барқи обии Роғун" Хайрулло Сафарзода ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Ба кор даровардани агрегати дуюми ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ дар сархати хабарҳои воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ қарор дорад.

Маросими тантанавии ба кор даровардани агрегати дуюми неругоҳи барқи обии "Роғун" мустақиман тавассути ҳамаи шабакаҳои давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон пахш гардид.

Ин чорабинии муҳимро беш аз 140 нафар рӯзноманигори дохил ва хориҷи кишвар, агентиҳои иттилоотии бонуфузи байналмилалӣ аз Амрико, Италия, Олмон, Россия, Япония, Британияи Кабир, Хитой, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо васеъ инъикос намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳалли сохтмони нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" бо ҷараёни корҳо дар нақби сохтмонии СТ-4, нақби нақлиётии Т-9, нақб ва шахтаи ҳаворасон, шахтаи нақби турбинаи агрегати рақами 1, майдончаи сохтмони рақами 5А ва баромадгоҳи нақби сохтмонии СТ-3 шинос шуданд.

Дар мавзеи бунёди нерӯгоҳ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сифати корҳоро дар нақби сохтмонии СТ-4 назорат карданд.

Нақби сохтмонии СТ-4 дар маҷмӯъ, бо дарназардошти баромадгоҳаш 1798 метр дарозӣ дорад ва иқтидори обгузаронии он 3500 метри мукааб дар як сонияро ташкил мекунад.

Нақби обпартои сохтмонии СТ-4 барои партофтани об дар давраи серобӣ дар ҷараёни сохтмони нерӯгоҳ аз сатҳи 1090 метр то 1210 метр хизмат мерасонад.

Ду нақби обпартои болоӣ, ки аз сатҳи 1190 метр сохта мешаванд, ба шохаҳои СТ-4 мепайванданд ва қобилияти обгузаронии ҳар кадом аз онҳо 1750 метри мукаабро дар як сония ташкил мекунад.

Қисми охири нақб, ки аз ду шоха иборат мебошад, дар вақти истифодабарии нерӯгоҳ низ хизмат хоҳад кард.

Иттилоъ дода шуд, ки даромадгоҳи нақб дар сатҳи 1190 метр қарор дошта, пурра сохта шудааст. Қутри он 15 метрро ташкил медиҳад.

Сипас Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сарбанди нерӯгоҳ боздид ба амал оварданд.

Сарбанди Роғун то сатҳи 1065 метр аз сатҳи баҳр бардошта шудааст ва дар он 6 миллион метри мукааб масолеҳи сохтмон рехтаву қабат ба қабат хобонида шудааст.

Ҳоло сатҳи оби обанбор ба 1058 метр расонида шудааст ва он имкон фароҳам меорад, ки ду агрегати навбати аввали нерӯгоҳ фаъолият намоянд.

Дар обанбори "Роғун" то имрӯз ҳамагӣ тақрибан 200 миллион метри мукааб об ҷамъ шудааст.

Зимни шиносоӣ бо ҷараёни корҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути нақби нақлиётии Т-9 ҳаракат карданд.

Нақби нақлиётии Т-9 иншоотест, ки қисмати поёноби нерӯгоҳро ба шонаи сарбанд ва майдончаи нақбҳои амудии идоракунии дарвозаҳои нақбҳои обрасони турбинӣ (лӯлагӣ) мепайвандад.

Нақби нақлиётии Т-9 дар давраи истифодабарии нерӯгоҳ низ амал мекунад. Он то майдончаи лӯлаҳои обрасон тӯл кашида, дар оянда ба ҳамаи дарвозаҳои лӯлаҳои обрасон аз ҳамин ҷо хизматгузорӣ хоҳад шуд.

Қисми дигари нақб аз шонаи сарбанд мегузарад ва имкон медиҳад, ки роҳи рафту омад то ба нерӯгоҳи Шӯроб таъмин карда шавад. Дарозии нақби нақлиётии Т-9, 530 метрро ташкил мекунад.

Нақб дар баландии 1300 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст.

Имрӯз, ҳамчунин, Президенти мамлакат бо иҷрои корҳо дар нақби ҳаворасон шинос шуданд.

Нақби ҳаворасон то меҳвари нақби амудии ҳаворасон 487,5 метр дарозӣ дошта, паҳноияш ба 8 метр ва баландиаш ба 8,4 метр мерасад. Он дар оянда барои таъмин намудани ҳавои тоза ба бинои трансформаторҳо, толори мошинҳо ва ба берун кашидани чангу ғубор аз иншооти мазкур хизмат мекунад.

Нақб ба се қисм тақсим шуда, як қисми он барои кашидани чангу ғубор, қисми дигар барои таъмини ҳавои тоза ва қисми сеюм барои дастрасӣ то нақби амудӣ ва баръакс то баромадгоҳи он пешбинӣ шудааст.

Нақби ҳаворасон бо нақби амудии ҳаворасон пайваст мешавад ва айни ҳол бо қутри 12,1 метр нақбканӣ шуда истодааст.

Мавзеи дигаре, ки Сарвари давлат бо ҷараёни кор дар он шинос шуданд, иншооти нақби турбинаи агрегати рақами 1 мебошад.

Нақби амудии обқабулкунаки агрегати №1 аз сатҳи 1172 метр оғоз ёфта, то сатҳи 956 метр ба поён меравад ва баландиаш дар маҷмуъ 216 метрро ташкил медиҳад. Қутри корҳои нақбканӣ бо 8,7 метр оғоз ёфта, қутри ниҳоияш 7 метрро ташкил медиҳад ва пурра оҳанпӯш мегардад.

Иттилоъ дода шуд, ки корҳои нақбкании фурнели он бо қутри 2,5 метр ба анҷом расидааст.

Дар майдончаи назоратии рақами 5а Пешвои миллат аз иншооти бунёдгардида ва сохташаванда, аз қабили КРУЭ 500кВ ва 220 кВ, мавзеи сарбанди нерӯгоҳ ва дигар иншоот боздид карданд.

Иншооти охирин, ки зимни ин сафар Пешвои миллат бо ҷараёни корҳо дар он шинос шуданд, нақби сохтмонии СТ-3 мебошад.

Нақби сохтмонии қабати 3-юм (СТ-3) тибқи лоиҳа бо мақсади гузаронидани об аз сатҳи 1035 метр то 1145 метр бунёд гардидааст.

Дарозии умумии нақб 1858 метрро ташкил медиҳад. Тавоноии обгузаронии нақби мазкур 3500 метри мукааб дар як сония мебошад. Нақби сохтмонии СТ-3 дорои якчанд нақбҳои ёрирасон аст.

Баромадгоҳи нақби сохтмонии СТ-3 дар сатҳи 946-973 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, баландиаш 26 метр ва дарозии даромадгоҳаш 100 метр аст.

Қобили зикр аст, ки нақби обпартои сеюм яке аз иншооти муҳим дар самти таъмин намудани бехатарии фаъолияти нерӯгоҳ ҳангоми серобии эҳтимолӣ бо насби дарвозаҳои сегментии таъмирӣ, садамавӣ ва асосӣ мебошад, ки ба маблағи 2,8 миллиард сомонӣ бунёд гардидааст.

Дар қатори дигар нақбҳо ин нахустин нақбе мебошад, ки дар доираи бунёди нерӯгоҳ дар даврони истиқлол сохта шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо рафти корҳо дар қитъаҳои алоҳидаи сохтмон ба сифати кори коргарон баҳои баланд дода, онҳоро ба иҷрои саривақтию босамари тадбирҳои созандагӣ дар нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ҳидоят карданд.

Баъди шиносоӣ бо ҷараёни корҳои анҷомёфта дар маҳалли сохтмони нерӯгоҳ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори агрегатҳо дар вазъияти тантанавӣ агрегати дуюми нерӯгоҳи барқи обии "Роғун"-ро ба кор дароварданд.

Ҳамин тавр, 9 сентябри соли 2019 дар таърихи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як рӯйдоди муҳиму тақдирсоз ба вуқӯъ пайваста, қадами устуворе барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ гузошта шуд.

Дар маросими ба кор даровардани агрегати дуюми нерӯгоҳ коргарони нерӯгоҳ, фаъолону зиёиёни кишвар, ҷавонон ва собиқадорони меҳнат иштирок карданд.

Баъди ба кор даровардани агрегати дуюми нерӯгоҳ нерӯи барқи аз он тавлидшаванда низ ба системаи умумии энергетикии мамлакат интиқол дода шуд.

Ёдовар мешавем, ки 29 октябри соли 2016 бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди сарбанди нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" оғоз гардида буд. Ҳамон рӯз Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паси чанбараки булдозер нишаста, расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро бастанд ва ба бунёди сарбанди ин нерӯгоҳи азим оғоз бахшиданд.

16 ноябри соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ агрегати якуми нерӯгоҳи барқи обии "Роғун"-ро ба кор дароварда, ба фаъолияти ин иншооти бузурги аср, ки ба рушду тараққиёти кишвар такони ҷиддӣ хоҳад дод, оғоз бахшида буданд.

Ҳамон рӯз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳалли сохтмони нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" иншооти муҳими нерӯгоҳ - хатти баландшиддати интиқоли барқи 500 кВ-и "Душанбе-Роғун" ва дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии нерӯгоҳи барқи обии "Роғун"-ро бо 19 дастгоҳи элегазии 500 кВ ва 4 дастгоҳи элегазии 220 кВ ба истифода доданд.

Баъди ба истифода додани агрегати якуми кохи нур вақти зиёде нагузаштааст ва аллакай, то имрӯз дар нерӯгоҳ 570 миллион киловатт-соат нерӯи барқ истеҳсол гардида, ба низоми энергетикии кишвар интиқол дода шудааст.

Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" пуриқтидортарин иншооти силсилаи нерӯгоҳҳои рӯди Вахш, аз 6 агрегат иборат аст, ки тавоноии ҳар кадоми онҳо 600 мегаваттро ташкил медиҳад. НБО-и "Роғун" бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт-соат) калонтарин нерӯгоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд. Ин рақам нисбат ба иқтидори истеҳсолии нерӯгоҳи барқи обии "Норак" якуним баробар зиёд мебошад.

Ҳар як ташрифи Сарвари давлат ба майдони сохтмони нерӯгоҳ рӯҳияи коргарони ин кохи нурофаринро болида мекард ва баръало мушоҳида мегардид, ки онҳо дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба устувору босифат анҷом додани ҳамаи корҳо сармашқ қарор додаанд.

Дар сохтмони нерӯгоҳ бо ҳидоятҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беш аз 25 ҳазор нафар сохтмончиёну муҳандисон ва дигар кормандони техникӣ саҳми арзанда гузоштанд. Корнамоии сохтмончиён барои ба кор даровардани агрегатҳои дигари нерӯгоҳ идома дорад.

Рушди соҳаи энергетика ба тараққиёти муназзами иқтисодии Тоҷикистон, хусусан, дар самти татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар нақши калидӣ мебозад.

Баъди пурра ба истифода додани неругоҳ имкон аст, ки дар кишвар даҳҳо корхонаи хурду бузурги саноатӣ бунёд ва ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд.

Ҳукумати мамлакат таъмини истиқлолияти энергетикиро яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор дода, барои расидан ба он тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар намудааст.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон инфрасохтори энергетикии кишвар куллан тағйир ёфта, бо татбиқи як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ имконият фароҳам гардид, ки дар кишвар низоми ягонаи энергетикӣ таъсис дода, бо барқ таъмин намудани соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ пурра аз истеҳсолкунандагони дохилӣ ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади рушди соҳаи энергетика ҳоло бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 16 миллиард сомонӣ идома дошта, дар доираи онҳо то ба имрӯз 7,6 миллиард сомонӣ аз худ гардидааст.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади татбиқи нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ ва амалӣ кардани мақсадҳои неку дурбинонаи Роҳбари давлат дар самти таъмини зиндагии шоистаи сокинони мамлакат бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истифодаи оқилонаву сарфакоронаи захираҳои гидроэнергетикӣ, сохтмону таҷдиди нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ оғоз гардида, хатҳои баландшиддати интиқоли нерӯи барқ ва зеристгоҳҳои барқӣ бунёд карда шудаанд.

Оғози корҳои барқарорсозӣ ва бунёди нерӯгоҳи барқи обии "Роғун", ба кор андохтани агрегати якуми он, ба истифода додани хатти баландшиддати интиқоли нерӯи барқи 500 кВ-и "Душанбе - Роғун", ба кор андохтани дастгоҳҳои тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 500 кВ ва 220-киловолтаи нерӯгоҳи барқи обии"Роғун", мавриди истифода қарор гирифтани нерӯгоҳҳои барқи обии "Сангтӯда - 1", "Сангтӯда - 2", "Помир - 1", нерӯгоҳи барқи обии "Тоҷикистон" дар баландии 3500 метр аз сатҳи баҳр дар ноҳияи дурдасти Мурғоб, Маркази барқу гармидиҳии "Душанбе-2", зеристгоҳҳои барқии 500-киловолтаи "Душанбе"ва"Суғд", хатти интиқоли барқи 500-киловолтаи "Ҷануб-Шимол", дастгоҳҳои тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 220 ва 500 - киловолта дар нерӯгоҳи барқи обии "Норак", зеристгоҳҳои барқии 220-киловолтаи "Лолазор", "Хатлон", "Айнӣ", "Шаҳристон", "Шаҳринав", "Геран-2", хатҳои интиқоли барқи 220 киловолтаи "Лолазор-Хатлон", "Тоҷикистон-Афғонистон", "Хуҷанд-Айнӣ", "Қайроққум-Суғд", "Айнӣ-Рӯдакӣ", оғози татбиқи лоиҳаи CASA-1000, оғози татбиқи лоиҳаҳои "Барқарорсозии нерӯгоҳи барқи обии "Норак", "Қайроққум" ва ба истифода додани зеристгоҳи барқии "Темурмалик" дар шаҳри Хуҷанд аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги Тоҷикистон дар роҳи расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ мебошанд, ки таҳти роҳнамоии бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмо-

малӣ Раҳмон амалӣ гардидаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари бунёди нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" танҳо барои таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии "Норак", "Сарбанд" ва "Қайроққум" беш аз 1 миллиарду 100 миллион доллари амрикоӣ ҷалб кардааст, ки ин ба 11 миллиард сомонӣ баробар мебошад.

Бо бунёд гардидани нерӯгоҳҳои барқи обии "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2", Маркази барқу гармидиҳии "Душанбе-2", агрегати аввали нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ва силсилаи нерӯгоҳҳои хурд зиёда аз 1900 мегаватт иқтидорҳои нав ба кор андохта шуданд.

Ҳамчунин, тавассути сохтмони хатҳои интиқоли барқи "Ҷануб-Шимол", "Роғун-Душанбе", "Лолазор-Хатлон", "Геран-Румӣ", "Тоҷикистон-Афғонистон", "Хуҷанд-Айнӣ", "Айнӣ-Рӯдакӣ", "Қайроққум-Ашт", "Қайроққум-Суғд" ба дарозии зиёда аз 1100 километр, 4 зеристгоҳи барқии 500 - киловолта, 10 зеристгоҳи барқии 220 - киловолта ва дигар иншооти барқӣ фаъолияти устувори низоми ягонаи энергетикӣ таъмин карда шуд.

Ҳамаи ин тадбирҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушду пешрафти соҳаҳои иқтисодии мамлакат, ноил гардидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ ва таъмини зиндагии шоистаи халқи тоҷик равона гардидаанд, ки пайомадҳои он дар рушд кишвари азизамон неку бобарор дониста мешавад.

Баъди ба кор андохтани агрегати дуюми нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ дар назди васлгарону ронандагон, нақбканону кафшергарон, пармагарону баркчиён, дуредгарону муҳандисон ва роҳбарони ширкатҳои сохтмонӣ суханронӣ карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кулли шаҳрвандони кишвар ва ҳамватанонни бурунмарзиро бо ин рӯйдоди муҳими таърихӣ табрику таҳният гуфтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки бо заҳмати содиқонаи мардуми сарбаланди тоҷик ва корномаи баҳодуронаи фарзандони бонангу номуси халқи тоҷик дарояндаи наздиктарин ҳамаи ниятҳои нек ва нақшаҳои созандаамон амалӣ мегарданд.

Таъкид гардид, ки ин иншооти ҳаётан муҳим мутобиқ ба талаботи меъёрҳои байналмилалии сифату бехатарӣ ва бо истифода аз технологияҳои навтарин бунёд шуда истодааст ва дарояндаи наздик на танҳо хонадони сокинони Тоҷикистонро нурафшон мекунад, балки ба кишварҳои минтақа низ хизмат хоҳад кард.

Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар дарёҳои Тоҷикистон ба таъмин намудани тавозун байни талабот ба қувваи барқ ва захираҳои об мусоидат карда, барои идоракунии устувори захираҳои об ва коҳиш додани норасоии нерӯи барқ дар минтақа кумак мерасонад.

Яке аз хусусиятҳои даврони муосир - тамоюли глобалии ташаккул ва пешбурди "иқтисоди сабз" ва дар ин замина, рӯ овардан ба манбаъҳои таҷдидшаванда ва аз лиҳози экологӣ тозаи истеҳсоли нерӯи барқ мебошад.

Тақрибан шаст фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд ва кишвари мо аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли "нерӯи сабз" аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад.

Сарвари давлат таъкид доштанд: "Мо тасмим дорем, ки ин захираи асосиамонро, ки яке аз заминаҳои бунёдии ташаккули "иқтисоди сабз" мебошад, ба манфиати кишвар ва минтақа истифода барем.

Тоҷикистон, инчунин, дар ҳалли масъалаҳои паст намудани хавфи офатҳои табиӣ, тағйёбии иқлим, дастрасӣ ба оби нӯшокии босифат ва беҳдошт, муҳити зист, инфрасохтору сармоя, мудирияти захираҳои об, аҳамият ва нақши он дар иқтисоди устувор пешсаф мебошад.

Ин ташаббусҳо имкон фароҳам меоранд, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон аз рӯи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи истеҳсоли нерӯи барқ чанд зина боло равад.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар истеҳсоли нури агрегати дуюмро ба тамоми мардуми сарбаланди Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол самимона табрик гуфтанд.

# РОҒУН. ДИДОР БО ПРЕЗИДЕНТ



*Салими Аюбзод, и.в. раиси бахши тоҷикии Радиои Озодӣ*

Хушбахтам, ки Ҷашни Соҳибистиқлолии Тоҷикистонро имсол дар Роғун пешвоз гирифтам. Чархи дувум гардон шуд ва як рукни қавии дигар ба кохи истиқлоли ин кишвар афзуд. Шубҳае нест, ки дар кишвар ид болои ид омад ва гоми дигаре гузошта шуд, то Тоҷикистон ба содиркунандаи муҳими барқ дар минтақа табдил ёбад. Ҳарчанд ҳамсояҳо ба фикри барқи боз ҳам арзонтари атомӣ пардохтаанд, барқи Роғун аз лиҳози экологӣ поктару бартар аст.

Имрӯз ончӣ дидам, маро дар ҳайрат гузошт. Бори аввал ба Роғун дар соли 1980 сафар карда будам, то матлабе нависам. Он замон чанд вагону анборча дигар чизе ин ҷо набуд. Ҳоло вусъати неругоҳ забонро лол мекунанд ва ҷойи он вагонҳо шаҳри зебои шабеҳ ба Роквилли Амрико қомат афрохтааст.

Ҳама ҷойи Роғунро мегаштем ва ин ҷо заҳмати ҳамкоронамро медидам, ки талошҳои зиёд мекарданд, то ба бинандаву хонандаву шунавандаи худ иттилои озод ва дасти аввал расонанд. Ин ҷо бештар бо коргарони одӣ ҳамсуҳбат шудем, ки аксарашон мегуфтанд, солҳои дароз дар Русия муҳоҷир будаанд ва ҳама заҳру сахтии онро чашидаанд. Ва акнун шоданд, ки Ватани худро обод мекунанд, бароиояндаи беҳтари фарзандони худ ҷон меканданд. Албатта, яке аз онҳо афсус ҳам мехӯрд, ки аз Русия ихроҷ шудааст ва ду соли дигар ба онҷо баргашта наметавонад. Се тани дигар аз гуфтани дастмуздашон худдорӣ карданд, танҳо гуфтанд, "ба зиндагӣ мерасад". Аммо тавре гуфтанд, ки воруна садо дод.

Онҳо қаҳрамонони Роғунанд. Ҳамонҳоеанд, ки ба гуфтаи президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон "санги хорои кӯҳро бо нохун меканданд", то Роғун сохта шавад. Вале дар ин тантанаи рӯз онҳо бештар пасманзар ва саҳнапуркун буданд. Аз як ҷой ба ҷойи дигар саф-саф бурдаву оварда мешуданд, соатҳои дароз парчамҳои дасташонро соябони сар кардаву мунтазир меистоданд.

Шояд президент инро медониста, ки вақте омад, падарвору дӯствор онҳоро ба оғӯш мекашид, ҳамроҳашон суҳбат мекард ва акс мегирифт. Аммо кори бузурге мешуд, агар яке аз онҳо, шояд ин пирмарде, ки ба ҳамкорони ман гуфт, аз оғози тарҳи Роғун ҳама талху ширини онро паси сар кард, ба ҷое нарафт ва холо ҳам он ҷо кор мекунад? Ҳангоми аксгирӣ чеҳраҳои онҳо медурахшид.

Иттифоқан, пас аз оғози кори Чархи Дувум президент хабарнигоронро низ ба наздаш даъват кард, ки ҳамроҳаш акс бигиранд. Намедонам, ин ҳам ҷузви барнома буд ё бадоҳатан худи ӯ барномашиканӣ мекард? Оё ин ҳамон самимияти инсонии ӯ буд ё майл ба мардумӣ ва хоксор номида шудан? Вале ҷолиб буд. Дастикам, хабарнигорони хориҷӣ ба ҳайрат афтоданд. Президент дасти аксари онҳоро фишурд ва сипосашон гузошт.

Пайти бисёр хубе барои мусоҳиба ё як мулоқоти матбуотӣ буд, як пресс-конфаронси бадеҳӣ, саридастӣ ва озод. Агар ӯ мехост, мисли ҳама расмияти шиканиҳояш, чуни суҳбатеро барпо мекард ва зоҳиран, ба ин наздик ҳам буд. Вақте дасти маро фишурд, лабханд зад, шояд шинохт, ки "хуш омадед" гуфт. Ман ӯро табрик кардам. Ба дунбол мехостам, бигӯям, як мулоқот ва мусоҳиба мехоҳам, вале дигарон пеш омаданду навбатро рабуданд ва масъулоне маро ақиб кашиданд. Хаёлам, баъд тоб хӯрду баргашт, гумон кардам, маро ҷуст, ба ҳар ҳол хориҷӣ ҳам набудам ва ду дафъа суҳбатҳое доштаем, лек аллакай канортар будам ва мунтазир меистодам, ки моро ба ҷойи худамон равона карданд. Суханонам ногуфта монд.

Ду моҳ пеш барояш дархости мусоҳибаи ихтисосӣ фиристода будам. То ҳол посухе нест. Гуфта будам, бо "Асахи Шинбун" ва "Евронюз" мусоҳиба додааст, чаро ба мо на? То ҳол посухе нест. Аммо имрӯз, пас аз чанд лаҳзаи пахш кардани тугмаи Чархи Дувум ва баъд аз ин хушрафтории наҷибона бо рӯзноманигорон, раисиҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи Истиқлоли Тоҷикистон ба журналистони "Ал-Ҷазира" мусоҳибаи ихтисосӣ дод. Охир, мо рӯзноманигорони тоҷик низ пурсишҳои зиёде дорем, бояд ҳаққи чунин мусоҳибаҳоро дошта бошем ва паёмҳои дасти аввали мардумро барояш ҳоҳем расонд. Шояд барояш ҷолиб бошад. Чаро на?

Дилам мегӯяд, Ҷаноби Олӣ пас аз ин дидори самимонаи имрӯза шояд дастур диҳад, ки маро пайдо кунанд ва бипурсанд, "чӣ дард дорам". Самимияти президент ба ин далолат мекунад. Вале шояд ҳам шавад ва шояд на. Шояд як рӯзе, замоне. Шояд нома ба эшон нарасидааст? Шояд намдонад ва бояд "беабадӣ" мекардаму барояш мегуфтам?

Ва аммо мардум. Умеди аксарият ба он буду ҳаст, ки пас аз Чархи Дувум кишвар аз камбарқии зимистонҳо пурра наҷот хоҳад ёфт. Фурӯши барқ ба кишварҳои дигар хуб аст, вале нахуст шояд мардуми худӣ аз барқ таъмин гарданд ва бад нест, агар нархи он ба андозаи суди фурӯш ба хориҷ арзонтар гардад. То на танҳо ҳар хонадон, балки ҳар диле бо тораи нури ишқомезе аз Роғун дурахшон шавад ва пур аз бовар ба фардои боз беҳтару беҳтар?

Оре, шояд, ки рӯзи ид воқеан бароям ид буд. Бо камоли хурсандӣ мегӯям: Иди Истиқлоли давлатӣ фархунда бод, ҳамватани азиз! Орзу дорам, рӯзе расад, ки одамон сӯзи истиқлолро на танҳо дар гардон шудани Чархи Роғун, балки дар ҳар лаҳза, ҳар нигоҳ ва ҳар нафаси худ, дар ҳар рагу шарён ва тору пуди ҷони худ ҷой диҳанд ва баробари ҷони хеш арҷаш гузоранд ва омода бошанд, барои он ҷон сипар кунанд. Боз ҳам муборак ва ҷовидон бод озодӣ ва соҳибистиқлолии миллат! Ба ҳар яки шумо, ба якояки Шумо!

# ДУРДОНАҲОИ БУЗУРГОН

Виҷдон - қонуни қонунҳост.

**А. Ламартин**

XXXX

Муаллим инсонро ташаккул медиҳад.

**М. М. Калинин**

XXXX

Муаллимӣ ҳунарест оливу наҷиб.

**Л. Н. Толстой**

XXXX

Мояи ифтихори муаллим талабагон - донаҳои кишташ мебошад.

**Д. И. Менделеев**

XXXX

Инсон бе санъату маърифат инсон нест. Агар аз санъат маҳрум бошад, гӯё, ки дил надорад, агар маърифаташ набошад, гӯё, ки мағз надорад.

**Бобоҷон Ғафуров**

XXXX

Пайдоиши рушди илм, санъат ва ҳунар ба эҳтиёҷот ва талаботи одамон вобаста аст.

**Демокрит**

XXXX

Агар Худо набошад, анҷоми ҳар коре раво хоҳад буд.

**Достоевский**

XXXX

Ба ҳамаи оламон имконияти бузург даст медиҳад, вале аксари одамон фаҳмида наметавонанд, ки бо он рӯ ба рӯ шудаанд.

**У. Даннинг**

XXXX

Тақдиратонро ба дасти худ гиред, дар акси ҳол онро нафари дигар ба даст мегирад.

**Ноел Тичи**

XXXX

Агар чизеро тасаввур кардан тавонӣ, онро ба ҷо оварда ҳам метавонӣ.

**Эйнштейн**

XXXX

Инсон қобилиятҳоро замоне мефаҳмад, ки барои истифода бурдани он азм намояд.

**Сенекаи хурдӣ**

XXXX

Зиндадилӣ на танҳо нишонаи солимист, он инчунин воситаи аз ҳама муассири пешгирӣ намудани ҳамаи бемориҳост.

**С. Смайлс**

XXXX

Шогирдон пайрави он устоде мегарданд, ки ӯ ба онҳо роҳ нишон медиҳад, вале пайрави он устоде намешаванд, ки ӯ танҳо хатоҳояшонро нишон медиҳад.

**Квинтилиан**

XXXX

Пул ченаки муваффақияти иҷтимой мебошад.

**Д. Клейсон**

XXXX

Агар хоҳед, ки ақлатон дурусттар кор кунад, аз ҳоли тани худ бохабар бошед.

**Р. Декарт**

XXXX

Гуфтан мумкин аст, ки ҳар як одам бо вуҷуди хорикулиода буданаш, дар тӯли ҳаёташ аз миллиард ҳатто як ҳиссаи имконияти мағзашро пурра истифода намебарад.

**Н. Дурбинин**

XXXX

Усули ягонаи фаҳмидани ягон чиз коре кардан аст.

**Б. Шоу**

XXXX

Одам дар он кор комёб мегардад, ки агар ба нерӯи худаш эътимод дошта бошад.

**А. Фейербах**

XXXX

Одами тавоно худашро айбдор медонад, одами нотавон дигаронро.

**Конфутсий**

XXXX

Барои одаме, ки хоҳиши расидан ба ягон мақсадро дорад, ягон монеа садди роҳаш намегардад.

**Мирабо**

XXXX

Кӯшишу ғайрат сахтиҳоро паси сар менамояд, коҳилӣ онҳоро бунёд мекунад.

**Б. Франклин**



XXXX

Омӯхтану андеша накардан сарфи беҳудаи вақт аст, вале андеша кардану наомӯхтан оқибати бад дорад.

**Конфутсий**

XXXX

Он чизе, ки мегиред, имконият медиҳад, ки муддате зинда бимонед, аммо он чизе, ки медиҳед, барои ҳамчун шахси гиромӣ зиндагӣ карданатон кӯмак мекунад.

**Маҳатма Гандӣ**

XXXX

Маҳалле, ки барои аз он гузаштан хоҳиш надоред, дар он роҳ низ нест.

**Б. Шоу**

XXXX

Пул он касонеро дӯст медорад, ки қонунҳои маъмулии ҷамъ кардани онро медонанд.

**Д. Клейсон**

XXXX

Васвасаи дунё шабеҳи оби баҳр аст: ҳар қадаре, ки одам аз ин об бисёр нӯшад, ҳамон қадар бештар ташна мешавад.

**Хирадманди Ҳинд**

*Таҳияи*
***Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

*Забони ёри ман туркию ман туркӣ намедонам,*
*Чӣ хуш будӣ, агар будӣ забонаш дар даҳони ман. Хисрави Деҳлавӣ*

Анвори дониш
№12 (294), ПАНҶШАНБЕ, 26.09.2019

# ҶОИ ЗАН КУҶОСТ: КУНҶИ ХОНА Ё МИЁНИ ҶОМЕА?

***Имрӯзҳо тамоми ҷаҳон аз баробарии гендерӣ, яъне баробарии ҳуқуқи зану мард ҳарф мезананду барои амалӣ сохтани ин ормон маблағҳои ҳангуфте низ ихтисос ёфта ва сарф мешавад. Вале, тавре ба назар мерасад, ин принсип дар амалкарди давлатҳо то ҳадди қонеъкунанда риоя намешавад.***



*Мазҳаб ҶУМЪА,*
*рӯзноманигор*

## БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ: АЗ ВОҚЕИЯТ ТО ОРМОН

Тавре ба назар мерасад, баробарии гендерӣ, бо вуҷуди талошҳо ва барномарезиҳои зиёд дар тамоми ҷаҳон даҳсолаҳо боз риоя намешавад. Ҳатто дар пешрафтатарин давлати демократии ҷаҳон - Иёлоти муттаҳидаи Амрико, ки бештар муддаии баробарии ҳаққи инсонҳо ва ба хусус баробарии ҷинсиятӣ аст, дар амал иҷрои ин амр нокифоя аст. Дар тӯли таърихи ин давлат 44 президент роҳбарии ҷумҳуриро ба ӯҳда доштаанд, вале дар миёни ин 44 президент ҳатто як зан ҳам набуд. Яъне таърихи ИМА зани президент будани ҳеҷ занеро ёд надорад. Ҳамчунин, дар интихоботи соли 2016, ки ду номзад ба ҳам рақобати шадиде доштанд, яке аз онҳо зан, намояндаи Ҳизби демократҳои ИМА Ҳиллари Клинтон буд. Вале бо вуҷуди таҷрибаи кофии сиёсӣ доштану яке аз сиёсатмадорони фаъол будан ба мақоми раиси ҷумҳур мушарраф нашуд. Ва ин бор низ номзаде аз ҷинси мард, ва як сарватманди ин кишвар, ба курсии раиси ҷумҳурии Амрико такя зад.

Назар ба ИМА дар Урупо вазъ беҳтар аст ва то ҷое баробарии гендерӣ риоя мешавад. Дар Урупо занонро дар вазифаҳои калидии давлат ва низ дар сатҳи роҳбарии як кишвар дидан мумкин аст. Яке аз занони таъсиргузор дар сёсати дунё ин Ангела Меркел, конслер ё Садри аъзами Олмон аст. Ӯ зиёда аз як даҳсола аст, ки Садри аъзамии Олмон мебошад.

Бону Меркел ҳаштумин Конслери кишвари Олмон ва нахустин зан аст, ки ин вазифаро то ба ҳол ишғол кардааст. Ӯ ин зимоматро аз соли 2005 то ба ҳанӯз ба уҳда дорад. Ангела Меркел дар ҳали масъалаҳои сиёсӣ хеле фаъол буда, ҳамеша дар баҳсҳои сиёсии ҷаҳон андеша ва афкори ӯ вазн дорад ва дар баъзе мавридҳо охирин суханро маҳз ӯ мегӯяд.

Тереза Мей аз дигар занони фаъоли Урупо мебошад, ки баъди фаъолиятҳои сиёсии хеш соли 2016 сарвазирии Британияи Кабирро ба уҳда дорад. Ӯ ҳамчунин, вазири корҳои хориҷии Британия ва вазири занон ва баробарҳуқуқиро ба уҳда дошт. Воқеан Британияи Кабирро метавон макони занони сарвазир унвон кард. Зеро бар иловаи Тереза Мей сарвазирии ин кишварро Маргарет Тетчер низ аз соли 1979 то соли 1990 ба уҳда дошт.

Маргарет Тетчерро ҳамчун "зани оҳанин" мешиносанд ва ӯ дар сиёсат яке аз шахсиятҳои калидии Британия ба шумор мерафт.

Дар Урупо дар баробари сарвазирони зан президентони занро низ дидан мумкин аст, ки дар замони роҳбарии онҳо, натанҳо кишварашон рушд карда, балки дар сатҳи кишварҳои ҷаҳонӣ ном баровардаанд. Масалан, соли 2018 дар мусобиқаи Ҷоми ҷаҳонии футбол, ки дар Русия баргузор шуд, ҷаҳон шоҳиди боз як шоҳкории президенти зан шуд.

Ин Президенти Хорватия Колинда Грабар-Китарович буд, ки бо шарофати таваҷҷуҳи хос ва ташвиқи бевоситаи ӯ тими футболи Хорватия сазовори ҷойи дуюм гардид. Маҳз худи Президент дар бозиҳои тими кишвараш дар миёни мухлисон тимашро тарафдорӣ намуд.

Дарвоқеъ дастоварди ҳар кишвар бастагӣ ба тарзи мудирияти дуруст аз суи роҳбарони он кишвар дорад, ки дида мешавад, кишварҳое тахти роҳбарии бонувон дар Урупо аз кишварҳои пешгом ва муваффақ дониста мешаванд.

Ҳамин гуна, занон дар дигар кишварҳои дунё низ ба мақоми роҳбарии давлат такя зидаанд, аз ҷумла роҳбарии давлатҳои- Аргентинаро дар солҳои 2007-2015 Кристина Фернандес де Киршнер, Финландияро дар солҳои 2000-2012 Таря Халонен, Филлипинро дар солҳои 2010-2016 Глория Макапагал-Арройо, Бразилияро дар солҳои 2011-2016 Дилма Русеф, Кореяи Ҷанубиро дар солҳои 2012-2016 Пак Кин Хе, Швейсарияро дар солҳои 2015-2016 Симонетта Соммаруга ба уҳда доштаанд. Аз соли 2014 то имрӯз Литваро зан - Даля Грибаускайте роҳбарӣ мекунад.

Аммо ин ҳол, дар Федератсияи Русия, ки дар мо дар бештари маврид ба ин кишвар тақлид мешуд, ҳолат дигаргуна аст. Агарчӣ Русия зани қудратманде чун Матвиенко ва чанд вазири зан ҳам дар кабинаи Ҳукумат дорад, аммо таҷрибаи сиёсии Русия нишон медиҳад, то имрӯз ягон ҳизби сиёсие дар ин кишвар вуҷуд надорад, ки роҳбарии онро зан ба уҳда дошта бошад. Дар мубориҷаҳои интихоботии порлумонӣ ва ишғоли маснади президентӣ низ мардон дастболо мебошанд.

Дар ҷомеаи Тоҷикистони мардсолор ин ҳолат айёнтар ба назар мерасад. Ҳарчанд ки мақомдорон аз баробарии гендерӣ дар кишвар ва қабул намудани қарору қонунҳои махсус оид ба ин принсип сухан мекунанд, вале дар амал манзараи комилан дигар ҳукмфармо аст. Ҳатто дар байни Қаҳрамонони Тоҷикистон исми як бонуро наметавон дид. То ҳол номи ҳеҷ зане, (агарчӣ бо номи одамон гузоштани шаҳру навоҳӣ чандон дуруст нест- "Ҳавво") ба ноҳия ё шаҳре дар кишвар гузошта нашудааст, дар ҳоле ки номи даҳҳо ноҳия ба ифтихори абармардони тоҷик номгузорӣ шудааст.

## ЗАНОН ХУД БАРОИ МАҚОМИ БАЛАНДТАР КАМТАР САЪЙ МЕКУНАНД

Ин ҷост, ки саволе матраҳ мешавад, ки дарвоқеъ ҷои зан куҷост? Кунҷи хона ё миёни ҷомеа?!



АНГЕЛА МЕРКЕЛ

Рӯзноманигор Абдуфаттоҳ Воҳидов бар он назар аст, ки бо вуҷуди таъкидҳои бешумори Роҳбари давлат аз минбарҳои гуногун дар бораи баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеаи кишвар ва дар ин самт қабул шудани қарорҳои сершумори кишвар, таъмини тавозуни гендерӣ дар кишвар то ҳол ҳамчун масъалаи мушкил боқӣ монда, занон, ба истиснои чанд нафари ангуштшумор, аз ҷиҳати ишғоли мансабҳои давлатӣ дар сатҳи корхонаю муассисаҳо ва мактабу боғчаҳои бачагон боло нарафтаанд. Яъне дар ин самт назари ҷомеаи мардсолори кишвари мо ба занон ҳамчун иҷрокунандаи ягона намуди фаъолият, ба хусус ба дунё оварандаи фарзанд ва тарбияи вай, аз байн нарафтааст.

Номбурда дар бораи он ки, чӣ боис шудааст то назари ҷомеаи мо ба зан, бо вуҷуди ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф шудани давлатамон, то ҳол тағйир намеёбад, гуфт, ки пеш аз ҳама, худи занон барои дар миёни ҷомеаи кишварамон мақоми баландтар доштан камтар саъй мекунанд. Зеро тафаккури онҳо, махсусан дар деҳот, аз замони кӯдакиашон дар оила ҳамчун "соҳибхоназан" ташаккул дода мешавад.

Духтарон минбаъд, бо мурури ба воя расидан, худро то ҳадди имкон барои иҷрои ҳамин вазифа омода месозанд ва дар бораи пешравии худ, донишомӯзӣ ва дар ҷомеа мақом пайдо кардан камтар андеша менамоянд. Ҳамин руҳия дар тафаккури писарон низ тарбия карда мешавад ва замони ба воя расидану ба ягон мансаб соҳиб шудан, онҳо ба зан ҳамчун манбаи таваллуди фарзанд ва иҷрокунандаи корҳои муқаррарии хонагӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ муносибат мекунанд ва қудратеро, ки дар занон нуҳуфтааст, ба эътибор намегиранд.

Абдулфаттоҳ Воҳидов ҳамчунин мегӯяд, ки дар замони мо, сабаби камбуди ҷойи кор, тамоюли ихтисор кардани кормандон ба вуҷуд омадааст: "- Бо итминон гуфта метавонам, ки дар ҳар корхона, дар мавриди ба вуҷуд омадани зарурати ихтисори кормандон, бо ҳар баҳона дар навбати аввал занонро ихтисор мекунанд. Дар маҷмӯъ, ҷомеаи мардсолори мо ва аксари кишварҳои олам, имрӯз барои ба занон додани имкониятҳои истифодаи иқтидорашон, яъне донишу малакаҳояшон дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии давлат омода нест."

## ҶОМЕАИ ТОҶИК АЗ ЗАНИ ШУҶОЪ ВА ОЗОД МЕТАРСАД

Бо вуҷуди он ки бархеҳо аз беҳуқуқии занон ва риоя нагардидани баробарии гендерӣ дар кишварҳои шарқ, аз ҷумла кишварҳои мусулмонишин нигаронӣ мекунанд, аз мушо-



ТЕРЕЗА МЕЙ

хидаҳо бармеояд, ки дар кишварҳои мусулмонишин бархе аз роҳбарон ва сарвазирон аз ҷумлаи занон буданд ва то ҷое онҳо дар рушду нумӯи ин кишварҳо саҳми чашмрасе доштаанд. Аз ҷумла, дар Ҳиндустон Индира Гандӣ, дар Покистон Беназир Бҳутто ва дар Қирғизистон Роза Отунбоева, аз ҷумлаи занone буданд, ки кишварро на танҳо роҳбарӣ намуданд, балки дар ҷараёни инқилобҳо ва раванди таҳаввулоту таърихи ин кишварҳо саҳми бузурге низ доштаанд.

Фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, шоира Адиба Азиз, ки чанде пеш оид ба масъалаи гендерӣ дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" баҳси тунде низ дошт, зимни суҳбат гуфт, ки ғолибан дар давлатҳои пасошӯравӣ, ҳатто дар Русияи путинӣ нақши зан хеле заиф аст. Украина ба ҳар ҳол барои худ як бонуи оҳанин дорад, ки ин Тимошенко аст.

Ба гуфтаи ӯ, Покистон бо Беназир Бҳутто, Ҳинд бо Индира Гандӣ ва Афғонистон ба теъдоди зиёди занони сиёсатмадор то ҷое пешқадамтар ба чашм мерасанд, барои намуна, халабони ҷавон Нилуфар аз Афғонистон ба ҷаҳониён худро муаррифӣ намуд. Афғонистон давлати ноамнест дар минтақа, вале ҳузури занони озодихоҳ бисёр равшан мебошад. Адибаи Азиз суол мегузорад: - Вале оё дар Тоҷикистон иҷозат медиҳанд, ки як хонум ба ҷаҳониён чеҳраи худро бозтоб намояд?

Ӯ қайд кард, ки ҷои зан дар раванди ҷаҳонишавӣ бешак дар ҷомеа аст. Аммо замоне, ки зан пойбанди шавҳар ва фарзанд мегардад, ҳама чиз иваз мешавад. Аммо номбурда гуфт, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон баробарии гендерӣ вуҷуд надорад: "Ҷое Наполеон ба ин маънӣ гуфтааст, ки агар ба дараҷаи тамаддуни миллате баҳо додан хоҳӣ, ба занони он кишвар бинигар-.Озодии зан танҳо дар пӯшидани либоси миллӣ ва урупой нест". Адибаи Азиз суол мегузорад, ки агар баробарии гендерӣ дарвоқеъ дар ҷомеаи мо бошад, пас чаро зани тоҷик то ҳанӯз сафир нест? Ба ин далел, ки Тоҷикистон давлати демократист, барномаҳои гуногун ба шакле роҳандозӣ шудан дорад, аммо яке аз сабабҳои риоя нагардидани баробарии гендерӣ ин аст, ки ҷомеаи мардсолори тоҷик аз зани шуҷоъ, озод ва соҳибмансаб сахт метарсад. Ин мардсолорӣ ҷинси мухолифро худхоҳ кардааст. Намунаи бориэтарин зани шуҷоъ Гулрухсор аст, аммо бо як гул баҳор намешавад."

Барои ҳалли масъала номбурда пешниҳод дорад, то қабл аз ҳама афкори ҷомеаро бояд тағйир дод. Ба мардуми ом бояд фаҳмонид, ки ҷойгоҳи зан баробарии мард



ҲИЛЛАРИ КЛИНТОН

аст, барномаҳое, ки аз тарафи ҳукумат рӯи кор меоянд, ҷиҳати дастгирии духтарон барои идомаи таҳсилот ҳаст. Ин танҳо алифбои генедерист.

## БАРОБАРИИ ГЕНДЕРИРО ҶОМЕА ДАРК НАКАРДААСТ

Дар ҳамин ҳол, бархе аз коршиносонт бар он назаранд, ки нақши зан дар ҷомеа назаррас аст ва фаъол набудани зан дар ҷомеа нишони заифии онҳо нест, чунки ихтисосҳое ҳастанд, ки занҳо наметавонанд дар он фаъолият намоянд.

Сайфулло Сафаров, файласуф ва собиқ муовини аввали раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар он назар аст, ки дар ҷомеа бояд ҷойҳо худи занон қобилияти фаъолият намуданро надоранд. Вай мегӯяд, "масалан, дар байни файласуфҳо ва онҳое, ки дар конҳои ангишт кор мекунанд, аз қадим занон дида намешаванд. Лекин Суқрот ба шарофати занаш Суқрот шуд."

Ба гуфтаи ӯ, дар Тоҷикистон Сарқонун, қонунҳои ҷорӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии гендериро кафолат медиҳанд, вале ҷомеа ин зарурато дарк накардааст. Аз ин сабаб расидан ба дараҷаи идеалӣ, кори саҳл нест. Ин равандитулонист ва дар дигар давлатҳо баробарии гендериро худи занҳо бо мубориза ба даст меоранд. Дар мо давлат пешниҳод мекунад, вале ҷомеа ва шуури ҷамъиятӣ онро қабул намекунад.

Сайфулло Сафаров афзуд: "Ҷои занон албатта ҷомеа аст. Ин ҳақиқати бебаҳс мебошад. Вале дар паҳлӯи онҳо бояд мардони босаводу бофарҳанг бошанд, ки занони худро дуруст роҳнамой кунанд. Модарони фарзандонашонро эҳтиром кунанд, то дигарон онҳоро эҳтиром намоянд."

Оё вақти он нарасидааст, ки дар баробари он ки ҳама аз баробарии гендерӣ мегӯянду маблағҳои ҳангуфте низ дар ҳолати номаълумӣ сарф мешавад, муайян намоем, ки ҷои зан куҷост? Кунҷи хона ё миёни ҷомеа?!

# МОМА, ОТАМ КАЙ МИЁЯ?...



*Ҳуриннисо АЛИЗОДА,*
*рӯзноманигор*

Амина набераи 6 солаи ман аст, ки аз марги падараш хабар надорад. Гоҳе, ки ба ёди падар дилтанг мешавад, мегиряд. Мегиряд бе сабабу баҳона ва мо ҳис мекунем, ки ӯ чӣ мехоҳад. Вале илоҷи "дард"-и ӯро, ки надорем, ба ягон машғулияте саргармаш мекунем, то боз барои чанде фаромӯш кунад, он ғами ноаёнеро, ки қалби хурдакаки ӯро мефишорад, вале худ дарк намекунад, ки чаро ва чун?

Бегоҳи ид дили Амина буғз гирифту баҳонаи гиря кофт. Мани дастам дар хамири орзуқ банд, ваъдааш додам, ки бо анҷоми корҳоям ба тамошо мебарамаш.

Ҳарчанд бегоҳ хаста будаму майли берун рафтан аз хона надоштам, ӯ пофишорӣ мекард, ки "ваъда карда будӣ".

Бале, ба кӯдак дурӯғ гуфтан осон нест, хоса Аминаи донои маро фиреб кардан мушкилтар аз ҳар чизест. Бо таъкиди он ки: "ором бишинаду сахт ягон чиро қапад, ба ман халал нарасонаду аз ҷой нахезад"-ҳои ман ҳамагӣ баъди як гардиши мошин, кор ранги дигар гирифт.

- Мома, мумкин аст, ман аз сидении шумо сахт қапида рост бестм"-гуфту аллакай пушти сари ман рост шуд.

- ГАИ бинад, маро ҷарима мекунад, гуфтанам ҳам фоида накард.

- Мома мо як бор қатии отам дар мошин рафтем, гаишника дидем, ман дар замин шиштам, ӯ нафаҳмид, ки ма ҳамиҷаюм, баъд гузаштем бо ма хестм"...

Як силсила қиссаҳои тифлонаи ӯ, ки ҳамагӣ дар иртибот бо падараш буданд, оғоз гаштанду чун ҳамеша дили маро ба дард оварданд.

Аз пеши ҳар чизе, ки мегузаштем ӯ дар бораи бо падараш дар он ҷо буданаш ё диданаш онро ҳамроҳи падар, кӯдакона ва бо шавқи зиёду ҳаяҷони беканор нақл мекард. Дар охири ҳар як хотирааш илова мекард, ки: "Ҳоли отам биёяд, боз бо ӯ меравем ба ҳамаи ин ҷойҳо".

Ӯ мегуфту ман раҳораҳ мегиристам. Ба ҳадде, ки чашмонам роҳро намедиданду метарсидам, ки тасодуфе накунам. Бо ҳар баҳона таваҷҷӯҳи ӯро дигар сӯ мекашидам, аммо бе сӯд. Ӯ баъди як дақиқа ба нақли навбатӣ мепардохт. Хайрият, ки ӯ аз пушт чашмони тари маро намедид. Аммо гоҳе, ки оҳи чуқур мекашидам мегуфт:

- Мома, так не дыши, а то мне будет грустно"... (Ӯ ки дар боғча русӣ мехонад, аксар фикрҳояшро бо ин забон баён мекунад)

Ман ҳам дигар чунин "дышат" накардам, аммо фикр мекардам, ки дилам мекафад. Худоё ин кудак рӯз то рӯз бештар мепурсад, ки падараш кай меояд, дигар ба вай чӣ бигӯям?..

Ҳаво пурчангу ғубор буду мо ба поркҳо рафта натавонистем. Ягона ҷойе, ки метавонист ин дам каме хотири Аминаро шод кунад, аз медонистагиҳоям "Ашан" буд. Рафтем ба он ҷо ва боз чандин хотираи ӯро дар бораи чи тавр мошинашро парковка кардан ва чӣ тавр даромадан ба "Ашан"-ро дар иртибот бо падараш, Амина бароям қисса кард.

Тақрибан як-якуним соат Амина дар он ҷо бо дигар тифлакон бозӣ карду ӯ аз қиссаҳояш дур гашту ман аз тазъйиқи шунидани онҳо. Ҳар кадоме аз ин ёдҳои кӯдаконаи ӯ бечорагии маро пеши тақдири набераҳоям, рӯшан мекард. Ҳар як нақли Амина бори дигар то кадом андоза падари меҳрубон будани Эмомалии ҷавонмаргро пеши рӯям бозгӯ мекард. Ҳар яке аз ин ёдҳо ҷигари маро сахттар месӯзонад, бо дарки оне, ки акнун ӯ танҳо дар хотираҳои фарзандон мемонад. Бо тасаввури он ки аз ин ба баъд ҳама



иду айём ва тӯйю сӯри набераҳои ман ба ёди падар тирагун мегарданд, мехостам фарёд бикашам, дод аз дасти фалаки беадолат бигӯям.

Амина ба хотир овард, ки идҳои пешин падар барояш чӣ тӯҳфаҳо меоварда, онҳоро ба "чикен" ва "Мерве" мебурд, онҳо чӣ мехӯрданд, чӣ мегуфтанд ва чӣ хурсанду хушбахт буданд. Ҳар чизе, ки Амина ба ёд меоварда, он шом ман ҳамонро мекардам, тӯҳфааш харидам, ба "Мерве" рафтем, ҳар чи ки дилаш хост дар ихтиёраш гузоштам. То каме аз ёди падар дураш кунам, вале натавонистам, хушбахташ созам. Зеро ман падари ӯ набудам, ман нақши худро доштам.

Ба саволҳои баҳисобаш, ки дар ба пай "кай омадан"-и отаашро доштанд, аксаран лол мемондам. Ҳини ба хона бозгаштан даме Амина мавзӯи сӯҳбатро дигар кард. Оҳ чи хуш шудам он лаҳзаҳо. Ӯ дар светофор ист кардани мошини маро дида гуфт:

- Мома, ту медонӣ, рангҳои светофор чӣ маъно доранд?

- Не. - гуфтам дар ҷавоб, то бубинам чӣ мегӯяд.

Ӯ ба мани 5 сол боз ронанда қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва аломатҳои светофорро бе иштибоҳ гуфта дод. Ман ҳам бо ҳайрату худро шокӣ нишон додан ӯро талқин ба идомаи сӯҳбат мекардам.

Сипас, Амина гуфт:

- Мома, ты знаешь что такое доброта?

Гуфтам:

- Нет.

Ӯ бароям хеле аз одамияту некиву накӯкорӣ панд гуфт. Таърифаш кардам, ки духтари донову зебоӣ. Рӯҳбаланд шуду гуфт:

- Медонӣ одам чӣ хел бояд некӣ кунад?

- Не, гуфтам бо таҳайюр.

Ӯ гуфт:

- Масалан, агар ягон кӯдаки камбағал хӯрок надошта бошад, ту бояд гамбургератро ба ӯ бидиҳӣ.

Гуфтам:

- Худат бояд гурусна монӣ?

Гуфт:

- Не. Ту агар ягон чизи дигар барои хӯрдан надошта бошӣ, бояд гамбургерро дутақсим кунӣ.

Офаринаш хондаму гуфт:

- Агар ту жвачка дошта бошиву ягон кудаки дигар, не, вай зиқ мешавад. Ту бояд барои вай ҳам бихарӣ. Агар дугонаат заколка надошта бошад, ту бояд як заколкаатро ба вай диҳӣ. Ман дар садик ҳамин хел мекунам.

Ман хеле ифтихор доштам, ки набераи дилкушоде дорам, ки аз адолату одамият бохабар аст. Аз қиссачаҳои ӯ дар бораи некиву накӯкорӣ чанд панди тозае бардошт кардам. Қоидаҳои роҳро ҳам аз диди ӯ "омӯхтам".

Бо дигарон қисмат кардани доштаҳоямро ҳам бо таъкиди вай, ба гӯш гирифтам. Зеро ӯ баъди ҳар як гуфтааш, муаллимвор мегуфт: "Фаҳмидӣ, мома?".

Бароиояндаи ӯ акнун ташвише надорам, ба ҷуз он ки посухи ин суоли ӯро надорам.

- Мома, отам кай миёя?...

## • Шеъри рӯз



***Кайвон Ҳошимӣ***

### МЕТАРСАМ

*Ман аз шабҳои торику бидуни моҳ метрасам.*
*На аз шеру паланг, аз ин ҳама рубоҳ метарсам.*
*Маро аз ҷанги рӯ дар рӯй дар майдон, гурезе нест,*
*Вале аз дӯстони об зери коҳ метарсам.*
*Ман аз сад душмани донои ломазҳаб наметарсам,*
*Вале аз зоҳиди беақлу ноогоҳ метарсам.*
*Ман аз таҳдидҳои зимнии золим наметарсам,*
*Ман аз нафрини як мазлум, аз як оҳ метарсам.*
*Ман аз аммомаю тасбеҳу тоҷу маснади шоҳӣ,*
*Агар уфтад ба дасти одами худхоҳ метарсам,*
*Маро аз Дориюшу Курушу ин ҷумла боке нест,*
*Ман аз қаддорабандони муриди шоҳ метарсам.*
*Наметарсам зи даргоҳи Худои меҳрубон аммо,*
*Зи бархе аз тарафдорони ин даргоҳ метарсам.*

# ЧОР ҲИКМАТ

### МАКРИ ЗАН

**Донишманде нисфи умри худро ба омӯхтани макри зан сарф кард. Зиёда аз даҳ ҷилд китоб дар ин мавзӯъ навишт. Ва рӯзе эълом кард, ки аз кулли макру ҳияли занон огаҳ асту ҳаргиз ба домашон намеафтад... Инро гуфту рахти сафар баст. Рӯзе аз рӯзҳои тобистон аз деҳае мегузашт, ки сахт ташна монд. Дари хонаеро зад то косае об пурсад. Дарро бевазани миёнасоле кушод. Донишманд гуфт:**

**- Ман роҳгузарам ва бисёр ташна мондам, косае об деҳ, то бинӯшам ва роҳамро давом диҳам.**

**Ба бевазан, ки 5 сол пеш шавҳараш фавтида буд, ин мард аз нигоҳи аввал маъқул шуда буд ва зан нақшаи нигоҳ доштани ӯро дар сар кашид.**

**Зан гуфт:**

**- Марҳамат ба хона дароед, ман бароятон ягон таъом биёрам.**

**Донишманд пурсид:**

**- Марди хона ҳаст?**

**Бевазан гуфт:**

**- Шавҳарам куҷое рафтаву ҳамин ҳоло бояд биояд.**

**Донишманд гуфт:**

**- Агар мардат нест, ман даромада наметавонам, беҳтараш обро меовардӣ, то бинӯшам ва биравам.**

**Зан косаи обро баровард ва чун донишманд ба нӯшидан сар кард, доду фиғони сахт бардошт. Донишманд аз ин ҳолати ногаҳонӣ тарсида, ба пушт зад ва ҳуш аз сараш парид. Ними шаб донишманд бедор шуд, ки дар оғӯши бевазан хобидааст ва аз ӯ тафсири ҳол пурсид.**

**Зан гуфт:**

**- Ман бевазанам ва чун туро дидам, хостам нигаҳ дорам. Ва дидам чун ту рафтанӣ, ба ҳилла даст задам. Вақте доду фиғон кардам, ҳамсояҳо омаданд. Ба онҳо гуфтам:**

**- Ин марди раҳгузар об хост ва то ман обро баровардам, ӯ аз ҳуш рафта. Шояд ӯ аз гурӯснагӣ афтид ва Худое накарда, назди дари хонаи ман аз гурӯснагӣ бимирад, ман назди Худо ҷавобгарам. Пас, ман бояд ӯро нигоҳубин бошам, то ба худ ояду роҳашро идома диҳад.**

**Ҳамсояҳо туро бардоштанд ва ба хонаи ман дароварданд...**

**Рӯзи дигар донишманд бархест ва ҳамаи китобҳояшро дар ҳавлии хона ба оташ заду шоду хуррам зиндагиашро бо ин зан идома дод...**

### ХУШБАХТӢ

**Подшоҳе бемор буд ва гуфт:**

**- Ҳар кӣ илоҷи дарди маро биёбад, ниме аз мулки шоҳии хеш ба вай диҳам.**

**Он гоҳ ҷумла ҳакимон бо ҳам гирд омаданду баҳс оростанд, ки шоҳро чӣ гуна бояд муъолаҷа кард. Ҳиҷ кас надонист. Аз ин миён танҳо ҳакиме гуфт, ки подшоҳро метавон дармон кард. Ӯ гуфт:**

**- Агар марде хушбахт пайдо кунем ва пироҳани вайро бигирему ба шоҳ пӯшонем, подшоҳ шифо хоҳад ёфт.**

**Он гоҳ подшоҳ надимонро сафарбар намуд, ки дар қаламраваш ҳамин гуна одаме хушбахт пайдо кунанд. Фиристодаҳои шоҳ чанд муддат кишварро аз ин сар то он сар гаштанду аммо шахсе хушбахт пайдо карда натавонистанд. Нафаре набуд, ки дам аз хушнудӣ мезада бошад. Оне тавонгару доранда, аммо касалманд ва оне ҳам солиму сиҳатманд, аммо фақиру камбағал; ва оне ҳам дорандаву солим, аммо ҳамсараш саркашу нохуб; ва ҳамчунин баъзеҳои дигар худ хубу фарзандонашон ноаслу бад - ҳар касе шикоят аз чизе дорад. Боре дар нимашабӣ писари подшоҳ аз бари кулбаҳое фарсуда мегузашт ва ба гӯшаш омад, ки касе мегуфт:**

**- Худоро шукр, инак корамро анҷом додам, ғизо ҳам хӯрдам ва вақти хоб асту хоб меравам; боз дигар чӣ мебояд маро?!**

**Шоҳзода шод шуд, дастур дод, ки пироҳани ин мардро бигиранд, аммо дар иваз ҳар қадар ки бихоҳад, барояш пул диҳанд ва пироҳанро барои шоҳ оранд. Надимон ба назди ин марди хушбахт омаданд ва хостанд, ки аз ӯ пироҳан бигиранд; аммо ин хушбахт то ҳадде фақиру бенаво буд, ки ҳатто дар бар пироҳан надошт.**

***(Ҳикоя аз Толстой)***

### ҲАСТӢ

**Моҳӣ ба об гуфт:**

**- Бе ту мемирам!**

**Об хост имтиҳонаш кунад. Гуфт:**

**- Меравам ва ба ҳарфҳоят фикр мекунам!**

**Рафт ва зуд баргашт, аммо моҳӣ мурда буд...**

**Мантиқ:** Ҳеҷ вақт бо набуданат касеро имтиҳон накун!

### ТАСАВВУР КАРДАНИ РОҲИ ҲАЛ

**Дар яке аз рӯзҳои хунук ва туман ду писарбачае дар болои ҳавзи обаш яхкарда яхмолакбозӣ мекарданд. Ғафсии ях дар ҳама ҷо як хел набуд, аммо кӯдакон ба ин аҳамият намедоданд. Ногоҳ дар як ҷой ях мешиканад ва яке аз писарбачаҳо ба дарухи об меғутад ва ба зери ях фурӯ меравад.**

**Дигараш саросема нашуда, зуд як сангеро гирифта, бо тамоми қувват ба рӯи ях задан мегирад ва яхро шикаста, дӯсташро берун мебарорад. Вақте ки наҷотдиҳандагон меоянд ва мебинанд, ки чӣ ҳодиса шудааст, онҳо аз писарбачаи наҷотдиҳанда мепурсанд:**

**- Ту ин корро чӣ хел кардӣ? Охир ях дар ин ҷо хеле ғафс аст ва бо ин санг ва ин дастони хурдакак шикастани он имконнопазир аст.**

**Дар ҳамин маврид мӯйсафеде ба назди онҳо меояд ва хандида, мегӯяд:**

**- Ман медонам, ки ӯ чӣ хел кард.**

**- Чӣ хел? - пурсиданд онҳо.**

**Мӯйсафед гуфт:**

**- Дар паҳлӯи ӯ касе набуд, ки ба ӯ гӯяд, ки ин кор имконнопазир аст.**

*Таҳияи*
*Ҷаҳонгир РУСТАМШО*

*Шеър донӣ чист? Марвориде аз дарёи ақл,*
*Хаст шоир он касе к-он турфа марворид суфт. Баҳор*



# ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ АЗ БОҒИ БА НОМИ САЙДАЛӢ ВАЛИЗОДА БОЗДИД НАМУДАНД

**Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Сайдалӣ Вализода аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдллоҳи Рӯдакӣ тибқи лоиҳаҳои тасдиқгардида, ки аз ҷониби зерсохторҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шудаанд, бо тарҳи замонавӣ, таъмиру азнавсозӣ гардидааст.**



**ДУШАНБЕ, 10.09.2019 /АМИТ "Ховар"/.** Тибқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва гулгаштҳои шаҳри Кӯлоб таъмиру азнавсозӣ шуданд.

Дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Кӯлоб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти умҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин дар кӯчаи Шамсиддин Шоҳини шаҳри Кӯлоб, боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Сайдалӣ Вализодаро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Иттилооъ дода шуд, ки корҳои сохтмону барқарорсозии боғи мазкур. дар давоми чор моҳ бо ҷалби бинокорони маҳалӣ, бо сифати баланд ба анҷом расонида шудааст.

Боғи ба номи Сайдалӣ Вализода дар масоҳати беш аз 3-гектар замин бунёд гардида, дар ҳудуди он майдончаи мошинронии кӯдакон, 4 адад атраксионҳои замонавӣ, 2 майдончаи бозӣ барои кӯдакон, 2 фаввора, амфитеатри хурд бо 136 ҷойи нишаст, қаҳвахонаи "Ҷавонон" барои қабули 20 нафар мизоҷон дар як вақт, майдончаи варзишӣ бо дарозии 40 ва паҳноии 20метр сохта шуда, атрофи муҷассамаи модару кӯдак ва гаҳвора бо гулҳои мавсимӣ орову зебо гардонида шудаанд.

Ҳамчунин масоҳати 1,2 гектари боғ пурра сабзкорӣ гардонида шуда, дар атроф ва дохили сабзазор беш аз 150 ҳазор гулҳои мавсимию ороишӣ ва 300 бех арчаҳои гуногун шинонида шудаанд, ки ба ҳусни боғ шукуҳи дигар, зам намудаанд. Роҳраву атрофи сабзазор ва иншооти дохилии боғи ба номи Сайдалӣ Вализода 170 адад чароғпояҳо ва чароғҳои ранга, инчунин атрофи муҷассамаи модар ва танаи дарахтони азимро симтурҳои чароғон, равшан гардонидаанд. Инчунин тамоми роҳрав ва мавзеъҳои истироҳатию фароғатии дохили боғ сафолакпӯш гардида, дар канори роҳравҳо ҷойҳои нишаст ва қутиҳои партов насб карда, шудаанд. Атрофи боғ бошад, дар масоҳати 30 420 метри мурабба бо панҷараҳои оҳанин маҳкам карда шуда, роҳравҳои ду канори Боғ аз қисмати берун низ, сафолакпуш гардидаанд.

Дар атрофи боғи мазкур 4 дарвоза ва саҳни дарвозаи асосии боғ, баландиаш 8,5 метр мебошад, ки он низ мумфарш гардида, ду канори дарвоза барои таваққуфгоҳи нақлиёти шаҳрвандон муқаррар ва дар қисмати поёнии боғ бошад, ташноби зеризаминӣ, бо 8 нуқтаи хизматрасонӣ, тавассуи чоҳи амудии аз чуқурии 120 метр, ҳавзи захираи об бо ғунҷоиши 75м кубӣ ва трансфарматори алоҳида бо таъмини неруи барқи 400 кв бо обу барқ таъмин, бунёд гардиданд.

Инчунин зимни боздид зикр гардид, ки дар ҷараёни корҳои азнавсозӣ, барқароркунӣ ва сохтмони боғ, ниҳолҳои арча, ки дар масофаи хеле зич шинонида шуда буданд, ба қитъаи таҷрибавӣ- истеҳсолии Парки технологии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ кучонида шуда, 65 бех дарахтони калони сояафкани боғ нигоҳ дошта шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёду азнавсозии чунин боғҳои фарҳангӣ фароғатиро дар доираи эълон гардидани Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ инчунин истиқболи сазовор аз ҷашни бузургӣ миллӣ, 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯҳфаи арзанда ва намунаи ибрат номида, ба сокинони Кулобшаҳри бостонӣ табрику муборакбод намуданд.

Ҳамчунин баҳри ҷалби таваҷҷуҳи шаҳрвандон, меҳмонони дохиливу хориҷӣ ва дилхушии кӯдакон болои марғзорону сабзаҳои боғ композитсияҳои бадеӣ - китоби кушода, ҳайкалҳои палангу шутур, гавазну оҳу, санҷобакҳо, кабкҳову товуси хиромон насб карда шудаанд. Инчунин аз дохили кузаву хумҳои сафолин ва руи пару қаноти товус фавҷи гулҳои мавсимии гуногунрангу хушбӯ бинандаро мафтуни ин манзараҳои зебову дилкаш мегардонад.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудани боғи мазкур аз ҷониби Пешвои муаззами миллат, бо мақсади нигоҳубини гулу буттаҳо ва хизматрасониҳои гуногун 16 воҳиди корӣ ҷудо гардид.



Дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, адибон ва дигар намояндагони аҳли зиёи шаҳри Кӯлоб суҳбати самимию созанда анҷом доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба онҳо ҷашни бузурги миллӣ-28 - умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифтитоҳи иншооти таъиноти гуногунро дар шаҳри Кӯлоб муборакбод гуфтанд.



Сарвари давлат омӯзгоронро ба беҳтар кардани сифати таълим, тарбияи донишҷуён дар руҳияи хештаншиносӣ ва аҳли зиёро ба васфи зебоиҳои сарзамин, тарғиби дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ҳидоят карданд.

Таъкид намуданд, ки дар замони зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳар як фарди худогоҳ зиракии сиёсӣ ва ақлу ҳуши бедор талаб карда мешавад.

Мардум бояд ба арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти сарзамин арҷгузорӣ намуда, барои насли оянда як кишвари пешрафтаро ба мерос гузоранд.

Зимни суҳбат Президенти мамлакат таваҷҷуҳи аҳли зиёро ҳамчунин ба татбиқи қонунҳои амалкунанда, дар амал ҷорӣ кардани нақшаву ниятҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар тадбирҳои нек ҳидоят карданд.



Дар навбати худ аҳли зиё ба Пешвои миллат барои ҳамаи дастгириҳо ва таъмини зиндагии шоиста изҳори сипоси беандоза намуданд.

# НОМОВАРОНИ ДОНИШГОҲ



***ҲАКИМЗОДА** Саидҷон*



***АЙЮБӢ** Сафармуҳаммад*



***ҒОИБОВ** Маҳмад*



***САЛИМОВ** Миралӣ*

**Боиси сарфарозии бузург аст, ки шоирону нависандагони машҳури кишвар Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Муҳаммад Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, Саид Раҳмон, Сафар Амирхон, Карим Давлат, Хосият Ализода, Озар Салим ва дигарон номи донишгоҳи хешро ба қуллаҳои баланди шӯҳрат бардоштаанд.**

**Онҳо барои миллати тоҷик самимона хизмат карда, ашъоре офаридаанд, ки хонандагонро дар рӯҳияи инсондӯстӣ ва меҳанпарастӣ тарбия менамоянд.**

**Дар шумораҳои гузашта оид ба зиндагиномаи чанде аз онҳо ба хонанда маълумот дода будем ва дар ин шумора бошад, ба шарҳи ҳоли дигар шоирон мепардозем.**

**АЙЮБӢ Сафармуҳаммад.** 20.12.1945 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шуда, 22.02.2011 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст. Шоир, драматург ва рӯзноманигори тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон (1999), Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон (1995), мартабадори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ (2000), дорандаи Ҷоизаи Иттифоқи ходимони театрии Тоҷикистон "Ноҳид" (1994), Вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (2000-2005, 2005-2010), Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1986) мебошад.

Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти руси Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳозира ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, (1976), мухбири рӯзномаҳои "Роҳи ленинӣ", "Хатлон", ТоҷикТА, ТАСС ва Итар ТАСС (1976-1993), сармуҳаррири шуъбаи фарҳангӣ-адабии ТВТ (1993-1995), сардори раёсати фарҳанги Вазорати фарҳанги ҶТ (1995-1997), мудири шуъбаи масоили иҷтимоӣ, фарҳангӣ, робита бо созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва муносибати байни миллатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе (1997-2008) кор кардааст. Аз соли 2008 машғули кори эҷодӣ буд. Шеърҳои нахустинаш ибтидои солҳои 70 асри XX дар рӯзномаҳои "Роҳи ленинӣ", "Адабиёт ва санъат", маҷаллаи "Садои Шарқ" ба табъ расидаанд. Муаллифи маҷмӯаҳои "Гули гандум" (1981), "Роҳи сафар" (1984), "Шохаи барқ" (1986), "Фалаки роғӣ", достонҳои "Хоҳиши дарё", "Мунзим" (ҳар ду 1990), "Вафои зарробӣ", "Маснавии мирӣ", (2001), "Шаҳриёрнома" (2002) ва ғайра мебошад.

Айюбӣ ба муҳимтарин мавзӯъҳои фоҷеавӣ, таърихӣ ва ҳозиразамон, ишқӣ, иҷтимоӣ ва ғайра таваҷҷуҳ дошт. Вай орзую умедҳои наҷиби инсонӣ, ишқу муҳаббати поки инсониро тараннум менамояд. Айюбӣ яке аз шоирони машҳури суруднавис дар адабиёти муосири тоҷик буд. Беш аз 200 суруд навиштааст, ки композиторон Т.Шаҳидӣ, Ф.Одина, Х.Абдуллоев, Т.Сатторов, Б.Одинаев ба онҳо оҳанг бастаанд ва аз ҷониби сарояндагон М.Миров, Б.Азизов, О.Ҳошимов, А.Комилова, Д.Холов, Л.Давлатов, гурӯҳи эстрадии "Гулшан", Зикриллоҳ, Фотима Тӯраева, Миралӣ Достиев, Сӯҳроби Сафарзод, Файзалӣ Ҳасанов, Умари Темур, гурӯҳи эстрадии ВКД "Сипар" суруда мешаванд. Драманависӣ муҳимтарин ҷузъи фаъолияти эҷодии Айюбӣ буд. Муаллифи беш аз 100 драмаи манзум, аз ҷумла "Фишор" (1984), "Заволи Чамбули Мастон" (1997), "Хатои охирини Афлотун" (1990), "Алии Сонӣ" (1994, дар бораи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), "Меъроҷи Шоҳин" (1995, дар бораи шоири тоҷик Шамсиддини Шоҳин), "Амир Балъамӣ" (1997), "Ҷилвагоҳи офтоб" (2000), "Тӯй дар Хуррамдара" (2005) ва "Меъроҷ" (2010) мебошад.

Асарҳои драмавии ӯ дар театрҳои Душанбе, Кӯлоб ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар ба саҳна гузошта шудаанд ва дар озмунҳои театрҳои касбӣ соҳиби ҷоизаҳо гаштаанд. Баъзе шеърҳои Айюбӣ ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Вай шеърҳои адибон Н.Доризо, Р.Рождественский, М.Геттуев, Миртемир ва дигаронро ба тоҷикӣ гардондааст. Айюбӣ муаллифи филмномаҳои телевизионӣ, барномаҳои чорабиниҳои давлатӣ ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1100-солагии давлатдории Сомониён, 1150-солагии устод Рӯдакӣ, ҷашну ёдбуди адибону шахсиятҳои бузурги таърихию миллӣ ва ғайра мебошад.

**ҒОИБОВ Маҳмад Муродалиевич** (Муҳаммад Ғоиб, тав. 16.03.1954, деҳаи Алиҷони ноҳ.Данғара, аз хонадони деҳқон), шоир, рӯзноманигор, ходими давлатӣ, узви ИН Тоҷикистон, узви ИЖ Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон (2001), барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Хатмкардаи факултаи физикаи Ин-ти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1977). Таҳсил дар мактаби миёнаи зодгоҳ (1960-1968), донишҷӯи омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб (ҳоло коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1968-1972), донишҷӯ (1972-1977), хабарнигори радиои Кӯлоб (1977-1987), мухбири махсуси ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" дар собиқ вил.Кӯлоб (1987-1990), раиси кумитаи телевизион ва радиои вил.Кӯлоб, баъдан вил.Хатлон (1990-1992, 1997-2000), сардори қароргоҳи вил.Хатлон дар минтақаи Кӯлоб (1995-1997), муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-2006), директори "Тоҷикфилм" (2006-2014), директори шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон. Аз соли 2014 сармуҳаррири нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷумҳурият" мебошад. Муҳаммад Ғоиб баробари иҷрои вазифаҳои масъули давлатӣ барои сайқал додани ҳунар заҳмат кашида, дар муддати фаъолияти беш аз чилсолаи эҷод садҳо шеъру ғазал, рубоию дубайтӣ, суруду марсия, қиссаву достон, ҳикояву афсона, ҳаҷвияҳову асарҳои бачагона, драма, сенария барои филм ва даҳҳо мақолаву очерк навишта, беш аз 40 китоб ба чоп расонидааст. Вай дар чандин фестивалу машварати адибони кишварҳо ширкат карда, бузургии адабиёти тоҷикро муаррифӣ намудааст.

Офаридаҳои назмию насрии ӯ дар маҷмӯаҳои "Роҳи деҳа", Меҳргиёҳ", " Лолаи чашм", "Суруди ишқ", Дидор", "Сад ғазал", " Гавҳари меҳр", " Хоки ватан", "Парчами нанг","Хирмани гул", "Хирмани моҳ", " Дарди ширин", "Қиблаи умед", "Каъбаи дил", "Ашки қалам", "Фарёди ёдҳо", "Ифтихор", "Гумгаштапайдо", "Поси ошноӣ", "Ашки қалам", "Ифтихор", "Мавҷи нур", "Чашмаи меҳр", "Боми сипеҳр", "Девон", "Сояи нур" ва ғайраҳо гирд оварда шудаанд. Як қисми эҷодиёти шоирро шеъру достон, афсонаву чистонҳо ташкил медиҳад, ки тавассути китобҳои "Турнаҳо", "Тути Дара", "Савғо"(ба забони русӣ), "Роҳи Каҳкашон", "Пойгаҳ" пешкаши хурдсолону наврасон гардидаанд. Ҳамчунин ба қалами шоир драмаҳои "Шоҳи Ҳамадон", "Мири Кабир", "Эмоми Аъзам", "Арвоҳзада", "Зиндамаргон" ва "Волидони беворис", филномаҳои "Гумгаштапайдо", "Пуштаи ҳандақпеч", "Ҳасрати дидор", "Вафодор"ва гайраҳо тааллуқ доранд.

**ҲАКИМЗОДА Саидҷон** (тав.25.01.1939, деҳаи Каримбердии ноҳ.Восеи вил.Хатлон - ваф.13.07.2004, ш.Кӯлоб, аз хонадони деҳқон), шоир, рӯзноманигор, узви ИЖ Тоҷикистон (1971), узви ИН Тоҷикистон (1990). Корманди шоистаи Тоҷикистон (1996). Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Ин-ти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1969). Таҳсил дар мактаби 7-солаи зодгоҳ (1946-1953), донишҷӯи омӯзишгоҳи маданӣ-равшаннамоии ноҳ.Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) (1953-1957), мусаҳҳеҳ, ходими адабӣ, мудири шуъба, котиби масъул, ҷонишини муҳаррири рӯзномаи "Ҳақиқати Кӯлоб" (1957-1970), муҳаррир, сармуҳаррири кумитаи телевизион ва радиои собиқ вил.Кӯлоб (1971-1975), мудири шуъбаи рӯзномаи вилоятии "Роҳи ленинӣ" (1975-1988), мудири шуъбаи радиои Кӯлоб (1988-1990). Шеърҳои нахустинаш охири солҳои 50-ум ба табъ расидаанд. Муаллифи маҷмӯаҳои "Лолаи сурх" (1964), "Сарчашма (1983), "Ҷигаргӯша" (1987), "Хирман" (1989), "Кӯҳпора" (1996), "Чеҳраи субҳ" (1997), "Қадаҳи меҳр" (1998), "Нури чашм" (1999), "Фидоӣ" (1996), "Достони Сангак" (1993), "Сӯзи дил" (1996), "Садафмоҳ" (2000). Дар маҷмӯаҳои муштарак низ шеърҳояш чоп шудаанд.

Ҳакимзода баъзе шеърҳои шоирони рус ва халқҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравиро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Шеърҳои ӯ низ ба забонҳои русӣ, украинӣ, ӯзбекӣ ва ғайра тарҷума шудаанд. Бисёр шеърҳояш дар шакли суруд иҷро шуда, шуҳрат ёфтаанд. Баъди вафот "Куллиёт"-и ӯ нашр шудааст (2009). Эҷодиёти ӯ ба васфи Ватан-Модар, сулҳу субот, хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, дӯстии халқҳо, ишқу муҳаббат, садоқату самимият бахшида шуда, аз ибтидо диққати нақди адабиро ҷалб кардааст.

**САЛИМОВ Миралӣ Саидович** (тахаллус Озар, тав. 13.12.1968, деҳаи Ёдмони (Каримбердӣ) ноҳ. Восеи вил. Хатлон, аз хонадони зиёӣ), шоир, узви ИН Тоҷикистон (2003), барандаи Ҷоизаи адабии ҳукумати вилояти Хатлон ба номи Шамсиддини Шоҳин (2012), Аълочии матбуоти тоҷик (2012), Аълочии маорифи Тоҷикистон (2014). Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1991-1998), Таҳсил дар мактаби миёнаи №32 ноҳ. Восеъ (1977-1987), муаллими мактаби миёнаи №32 ноҳ. Восеъ (1991-1994), мутахассиси пешбари дастгоҳи раиси вилояти Хатлон (1994-1997), сардори маркази матбуотии раёсати корҳои дохилии вил. Хатлон (1997-2008). Аз соли 2008 сардабири маҷаллаи "Мактаб"-и раёсати маорифи вилояти Хатлон ва котиби масъули шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа. Муаллифи чандин маҷмӯаи шеърҳои ғиноист. Ӯ бо нишонҳои сарисинагии "Аълочии матбуоти тоҷик" (2012, Душанбе), "Аълочии маорифи Тоҷикистон" (2014, Душанбе) сарфароз гардидааст.

Осор: Намози бедорӣ, Душанбе, 1997; Як саҷда гул, Душанбе, 2002; Сарви дуо. Душанбе, 2004; Ирфони ҳино, Душанбе, 2006; Гуфтугӯи нахлу моҳ, Душанбе, 2010; Хурмои эътиқод. Душанбе, 2014.

*Таҳияи Ҷаҳонгир РУСТАМШО*

*Ошу нонат чун адо шуд, ошноят меравад,*
*Аз наво чун боз мондӣ, ҳамнавоят меравад. Лоиқ*

Анвори дониш
№12 (294), ПАНҶШАНБЕ, 26.09.2019

# АМНИЯТИ КИШВАРРО ЭҲТИЁТ МЕКУНЕМ!



*Нодира АШӮРОВА,*
***номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика***

Ман намояндаи насле мебошам, ки дар пайкари худ даҳшати ҷанги байнихудии тоҷиконро эҳсос кардаам. Соли 1992, ки ман донишҷӯи соли сеюми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб будам, бо сар задани даргириҳо худ ва хонадони худро дар зери хатари марг медидам, зеро ҳукумате набуд то ки мардумонро сарпарастӣ кунад. Ҳар ки силоҳ дар даст дошт худро шоҳ медонист ва ба аҳли илму маърифат таҳдид мекард. Ҳама дасти дуо бармедоштанд, ки сарваре пайдо шаваду онҳоро аз вартаи фоҷеа наҷот бахшад. Хушбахтона, пас аз гирудорҳо, сарсониву оворагиҳо ва дигар ошуфтагиҳо дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарваре пайдо шуд, ки бо худгузариҳо кафили раҳонидани мардум аз нокомиҳо гардид.

Дар бораи ба чоҳи нокомиҳо тела додани тоҷикон аз ҷониби гурӯҳҳои дингароёни силоҳбадаст, мо насли калонсолтар ҳарчи бештару бештар мебояд ҷавонони худро ҳушдор бидиҳем, ки душманони миллату давлати мо аз тамоми имкониятҳои дар даст дошта кор гирифта, нақшаи нооровм сохтани кишвари моро тарҳрезӣ кардаанд ва бо дасти ифротгароёни динӣ мехоҳанд онро татбиқ намоянд.

Мутаассифона, имрӯз на ҳама медонанд, ки сабабгори асосии сар задани ҷанги байнихудии тоҷикон мутаассибини динӣ, бо роҳбарии Ҳизби мамнуъгаштаи наҳзати исломӣ буд, ки сабабгори кушта шудани 150 ҳазор нафар ҷавонону наврасон гардида, кишварро ба як харобазор табдил дод, ки зарари молии кишвар7 миллиард доллари амрикоиро ташкил мекард. Беш аз 1 миллион шаҳрвандони кишвар гуреза шуда, ба хоки давлати Афғонистон паноҳ бурданд ва ба азобу ранҷи зиёд рӯбарӯ гаштанд. Албатта хисороти моливу иқтисодӣ дар баробари талафоти 150 ҳазор ҷавонон ҳеҷ аст, зеро молу манолро метавон барқарор кард, вале марги инсон бебаргашт аст. Он талафот ба генофонди миллат зарбаи сахт ворид кардааст ва даҳсолаҳо сипарӣ гарданд то миллати тоҷик он талафотро ҷуброн намояд.

Пас аз ба оштии миллӣ расидан, ин ҳизб бо баҳонаи ҷонибдорӣ аз дини ислом ва густариши арзишҳои демократӣ, сиёҳкориҳои хешро идома медод. Ба дастовардҳо ва пешравиҳои фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоии мамлакат бо чашми бахилӣ нигоҳ мекард. Худро ҳомии демократия намоён мекард. Гарчанде ба сиёсатпешагон маълум аст, динҳо ҳамеша аз арзишҳои демократӣ дур буданд ва ба вижа давлатҳои исломӣ хостҳои диниву мазҳабии худро бар сари шаҳрвандонаш таҳмил мекунанд ва дар сурати напазируфтан шаҳрвандро ё ба зиндон меафкананд, ё ба қатл маҳкум мекунанд.

Мо бо чашми худ дидем, ки чӣ гуна сарсупурдагони ҳизби мамнуъгаштаи исломӣ, дар симои генерали хоин Назарзода ҳамлаи мусаллаҳ ба ниҳодҳои ҳукумат бурда, кӯшиши табаддулоти давлатӣ карданд. Нерӯҳои амниятии кишвар, пас аз саркӯби онҳо тамоми нақшаи сиёҳи ҳизби сияҳкорро ошкор намуданд ва Суди олии мамлакат Ҳизби Наҳзати Исломиро ташкилоти экстремистӣ ва террористӣ эълон намуд.

Ҳоло низ ин хоинони давлату миллат ба хориҷа фирор карда, бо пули гурӯҳҳо ва давлатҳои бадхоҳи миллати тоҷик фаъолияти таблиғотии худро ба роҳ мондаанд. Онҳо ба иддеаҳои пучу подарҳавои худ номи давлати тоҷиконро сиёҳ кардан мехоҳанд. Ҳодисаи ғамбору нанговари моҳҳои наздик руҳдода - кушта шудани чанд тан сайёҳони хориҷӣ, ки ба дидани ватани ободу мардуми меҳмоннавози Тоҷикистон омада буданд, натиҷаи амали ин гурӯҳҳои террористӣ буд ва мо ватандорон имрӯз бояд фаромӯш накунем, ки душман дар камин аст ва метавонад ҳар лаҳза бо амали нангину ҷароҳатбори худ сулҳу осоиштагии ватанамонро халалдор созад. Ногуфтанагузорем, ки онҳо чанде пеш дар пойтахти кишвари Лаҳистон шаҳри Варшава гирд омада бо ҷамъе аз тоҷирони ҳанноти гуреза,бо сарвари хоини Ватану миллат Муҳиддин Кабирӣ ба ном ҳаракате созмон доданд, ки мехоҳанд боз аз исломи сиёсӣ истифода карда, қудрат ба даст оранд.

Аммо онҳо ба мақсадҳои шуми худ нахоҳанд расид. Дигар имрӯз он солҳои 90 - уми асри гузашта нест. Ба исти-



лоҳи мардумӣ"кӯр як бор асошро гум мекунад". Нерӯҳои амниятии кишварамон тамоми тавоноиву қудратро соҳибанд, ки бар фуки ҳар бадхоҳи оромиву осудагии халқамон мушти обдор занад. Ва чуноне шоири тавонои адабиёти форсу тоҷик Сайидои Насафӣ гуфтааст:

**Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,**
**Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.**

# УСТОД-РОҲНАМО

Аз Искандари Мақдунӣ пурсиданд, ки чаро устодатро аз падару модари худ азизтару меҳрубонтар медонӣ? Искандари Мақдунӣ дар ҷавоб гуфт: "Агар падару модар сабаби ба дунё омадани ман бошад, пас устод сабаби наҷот ёфтан аз роҳи зиллату нодонӣ дар ин ҷаҳон аст."

Оре, муаллим шахсест, ки роҳи илму доинишро барои ҳар як шахс кушода мегардонад. Устод аст, ки дунё зебост. Зеро ҷомеа аз заҳматҳои шабонарӯзии ӯ устувору побарҷост.

Яке аз ин фидоиёни илму таълим, методисти машҳур, устоди азиз, мураббии меҳрубон ва чароғи ҳидояти шогирдон Сангов Қаюм мебошанд, ки тамоми умри азизи худро ба таълиму тадрис ва тарбияи кадрҳои баландихтисос бахшидааст. Он кас соҳиби фарзандони накӯ, хонаи ободу буда, дар баробари ин ниҳолони босамар паваридааш шогирдони хеш мебошанд, ки имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳо кору фаъолият доранд.

Дар ҳақиқат омӯзгорӣ касби пуршарафест ва муаллим вазифаи масъулеро ба зимма дорад, зеро ки ӯ инсонро тарбият мекунад. Мо низ дар зиндагӣ пайрави устод гардидаем. То ҳол дарсҳое, ки устод ба мо дар даврони донишҷӯӣ мегузаштаанд, хуб дар хотир дорам. Устод дар дарс бисёр ҷиддӣ, сахтгир ва дар навбати худ ҳалиму меҳрубон ҳастанд. Ҳама дақиқаҳои дарсро босамар ва бамаврид истифода мебурданд. Дар масъалаи баҳо додан ба донишҷӯ одилонаву ҳаққонӣ кор мекарданд. Ёд дорам, ки дар вақти супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанни методикаи забони тоҷикӣ ба ман баҳои хуб (4) доданд, ҳоло он ки то рӯзи имтиҳон ман аз устод баҳои аъло мегирифтам. Шояд ин аз фориғболии ман нисбат ба имтиҳон буд, ки устод ба ман гуфта буд "Ба Ситораи мо чӣ шуда бошад?"



Инчунин, дар хотир дорам, ки ҳар нафаре аз имтиҳони давлатӣ мебаромад, яке гиря мекарду дигаре аз шодӣ гӯё дар куртааш намеғунҷид, зеро медонистанд, ки баҳои устодро на ба зорӣ ва на ба зурӣ харида мешавад.

Маҳз ҳамин сахтгирию содиқона фаъолият намудани устод буд, ки ҳанӯз меҳри он дарсҳо аз дили мо зудуда нашудааст. Шояд ҳамин самимияти устод нисбат ба дарс ва касбашон буд, ки касби онҳо ба ҳунар мубадал гаштааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид доштаанд, ки "Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст".

«Мо вазифадорем, ки омӯзгорони ба талаботи имрӯза ҷавобгӯро ба камол расонем, зеро ояндаи давлату миллат дар дасти онҳост», мегӯяд, устод Сангов Қаюм.

**Ба мисли қуллаҳои кӯҳи Помир,**
**Сари устод испеду баланд аст.**
**Ба пешонии ӯ ҳар чин ки пайдост,**
**Раҳи пaймудаи ӯ, рамзи панд аст.**

Албатта, зиёда аз 50 сол омӯзгор будан ба тасаввур осон аст. Дар асл мушкил аст, бисёр мушкил аст. Вале устоди мо дар ин муддат ҳеҷ эҳсоси хастагиро накардааст. Чаро? Чунки меҳру муҳаббати касб ба ин монеъ мегардад. Чун устод ба синни мубораки 80-солагӣ қадам гузоштанд, барояшон тансиҳатӣ орзумандам.

*Ситораи АБДУРАСУЛ,*
***ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он***

# ТОЗАНАШР

Ривояту ҳикояҳо дар бораи зиндагии Ҳазрати Мӯсо (а) дар Қуръони Маҷид, Таврот, Китоби муқаддас, Панҷкитоб порча-порча дар шаклҳои гуногун бисёр мебошанд. Вале чун хоҳиши омӯхтани зиндагиномаи Ҳазрати Мӯсо (а) пайдо гардид, китоб ё дастури алоҳидае оид ба ин шахсияти бузург дастрас нагардид, ки ҳаёту зиндагиномаи ӯро аз овони кӯдакиаш ба система даровarда бошанд.

Мураттиб ва муаллифи "Зикри қиссаи Ҳазрати Мӯсо (а) ва муҷодалаи ӯ бо Фиръавн" Абдурауф Ҳафизов бо завқу ҳаваси зиёд кӯшиш намуда, адабиёти гуногунро аз рӯзгори ин шахсияти таърихӣ - қонунгузор, асосгузори миллати яҳуд, ташкилкунандаи хуруҷи Банӣ Исроил аз Миср ва наҷотдиҳандаи қавми яҳуд аз зулму асорати шоҳони зулмпеша китоб ё дастуре омода намуда, дастраси хонандаи имрӯзу фардо намояд.

Мураттиб ва муаллиф ҳангоми омӯхтани зиндагиномаи Ҳазрати Мӯсо (а) бо бисёр далелҳои таърихӣ рӯ ба рӯ омада, баҳри равшану возеҳ намудани онҳо кӯшишу меҳнати зиёде кардааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҳазрати Мӯсо (а) яке аз аввалин пайғамбарони соҳибкитоб буда, Худованди Карим бо ӯ мулоқот карданро лоиқ дониста, муъҷизаҳо ато намуд.

Худованди яккаю ягона ба ӯ амр медиҳад, ки Бани Исроилро аз асорат наҷот диҳад, дар гуфтугӯ бо Фиръавн бо тамкин бошад, рисолат, нубуввaт, пайғамбарӣ ва расулии худро нишон ва маълум намояд.

Дар тамаддуни инсонӣ Ҳазрати Мӯсо (а) соҳиби нубуввату нишонаҳои пайғамбарӣ, дорои китоби Таврот, ки он як қисми Китоби Муқаддас - Инҷил, маҷмӯи навиштаҷоти муқаддаси дини яҳудиҳо буда, аз 39 китоб иборат мебошад.

Панҷкитоби Ҳазрати Мӯсо (а) - Ҳастӣ, Хуруҷ, Ибодат, Ададҳо ва Такрори Шариат ба он дохил мешавад. Аз рӯи дину оин Ҳазрати Мӯсо (а) аз мардуми яҳудитабор бошад ҳам, вале дастуру ҳидоятҳояш дар Қуръони Маҷид ва Инҷил васеъ истифода шуда, нақлу ривоятҳо дар васфи ин шахсияти таърихӣ дар 24 сура ва зиёда аз 200 оятҳои Қуръони Маҷид батафсил оварда шудааст.

Ҳаёти Ҳазрати Мӯсо (а), гуфтугӯи ӯ бо Парвардигори оламиён, баҳсу мунозираҳояш бо Фиръавн ва авлоди сахтсару якравааш мураттиб ва навиcандаи китобро водор намуданд, ки оид ба ҳаёт, зиндагинома ва корнамоиҳои ӯ, дар бобати наҷоти қавми он ҳазрат аз зулму асорати шоҳони зулмпеша ва золиму бедин ба хонанда маълумоте пешниҳод намояд.

Дар китоб омадааст: "Мӯсо (а) аз таваллуд зеботалъат, хушнамо буд, чеҳраи зебо дошт, дустрӯяк буданаш сабаб гардид, ки бо истодагарӣ шавҳарашро розӣ кунонад, ки кӯдакро ҳамчун писархонд қабул намояд. Мӯсо дар оилаи Фиръавн ба воя расида, хушандом шуд, ба ӯ илмҳои замонаашро омӯзониданд, вале азобу уқубат ва зулму истисмори Фиръавнро нисбат ба қавмаш - яҳудиён дида, ба мисриён нафраташ меомад. Аз қуввати ҷисмонӣ боқувват буд. Ба мисрие, ки бо яҳудӣ даст ба гиребон мешуд, ӯро мушти зада ҳалок мегардонад, тахтасанги болои чоҳи обро танҳо бардошта, ба гӯсфандони духтарони Шуайб (а) об медиҳад, далер, бошуҷоат, кори ҳарбиро хуб медонист, ташкилотчӣ буд, ки дар ҷанги зидди Эфиопия (ҳабашиҳо) ғалаба ба даст оварда, бо сарбаландӣ қӯшунашро ба Миср баргардонид.

Ҳазрати Мӯсо (а) нотарс буд, ки бо истифода аз муъҷизаҳои Худои таъоло ба ӯ дода бо Фиръавне, ки дорои қушун, ҳокимият, доройи зиёд буд, ба баҳсу мунозира баромада, золимию бединии ӯро исбот намояд ва истодагарӣ намуда, ба ибодати Худои ягона даъваташ кард, талаб намуд, ки Бани Исроилро аз машаққат озод намояд ва Фиръавн розигӣ диҳад, ки онҳо аз сарзамини Миср ба ватани аҷдодии худ раванд ва ин кор ба ӯ муяссар гардид, ҳамин буд, ки оқибат Фиръавн бо лашкараш бо истифода аз муъҷизаҳои Мӯсо дар баҳри Сурх ғарқ шуда, нобуд гардид.

Дар китоб, инчунин оид ба таърихи географияи Мисри Қадим, рушду нумӯи хоҷагии халқи он, мавқеи занон дар ҷамъият, косибӣ, ҳунармандӣ, илм, дин, сулолаи фиръавнҳо, бунёди аҳромҳои бузург мисолу далелҳои ҷолиб гирд оварда шудааст.

Дар анҷоми сухан гуфтаниам, ки китоб барои донишҷӯён, омӯзгорон, шавқмандон, ихлосмандону онҳое, ки аз ҳаёт ва зиндагиномаи Ҳазрати Мӯсо (а) бештару хубтар ошноӣ пайдо кардан ва донистан мехоҳанд, дастури хубе ҳоҳад буд.

*Абдулҳамид ГУЛАҲМАДОВ,*
***нависанда, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Аълочии маорифи халқ***

# ХИЁНАТИ АБДУЛЛО РАҲИМБОЕВ



Бобоҷон Ғафуров баъд аз суҳбат бо Сталин пайи дарёфти асрори хиёнати Абдулло Раҳимбоев мешавад. Соли 1983 миёни асноди зиёди таърихӣ дар китобхонаи шахсии Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Масква (ҳоло хиёбони Тверская 8) чашмам ба дусияе афтод, ки болояш "Абдулло Раҳимбоев" навишта шуда буд. Он вақт таваҷҷуҳ ба он зоҳир накардам. Аммо баъдтар, замоне ки аллакай Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрда буд, дубора ба ин китобхона рӯй овардам. Аз китобхона, китобҳои Бобоҷон Ғафуров дигар нишоне намонда буд. Хона фурӯхта ва китобҳо ба яғмо рафта буданд. Буданд он замон овозаҳо, ки гӯё Капиталина Александровна - ҳамсари Бобоҷон Ғафуров ба Сафорати Тоҷикистон дар Русия муроҷиат кардааст, ки китобҳоро харанд. Он замон дар Тоҷикистон оташи ҷанги шаҳрвандӣ фурӯзон буд, шояд ба ин хотир касе пайи китобхона нашуд.

Он дусия чӣ дошт, чӣ гуна онро Бобоҷон Ғафуров мехостанд мавриди истифода қарор диҳанд? Ин ҳанӯз муаммои сарбаста аст. Аммо хиёнаткор будани Абдулло Раҳимбоевро Бобоҷон Ғафуров дар суҳбатҳо бо ҳамкасбон, ҳамнишинон гаштаю баргашта таъкид мекарданд. Тасдиқи хиёнаткории ӯ сухани Сталин буд: "Абдулло Раҳимбоев гуфтанӣ касе буд, ки исбот кардан мехост, ки дар Осиёи Миёна тоҷикон вуҷуд надоранд".

Абдулло Раҳимбоев имкон дошт, ки ба манфиати миллаташ хизмат кунад. Аммо накард. Чаро? Биёед, ба зиндагиномааш назар меандозем. Ӯ 1 июни соли 1896 дар шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи Раззоқ, дар хонаводаи бозаргон ба дунё омадааст. Аввал дар мадрасаи динӣ, сипас солҳои 1908-1917 дар мактаби русии Хуҷанд, омӯзишгоҳи олии Самарқанд, семинарияи омӯзгорииТошканд таҳсил карда, муддате дар зодгоҳаш омӯзгорӣ, сипас бо ҳаракати инқилобӣ ҳамроҳ мешавад. Ӯ соли 1919 узви Ҳизби болшевикони Русия ( ҲКР (б)) котиби комиҷроия дар Мирзочӯл таъин мешавад. Солҳои 1919-1920 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти уезди Хуҷанд, раиси Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Самарқанд буд. Солҳои 1920-1923 раиси КИМ ҶШС Туркистон, котиби КМ ҲК Туркистон (октябри 1920 то июни 1923), узви коллегияи комиссариати халқӣ дар умури миллатҳои ҶШФСР, 1923-1924 котиби якуми КМ ҲК Бухоро, котиби дувуми КМ ҲК Туркистон ва аз майи 1922 то сентябри 1926 узви Шӯрои инқилобӣ-низомии Фронти Туркистон. Раҳимбоев яке аз имзокунандагони Паймони таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ аз 30 декабри 1922 буд. Пас аз бунёди ҶШС Ӯзбекистон, Раҳимбоев котиби КМ ҲК (б) Ӯзбекистон (аз декабри 1925) интихоб шуд дорандаи чандин нишон, аз ҷумла (орден) нишони Ленин ва нишонаи Байрақи Сурх аст. Моҳи августи 1937 ӯро дар Сталинобод боздошт мекунанд ва дар Лефортовои шаҳри Маскав зиндонӣ месозанд. 7 майи 1938 бино бар ҳукми Ҳайати низомии Додгоҳи Олии Иттиҳоди Шӯравӣ маҳкум ба марг ва дар Бутово парронда шуд.

Абдулло Раҳимбоев метавонист манфиати миллиро дар мақоми аввал қарор диҳад, бо он мақом ва мартабае, ки дошт, хизмат ба ватанро ҳадафи аслӣ қарор диҳад, зеро бо Ленин робита дошт, аз пуштибонии Сталин бархӯрдор буд. Аммо ӯ роҳи дигарро интихоб намуд. Саволҳо зиёданд, аммо посух ба саволе, ки гиреҳи ин муамморо мекушояд, сабаби пуштибонии Сталин аз Абдулло Раҳимбоев аст, ки дар табартақсими Осиёи Миёна даст дошт.

Фарзияҳо зиёданд. Шояд дар гӯшаи кадом як бойгоние далелҳо зери чанги таърих нуҳуфта, дусияи "Абдулло Раҳимбоев"-и Бобоҷон Ғафуров дар кунҷи хонае афтода бошад ва онҳо парда аз рӯи ин саҳна бардоранд. Вале як нуқта мусаллам аст, ки чунин амали Абдулло Раҳимбоев аз манфиатҳои геополитики болшевикон бармеомад. Таърих ба ин гувоҳ аст.

Ибтидои асри бисту як бархӯрди шадиди манфиатҳо ва тақсимоти ҷаҳон аз ҷониби абарқудратҳо роҳандозӣ шуда буд. Хусусан миёни Англия ва Русияи болшевикӣ барои тахти тасарруф даровардани Осиёи Марказӣ. Русияи подшоҳӣ дар Эрон моликият ва қудрат дошт. Вале гуфтушунид миёни Англия ва давлати болшевикон ҷониби дувумро водор месозад, ки аз манфиатҳояш дар ин кишвар сарфи назар кунад. Зеро Ризо Паҳлавӣ бо дастгирии Британиё дар Теҳрон ғалаба ба даст овард ва шоҳи ин кишвар эълон гардид. Болшевикон моликият ва тамоми дороии Русияи подшоҳиро ба ин кишвар ҳадя мекунанд ва дар натиҷа қариб бе мубориза соҳиби Осиёи Марказӣ мешаванд. Дар чунин вазъият дар марказҳои тамаддуни Осиёи Марказӣ давлат бунёд кардани тоҷикон ба манфиати болшевикон набуд. Ба воситаи пантурикизм пахш кардани панэронизм маънии аз байн бурдани даъвои Эрон ба марказҳои тамаддуни Осиёи Марказиро дошт. "Дар Осиёи Миёна тоҷикон вуҷуд надоранд",-гуфтани Абдулло Раҳимбоев ҳам сарчашма аз сиёсати миллии болшевикон мегирифт, ки ба он Сталин роҳбарӣ мекард. Ин луқмае буд, ки ба даҳони Абдулло Раҳимбоев гузошта буданд. Эрон худро ба оғӯши Инглистон андохт, тоҷикон дар коми аждаҳои нестӣ қарор гирифтанд. Воситаи расидан ба ин ҳадаф рӯй тофтани Эрон аз Осиёи Марказӣ ва хиёнаткорони фурӯхташуда буд, ки бо дасти онҳо фарзандони фарзонаи миллат Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва садҳо меҳанпарастон кушта шуданд.

Бобоҷон Ғафуров дармеёбад, ки Абдулло Раҳимбоев аз пуштибонии мустақими Сталин бархӯрдор аст. Барои ҳукумати болшевикон истифодаи намояндагони миллатҳо барои расидан ба ҳадафҳои геополитики худ як кори маъмулӣ буд. Зиндагиномаи Абдулло Раҳимбоев низ шоҳиди ин гуфта аст.

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
**"Тоҷикон дар суҳбати Ғафуров бо Сталин", - Душанбе, 2018, саҳ. 30-33**

# 100 КИТОБИ БАРТАРИ АСРИ XX




Ба таваҷҷуҳи дӯстдорони китоб мерасонем, ки 100 китоби бартари асри XX, ки донишмандони тоҷик Абдуқодир Рустам ин рӯйхатро тартиб додааст, ба хонандаи гиромии рӯзномаи "Анвори дониш" пешниҳод мекунем. 40 дарсади ин китобҳоро аз фурӯшгоҳҳои "Ошёни дониш" ва гузаргоҳи зеризаминии "Садбарг"-и шаҳри Душанбе дарёфт кардан мумкин аст. Ҳамчунин, ҳамаи ин китобҳоро хонандагон метавонанд аз дастандаркорони гурӯҳи "Китобкада"-и шабакаи "Фейсбук" дастрас намоянд. Бояд қайд намуд, ки аксари китобҳо бо забони русӣ мебошанд.

Феҳрист танҳо аз китобҳои насри бадеӣ фароҳам шуда ва таълифи шоиронро фаро намегирад.

Тавзеҳ: хондани осори Марсел Пруст, Ҷеймс Ҷойс, Роберт Музил, Герман Брох, Сэмюэл Беккет, Карлос Фуэнтес хеле душвор аст ва аз хонанда диққат ва сабру ҳавсала мехоҳад. Бинобар ин, аз хонандагони ҷавон мехоҳем, то андӯхтани таҷриба китоби ин нависандагонро ба даст нагиранд, чи мумкин аст, чизе нафаҳманд, китобро дур партоянд ва дилашон баякбор аз адабиёти бадеӣ сард бишавад.

Ва аз дӯстодорони адабиёт хоҳиш мешавад, онҳо низ феҳристи китобҳои писандидаашон аз адабиёти қарни XX-ро таҳия бикунанд, то тавонем аз адабиёти қарни XX ҷаҳон феҳристи миллӣ дошта бошем ва ҷавонон дар шаҳри бузурги адабиёт ба тангкӯчаю паскӯчаҳо ворид шуда, роҳгум назананд.

1. Дар ҷустуҷӯи замони аздастрафта. Марсел Пруст (Фаронса)
2. Улисс. Ҷеймс Ҷойс (Ирландия)
3. Сад соли танҳоӣ. Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Абдуғаффори Абдуҷаббор)
4. Ҷанги охирзамон. Марио Варгас Лиоса (Перу)
5. Доктор Фаустус. Томас Манн (Олмон)
6. Гурги даштӣ. Ҳерман Ҳессе (Олмон-Суис)
7. Устод ва Маргарита. Михаил Булгаков (Русия)
8. Ҳикояҳо ва эссеҳо. Хорхе Луис Борхес (Аргентина) (достонҳои "Инҷили Маркус" ва "Садбарги Параселз" - тарҷумаи тоҷикии Қодири Рустам)
9. Пирамард ва дарё . Э.Хэменгуэй (Амрико) (ин китоб ду бор ба тоҷикӣ тарҷума шудааст, аввал аз русӣ, ки номи тарҷумонро фаромуш кардаам ва баъдан аз ингилисӣ тарҷумаи Салимҷон Азизмуродов)
10. Хазони умри Одамхудо. Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Кӯҳзод)
11. Чевенгур. Андрей Платонов (Русия)
12. Маймунча. Франсуа Мориак (Фаронса)
13. Қаср. Франс Кафка (Чек-Утриш)
14. Ёддоштҳо. Садриддин Айнӣ (Тоҷикистон)
15. Кӯрӣ. Жозе Сарамога (Португалия)
16. Биёбони татар. Дино Бутсатӣ (Италия)
17. Мурофиа. Франс Кафка (Чек-Утриш)
18. Дата Туташхиа. Чабуа Амирэджеби (Гурҷистон)
19. Калидар. Маҳмуди Давлатободӣ (Эрон)
20. Москва - Петушки. В. Ерофеев (Русия)
21. Саргузашти сарбози чобук Швейк. Ярослав Гашек (Чек) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Ҷумъабой Азиқулов)
22. Бори ҳастӣ. Милан Кундера (Чек)
23. Деҳ. Шаҳр. Қаср (романи сегона). Уилям Фолкнер (Амрико)
24. Молики магасҳо. Уилям Голдинг (Ингилистон)
25. Ретгэйм. Эдгар Лоуренс Доктороу (Амрико)
26. Киштии сафед. Чингиз Айтматов (Қиргизистон) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Сорбон)
27. Дони ором. Михаил Шолохов (Русия) (тарҷумаи тоҷикӣ аз Ҳабиб Аҳрорӣ)
28. Марги Артемио Крус. Карлос Фуэнтес (Мексика)
29. Қисса ва достонҳои кӯтоҳ. Иван Бунин (Русия)
30. Гора. Робиндранат Такур (Ҳинд) (тарҷум аи тоҷикӣ, тарҷумонро намедонам )
31. Лолита. Владимир Набоков (Русия-Амрико)
32. Гуруснагӣ. Кнут Гамсун (Норвегия)
33. Меллон мимирад. Сэмюэл Беккет (Ирландия)
34. Достонҳои кӯтоҳ. Акутагава. (Жопан) (тарҷумаи тоҷикии "Азобҳои ҷаҳаннам" аз Қодири Рустам)
35. Зиндагии Клим Сангин. Максим Горкий (Русия)
36. Шоҳзодаи кӯчак. Антуан де Сент-Экзюпери (Фаронса) (тарҷумаи тоҷикии Гулназар, Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ ин китобро дар тарҷумаи форсии Абулҳасани Наҷафӣ ба хатти сириллик низ чоп кард)
37. Пойтахти куҳан. Ясунари Кавабата (Жопан)
38. Буфи кӯр. Содиқи Ҳидоят (Эрон)
39. Ғавғо ва ғазаб. Уилям Фолкнер (Амрико)
40. Се рафиқ. Эрих Мария Ремарк (Олмон)
41. 1984. Ҷорҷ Оруэлл (Ингилистон)
42. Роҳи Абай. Мухтор Авезов (Қазоқистон) (тарҷумаи тоҷикии ду ҷилди аввали китоб аз Эммануэл Муллоқандов)
43. Нақораи ҳалабӣ. Гюнтер Грасс. (Олмон)
44. Дарвеш ва марг. Меша Селимович (Югославия (Сербия)
45. Бехонумон. Йонас Авижюс (Литва) (тарҷумаи тоҷикӣ аз Ҷумъабой Азизқулов)
46. Номи садбарг. Умберто Эко (Италия)
47. Дар интизори барбарҳо. Ҷ. М. Кутзее (Африқои Ҷанубӣ)
48. Баччагони нимашаб. Салмон Рушдӣ (Ҳинд - Ингилистон)
49. Фарҳанги хазарӣ. Милорад Павич (Сербия)
50. Достонҳои кӯтоҳ. В. Шукшин (Русия) (тарҷумаи тоҷикии Ҷумъабой Азизқулов, Ҷонибек Акобиров, Анвар Олимов)
51. Нотурдашт. Ҷ. Д. Селинҷер (Амрико)
52. Галаҷазираҳои Гулаг. Александр Солженитсин (Русия)
53. Қиссаҳо. Васил Биков (Беларус) (қиссаи "Сотников" тарҷумаи Аскар Ҳаким)
54. Сандро аз Чегем. Фозил Искандар (Русия)
55. Театри оҳанин. Отар Чиладзе (Гурҷистон)
56. Хӯшаҳои хашм. Ҷон Стейнбек (Амрико)
57. Доктор Живаго. Борис Пастернак (Русия)
58. Педро Парамо. Хуан Рулфо (Мексика)
59. Гэтсбии бузург. Френсис Скотт Фитсҷералд (Амрико)
60. Таҳаввуъ. Жан Пол Сатр (Фаронса)
61. Паямбар. Ҷуброн Халил (Лубнон)
62. Достонҳои кӯтоҳ. Онелио Хорхе Кардосо (Куба)
63. Бозиҳои классикӣ. Хулио Кортасар (Аргентина)
64. Варавва. Пер Лагерквист (Суид)
65. Парвоз бар фарози лонаи фохта. Кен Кизи (Амрико)
66. Хобгардҳо. Герман Брох (Утриш)
67. Зане дар регистон, Кобо Абэ (Жопан)
68. Намоишномаҳо. Бернард Шоу (Ингилистон)
69. Мартин Иден. Ҷек Лондон (Амрико) (тарҷумаи тоҷикии Ӯктами Холиқназар)
70. Моҳ ва фулус. Сомерсат Моэм (Ингилистон)
71. Камо грядеши. Генрик Сенкевич (Лаҳистон)
72. Гойя. Лион Фейхтвангер (Олмон)
73. Асбҳо, асбҳо. Кормак Маккарти (Амрико)
74. Одамкуши кӯр. Маргарет Этвуд (Канада)
75. Пианистка. Элфрид Элинек (Утриш)
76. Бо чашми масхарабоз. Генрих Бёлл (Олмон)
77. Зиндагиномаи воқеии А-Кю. Лу Син (Чин) (тарҷумаи тоҷикии Қодири Рустам)
78. Пистони бузург, сурини лумба. Мо Ян (Чин)
79. Инсони исёнкор. Сизиф. Албер Камю (Фаронса)
80. Одами бешохиса. Роберт Музил (Утриш)
81. Шоша. Исаак Бешевис-Зигнер (Лаҳистон)
82. Саргузашти Шерлок Холм. Артур Конан Дойл (Ингилистон) (тарҷумаи тоҷикии Шариф Шараф)
83. Нафрат. Алберто Моравио (Италия)
84. Бодбурдаҳо. Маргарит Митчелл (Амрико)
85. Қисса ва достонҳо. Валентин Распутин (Русия)
86. Миссис Деллоуэй. Вирджиния Вулф (Ингилистон)
87. Номи ман сурх аст. Урҳон Помук (Туркия) (тарҷумаи тоҷикии Муҳаммадшарифи Рустам)
88. Достонҳои танзӣ. Азиз Несин (Туркия) (тарҷумаи тоҷикии Кӯҳзод ва боз тарҷумони дигаре, ки исмаш ёдам нест)
89. Кушторгоҳи шумораи panҷ, ё юриши салибии баччагон. Курт Воннегут (Амрико)
90. Қиссаққҳо. Грант Матевосян (Арманистон) ("Говмеш" тарҷумаи Саттор Турсун, "Водии сабз" тарҷумаи Қодири Рустам)
91. Ҳикояҳо. Фазлиддин Муҳаммадиев (Тоҷикистон)
92. Қонуни абадият. Нодар Думбадзе (Гурҷистон)
93. Амрикоии ором. Грэм Грин. (Ингилистон)
94. Хонанда. Бернхард Шлинк (Олмон)
95. Мисё Иброҳим ва гулҳои Қуръон. Эрик-Эмануэл Шмитт (Фаронса)
96. Ҳикояҳо. Ҷ. Д. Селинҷер (Амрико)
97. Ошиқи леди Чаттерлей. Дэвид Лоуренс (Ингилистон)
98. Лабони рангзада. Мануэл Пуиг (Аргентина)
99. Хонаводаи Паскуал Дуарте. Камило Хосе Села (Испания)
100. Фоҷиаи амрикоӣ. Теодор Драйзер (Амрико)

*Магар гавҳари мардумӣ гашт хурд,*
*Ки дар мардумон мардумиҳо бимурд.* *Низомии Ганҷавӣ*

Анвори дониш
№12 (294), ПАНҶШАНБЕ, 26.09.2019

# МИНБАРИ ДОНИШҶӮ

## АДАБ БЕҲТАРИН САРВАТИ ИНСОН АСТ!

*Дилрабои НЕЪМАТУЛЛО,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи омӯзгорӣ*



Адаб тоҷи сари инсон аст. Дар ҳаёт беҳтарин сарвати инсон ин одобу ахлоқи ҳамидаи ӯст. Дар замони ҳозир, мутаассифона инсонҳое ҳастанд, ки на одобу на ахлоқ ва на илму донишу маърифат доранд. Одобу ахлоқ ва таълиму тарбия аз ҷойгоҳи аввал, яъне оила сарчашма мегирад. Агар инсон аз оила тарбияи хуб нагирад, пас дар оёнда чӣ хел саҳми худро дар ҷамъият мегузорад?

Мо инсонҳоро мебояд дар пайравии Пешвои миллати худ саҳми босазои худро дар ободию созандагии кишвари азизамон гузорем. Олим шудан осону одам шудан мушкил аст, мегӯянд. Ба фикри мо инсонҳо агар илму дониш дошта бошанд, соҳиби обрӯю эҳтиром мегарданд. Инсон тавассути ҳам одобу ахлоқ ва ҳам илму дониш соҳиби обрӯю эҳтироми ҳамагон мегардад. Қиматтарин ганҷ дар ҳаёт ин илму донишу маърифат ва одобу ахлоқи ҳамида мебошад.

## ИСТИҚЛОЛИЯТРО ҲИФЗ МЕБОЯД!

*Амирҷони АБДУЛЛО,*
*донишҷӯи соли дуюми*
*факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



Ватани мо Тоҷикистон мамлакати хеле зебо аст. Дар он кӯҳсору водиҳо, чашмаву дарёҳои софу ширин мавҷуданд. Ватани мо дар ҳамаи фаслҳо зебо аст. Мардуми Тоҷикистон ба меҳмоннавозию меҳрубонӣ машҳур гаштааст. Дастархони мардуми тоҷик ҳамеша кушода ва пур аз неъмат аст. Хурсандибахш аст, ки имрӯзҳо дар Тоҷикистон истиқлолияти миллӣ торафт пойдору устувор гардида, халқи тоҷик пешравӣ ва комёбиҳои намоён ба даст оварда истодааст.

Миллати тоҷик воқеан ҳам мардуми дорои таъриху фарҳанги кӯҳан буда, барояшон истиқлолият бузургтарин арзишест, ки ба он ифтихори зиёди беҳамто доранд. Истиқлолият ин асоси давлатдориест, ки тоҷикон солоҳои дароз орзуи ба он соҳиб гаштанро доштанд. Аз ин лиҳоз, бояд мо нагузорем, ки ҳеҷ як қувваи носолим истиқлолияти моро халалдор намояд.

## АНАЛИЗАТОРҲОИ ҲАЙВОНОТ АҶОИБОТИ ОЛАМАНД!

*Баракатуллоҳ ҲУСАЙНОВ,*
*донишҷӯи соли 5-уми*
*факултаи химия, биология ва география*



Ҳайвонот дидаву шунида метавананд, бӯй мекашанд, маззаро мефаҳманд. Ҷонварон барои пайдо кардани ғизо, раҳои аз хатар ва ёфтани ҳамроҳони худ аз узвҳои ҳис, яъне чашм, гӯш ва бинӣ истифода мебаранд. Қисми зиёди ҳайвонот рангҳоро фарқ карда метавананд. Дар ин гуна ҷонварон ҳисси бӯй бештар инкишоф ёфтааст. Ҷонварони шабгард дорои узви шунавоии нозуку ҳассос мебошанд.

**Чаро чашми гурба дар торикӣ медурахшад?**

Гурбаҳо шомгоҳон ба ҷӯстуҷӯи ғизо мебароянд. Дар ин фурсат гавҳараки чашми онҳо васеъ гашта, рӯшноиро бештар дарк менамоянд. Дар паси шабакияи чашми гурба қабати махсусе, ки нурро инъикос мекунад, (тапетум) ҷойгир аст. Нур дар ин қабат акс ёфта, дубора аз шабакияи чашм мегузарад. Ба шарофати ин гурба дар торикӣ хеле хуб мебинад. Вақте дар шаб нури рӯшнои ба чашми гурба меафтад, тапетум онро инъикос мекунад ва дар натиҷа чашмони гурба медурахшанд.

**Делфин чӣ хел моҳӣ меёбад?**

Ҳангоми шикори моҳӣ делфинҳо садои пасти басомадаш тӯлонӣ мебароранд. Делфини амазонӣ дар як сония 80 маротиба чунин садо мебарорад. Садоҳо аз ашёҳои атроф акс ёфта, боз ба сӯи делфин бармегарданд. Ин ҳодиса эхолокатсия, яъне бозгашти акси садо ном дорад.

Аз рӯи эхолокатсия делфин дар куҷо будани моҳиро дарк мекунад. Наҳанг ва кӯршапаракҳо низ бо ин роҳ сайд менамоянд. Ғайр аз ин онҳо ба воситаи садо ҳамдигарро меёбанд, аз хатар огоҳ месозанд, бо якдигар муносибат мекунад. Тоҷикон делфинро ромуз меноманд. Бисёр баҳрнавардон ҳикоя мекунанд, ки ромузҳо киштиҳои онҳоро аз хатари ғарқ шудан наҷот додаанд.

**Хартум бинӣ аст ё...?**

Фил ҳайвони азимҷусса аст. Лаби боло ва бинии филҳо ба хартуми дароз табдил ёфтаанд. Фил ба воситаи хартум хӯрокро дошта, ба даҳон мегузорад, об менӯшад, ба тани худ об мепошад. Хартуми фил узви ҳис ва воситаи дарки маззаи ғизо низ мебошад.

**Харгӯш хатарро чӣ гуна ҳис мекунад?**

Дар кишвари маҳбуби мо харгӯшро парвариш мекунанд. Дарозии харгӯшҳо 40-50 см, вазнашон то 2-3 кг мешавад. Бинобар калону дароз будани гӯшашон харгӯшҳо садоро хело хуб мешунаванд. Номи харгӯш низ аз ҳамин ҷост. Баъзе харгӯшҳои амрикоӣ ба воситаи гӯш ҳарорати баданашонро низ идора менамоянд. Гӯши онҳо рагҳои хунгарди сершумор дорад, ки дар мавриди зарурат танг ва васеъ мешаванд.

## ҲУНАР – БЕҲТАРИН ГАНҶИНАИ ИНСОН

*Самариддин ҚУРБОНОВ,*
*донишҷӯи соли 4-уми*
*факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



**Айб аст, ки дар ҳунар накушӣ,**
**Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.**
**Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,**
**Дар дидаи мардумон азиз аст.**

Ҳунар барои инсон аз ҳама чизи қиматтарин ва волотарин ба ҳисоб меравад. Шахси ҳунарманд дар назди мардум обрӯ ва эҳтироми бениҳоят бузург дорад. Агар шахс ҳунар дошта бошад, мисли он аст, ки дунёро дорад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва солҳои 2019-2021-ро ҳамчун Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд. Мо ҷавононро мебояд дар ҷавоби ин ғамхориҳо ҳунар омӯзем ва ватани худро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоем. Мо бояд ҳунар омӯзем ва ба дигарон низ биомӯзонем. Ҳунар ҳатто аз зару зевар ва ҷавҳару гуҳар низ боло меистад. Шахсе, ки ҳунар надорад, мисли замине аст, ки дар он ҳеҷ чиз намерӯяд.

## БУНЁДИ РОҒУН – ШОҲКОРИИ АСР

*Манижа МАРАҲИМЗОДА,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи филологияи хориҷӣ*



**Он рӯз дер нест, ки дар партави нури Роғун Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол ва тоҷи заррини тоҷикон ҷилои тоза хаҳад гирифт.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар ҳар кишвари мутамаддину пешрафта масъалаи бунёди сохтмонҳои азими энергетикӣ дар мадди аввал қарор дорад. Яъне бе рушди соҳаи энергетика таъмини ҳаёти осоишта ва хуррам ғайриимкон аст. Илова бар ин, сол то сол зиёд гаштани талаботи халқ ба неруи барқ аз масъулин талаб мекунад, ки дар ин самт тадбирҳои муассир биандешанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади расидан ба истқлолияти энергетикӣ масъалаи бунёди Роғунро ба миён гузошт. Ин иқдоми сариваќтии ҳукумат аз тарафи халқ пазируфта шуд ва Роғун ба майдони корнамоӣ табдил ёфт. Ҳазорон нафар фотеҳони роҳи ояндаи мамлакат ба хоҳиши худ ба бунёди ин иншооти аср мароқ зоҳир намуданд. Онҳо хуб дарк карданд, ки бунёди Роғун самои зиндагиро ҷилои тоза мебахшад.

Хушбахтона, ба азми Рустамонаи халқи тоҷик дӯстони русу эронӣ низ пайвастаанд. Оре:

**Як гули мақсуд дар ин бӯстон,**
**Чида нашуд бе мадади дӯстон.**

Ободии Ватан қарзи ҳар як фарзанди бонангу номуси кишвар аст. Ҳамин аст, ки масъалаи бунёди Роғун ба шиори сабзи рӯз табдил ёфтааст. Барномаҳои рангини телевизиону радио, саҳифаҳои матбуоти даврӣ доир ба рафти корҳои сохтмонии ин иншооти бузург пайваста хабару гузоришҳои ҷолиброро ба мардум пешкаш мекунанд.

Азми мардум дар раҳандозии Роғун қавӣ буда, қобили ситоиш аст. Таърих бори дигар собит намуд, ки миллати тоҷик пайваста барои бахту саодати хеш талош варзидааст. Барҳақ, шоир фармудааст:

Роғун манбаи адонашавандаи нур аст, ки Тоҷикистонро дар оғӯши шарҳи кӯҳан ба ахтари ҳамешатобон табдил хоҳад дод. Мардуми Тоҷикистон бори дигар ба ҷаҳониён қудрати азалии хешро нишон дода, аз рисолати созандагӣ дарак доданд.

**Роғун, Роғун, чароғи сабзи Ватан аст,**
**Ободии мулки Тоҷикистони ман аст.**
**Бо заҳмати халқи мо шавад он бунёд,**
**Роғун ба мисоли мактаби илму фан аст.**

## МЕҲРИ ДӮСТ

*Расулзода АБДУЛКАРИМ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи физика ва математика*

НАВҚАЛАМ

**Ҳар гоҳ, ки зи ёд барори дӯстро,**
**Он гаҳ натавон бе ӯ кушодан дарро.**
**Дӯст бошад ҳамзабон ҳамфикри ту,**
**Ҳеҷ гоҳ аз бадгӯ мабош ту онро.**

XXXX

**Дилро бубин, дилро бубин, дил ба фиғон омадаст,**
**Ҳарҷо ки бурда мондамаш боз бар долон омадаст.**
**Эй гули зебои чаман, биё бо ҳам якҷо шавем,**
**Аз сӯзи ишқи ту дилам бар ин кӯҳистон омадаст.**

XXXX

**Ҳар гулеро ман бичидам, лек мисли ту набуд,**
**Ҳар гулеро ман бӯйидам, лек бӯйи ту набуд.**
**Ҳар касеро ман бидидам, лек мисли ту набуд.**
**Лек ишқи мо чу ишқи Лайливу Маҷнун набуд.**

## БА РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

НАВҚАЛАМ

*Таманои ИСМОИЛХУҶА,*
*донишҷӯи соли 3-юми*
*факултаи филологияи рус*



**Чу Рустам бар Душанбе**
**гашт сардор,**
**Накӯкор ҳасту**
**шахси неккирдор.**
**Ту гӯйӣ, ки Анушервони Одил,**
**Адолатро барояш дод таъвил.**
**Адолат аз нӯши Одил будаш,**
**Дуъои неки мардум буд судаш.**
**Ба мардони фақир ӯ меҳрубон аст,**
**Ҳама наздики ӯ андар амон аст.**
**Агар ранҷе расид бар марди деҳқон,**
**Куҷо ӯ бар лабаш бурд луқмаи нон.**
**Мегуфт: -"Ҳар луқмаи ноне ки морост,**
**Дар он ранҷе зи деҳқон хуфта барҷост.**
**То он ҳангом ки деҳқон нобаком аст,**
**Тановул аз барои ман ҳаром аст.**
**Ки неъматофарин аст марди деҳқон,**
**Чаро бояд ки бошад зору нолон?"**
**Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,**
**Аз ӯ гаҳ заръ гоҳе бӯстон аст."**
**Зиҳӣ, эй модаре, к-ӯро бизодӣ,**
**Ба мардумон ту пайки шодӣ додӣ.**
**Ки то тифли ту бошад бандапарвар,**
**Нахуфтӣ ҷумлаи шабҳо саросар.**
**Нишастӣ бар сари гаҳвораи ӯ,**
**Сухан гуфтӣ, зи адлу кори некӯ.**
**Басе ранҷу азоби зор дидӣ,**
**Ки то тифле чунинро парваридӣ.**
**Нарафт барбод ранҷи бурдаи ту,**
**Ҳалолаш бод, шири додаи ту.**
**Бубин, дар кори худ гардида олим,**
**Кӯтаҳ кардаст, дасти зулму золим.**
**Дарахти зулм аз бех баркашидаст,**
**Чунин бебокӣ то алъон кӣ дидаст?**
**Агар мисли ӯ будӣ чанди дигар,**
**Замин пок гаштӣ аз золим саросар.**

## МОДАРИ ҶОН, МОДАРАМ

НАВҚАЛАМ



*Фарзона МАҲМАДАЛИЕВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи молиявию иқтисодӣ*

**Хуб ҳастӣ дар бари ман, модари ҷон, модарам,**
**Соябоне дар сари ман, модари ҷон, модарам.**
**То ки ҳастам дар канорат аз Худо дорам талаб,**
**Ҳар нафас боши канорам, модари ҷон, модарам.**
**Аз дуои ту шавад комёб ҳар хубу баде,**
**Чунки ту як хуш дуой, модари ҷон, модарам.**
**Тифл будам, сабз шудам бо дуоят ҳар даме,**
**Чунки марҳам як ниҳолам, модари ҷон, модарам.**
**Ҳар сафар аз ту гирифта ман дуои хайрхоҳ,**
**То ки гардам ман саломат, модари ҷон, модарам.**

## НАЗАРЕ БА ҶАҲОНБИНИИ ҶАВОНОН

*Ҳоҷимуҳаммад Ашуров, донишҷӯи соли 4-уми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ*
*Дилноза АШӮРОВА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география*

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки ҷавонон нерӯи фаъоли ҷомеа, созандаи ояндаи дурахшони давлату миллат буда, дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ нақши назаррас доранд.

Оре, ҷавонон дар назди Ватан масъулияти бузург дошта, дар таҳкими давлатдории миллӣ нақши калидиро иҷро мекунанд. Бинобар ин, тарбияи дурусти насли наврас вазифаи муҳими ҷомеаву давлат ба шумор меравад. Маҳз дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонгароӣ тарбия ёфтан ва дорои маърифати баланди сиёсию ҳуқуқӣ будан, ҷавононро қодир месозад, ки манфиатҳои миллии кишвари худро дарк ва ҳифз намоянд.

Ҷаҳони зудтағйирёбанда равандҳои сиёсӣ, зуҳуроти гуногун, мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар пай дорад, ки ба тафаккури ҷавонон таъсир хоҳад гузошт. Ҷавонони Тоҷикистон низ аз ин таҳдидҳо эмин нестанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мушкилот ва сарчашмаҳои таъсиррасон сари вақт муайян ва роҳи дурусти пешгириву бартарафсозии онҳо амалӣ гарданд.

Ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки шабакаҳои иҷтимоиро ба сифати рушди ҷаҳонбинии ҷавонон ва баланд бардоштани ҳисси ватандориву миллатдӯстӣ самаранок истифода кунанд. Муҳим аст, ки фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври зарурӣ таблиғ шаванд.

# ТАҲЛИЛИ ҲИКОЯТЕ АЗ "МАСНАВИИ МАЪНАВӢ"

***Ин ҳикоят дар Дафтари дувуми "Маснавӣ" бо унвони "Фурӯхтани суфиён баҳимаи мусофирро ҷиҳати самоъ" дар қабои танз, метавон гуфт, дар қабои танзи дудама ва то ҳадде бо силки содаву ҷаззоб, аммо бо рамзу киноям пардадору печидаву ибратомӯз қаламдод шуда. Мухтавои ҳикоя агарчи, бино бар ишорам баъзе аз шореҳони "Маснавӣ", аз ривоёти араб маншаъ гирифтааст, аммо ҳич як аз ровӣ ё адиби тозию форсӣ онро ҳамчун Мавлоно зебову зарифу фараҳафзо нагуфтаанд.***



*Обид ШАКУРЗОДА,*
*рӯзноманигор, пажӯҳишгар*

**Бишнавед, эй дӯстон, ин достон,**
**Худ ҳақиқат нақди ҳоли мост он!**

Ин ҳикоят дар Дафтари дувуми "Маснавӣ" бо унвони "Фурӯхтани суфиён баҳимаи мусофирро ҷиҳати самоъ" дар қабои танз, метавон гуфт, дар қабои танзи дудама ва то ҳадде бо силки содаву ҷаззоб, аммо бо рамзу киноям пардадору печидаву ибратомӯз қаламдод шуда. Мухтавои ҳикоя агарчи, бино бар ишорам баъзе аз шореҳони "Маснавӣ", аз ривоёти араб маншаъ гирифтааст, аммо ҳич як аз ровӣ ё адиби тозию форсӣ онро ҳамчун Мавлоно зебову зарифу фараҳафзо нагуфтаанд. Шоёни зикр аст, ки "Маснавӣ" на аз баҳри танзу ҳазлу мутояба гуфта шудааст, балки ин асар достони рози соликон, номаи орифон, китоби ошиқони маърифат ва равзаи ҳикмату ирфону тариқат аст. Ҳазрати Мавлоно дар "Маснавӣ" мекӯшад, ки аз ҳақиқат дам занад ва дар ин зовия рамзу розҳое боз мекунад, рӯ ба ҳаводису достонҳои гуногуни ишқию ирфонию иҷтимоӣ меоварад, аз тамсилҳову истиъороту талмеҳоти мутанаввиъ кор мегирад ва гоҳе ҳам дар чаҳорчӯби танзу ҳаҷв хок бар сари гумроҳону ғофилони зиндагӣ мезанад. Мисли ин саргузашт, ки аз моҷарои як суфии мусофир бо суфиёни хонақоҳе иқтибос шудааст.

**Суфие дар хонақоҳ аз раҳ расид,**
**Маркаби худ бурду дар охур кашид!**

Ҷаззобияти достон низ маҳз дар ҳамин аст, ки тимсоли аслӣ дар он як суфӣ аст, на каси касбу кору пешаи дигар. Ин суфӣ аз дору мадор харе дорад ва иттифоқан мехоҳад, хонақоҳ ояду шабро бо ибодату тоъату зикри Худованд рӯз кунад. Хонақоҳ ҳам (ин лафз форсӣ аст - "хонагоҳ", ки ба гунаи "хонақоҳ" арабӣ шудааст) ибодатгоҳ ва низ сарпаноҳи дарвешону дарроҳмондагон бувад, ки аз ҳар ноҳияву аз ҳар мазҳаб дар сайру саргардониҳои хеш дар хонақоҳҳо мақом кунанд.

Аммо баъдан маълум мешавад, ин раҳгузар чандон суфии софе нест, содаи суфинамосту ошиқи худнамой; дар пиндораш ҳар хирқапӯшу ҳар хонақоҳнишин зоҳиди поку солики роҳи рост аст. Ва бо ҳамин нақси андешаву пиндори хом дар каманди найранги дигар суфинамоҳое меуфтад, ки батар аз роҳзанонанд. Ҳосили калом, суфӣ аз роҳ расиду маркабашро дар охур барбаст ва ходими хонақоҳро таъкид кард, ки онро хуб нигоҳубин кунад, Ва ӯ худ -

**Обакаш доду алаф аз дасти хеш,**
**На ончунон суфӣ, ки мо гуфтем пеш!**

Бале, пеш аз ин ҳикояти суфие омада буд, ки аз чарбзабонию лутфи дурӯғини ходими айёри як хонақоҳ наздик буд, ки хараш бимирад (дар абёти 204-250-и ҳамин дафтари "Маснавӣ"). Аммо ин суфӣ аз роҳи ихтиёт қадам бардошт, то маркабро талаф надиҳад. Ҳайҳот, ки чун қазо ояд, ихтиёт ба кор наояд! Зеро:

**Суфиён тақсир буданду фақир,**
**Кода фақрун ан йаъӣ куфран йубир!**

Мисраъи дувум ишора ба ҳадиси маъруф дорад: "Кода-л-фақру ан йакуна куфро", яъне "Наздик аст, ки фақру камбағалӣ ба куфру носипосӣ анҷомад". Зимнан, ин ҳикоя аз сӯе ҳам ховийи ин ҳадис низ ҳаст. Зеро суфиён (мисраъи аввали ин байт) тақсир (кутаҳу кутаҳдаст)-у тиҳидаст буданд ва фақр (мисраъи дувум) ба куфр наздик аст, куфри нобудгар! Аз ин рӯ -

Ай тавонгар, ки ту серӣ, ҳин маханд,
Бар кажийии он фақири дардманд!

Ай тавонгар (доранда), инак ту, ки сер ҳастиву ба чизе ихтиёҷ надорӣ, ба ҳоли ин гуна фақирони пойкаҷгузорандаи дардманд маханд! Мавлоно ишорати зарифе мекунад, ки маҳз алилу дардманд тан ба ҷурму ҷинояти медиҳад; инсонҳои озодаву бошараф дар ҳар ҳолат ба обрӯю ҳайсияту номи неки худу хонаводаи беиътино нестанд.

Ҳамин тавр:

**Аз сари тақсир он суфирама,**
**Харфурӯшӣ дар гирифтанд он ҳама!**

Бале, дод аз дасти фақру фарёд аз деви нафс, ки фақр беамон бехи имон меканад ва ин нафси бадфармой куфри мудом мепарварад! Бо дидани маркаби чоқу чаҳорабзори меҳмон, суфиён шукрона гиребон мушт карданд, ки "Ризқакум фӣ-с-самои Ҳаққоно"! Ва ҳамраъйу ҳамовоз, ба ин тасмим расиданд, ки харро бифурӯхту шамъи базму тараф барафрӯхт!

**Ҳам дар он дам он**
**харак бифрӯхтанд,**
**Лут оварданду шамъ афрӯхтанд!**
**Валвала уфтод андар хонақаҳ,**
**К-имшабон луту самоъ**
**асту шараҳ!**

[ЛУТ - анвоъи таъомҳои лазиз; таъоми хонақоҳ; таъомҳое, ки дар нони тунук (чопотӣ) печанд.

САМОЪ - дар луғат ба маънои шунидан аст, аммо дар истилоҳи суфиён иборат аст аз хондани овозу таронаи ирфонӣ (маъмулан бо дафу наю танбӯру рубоб) аз ҷониби як ё якчанд нафар ва шуниданду ба шӯру ваҷд омадани дигар ҳозирони маҳфил. Замзамаи орифон маъмулан ба ваҷду рақс меанҷомад.

ШАРАҲ- ин ҷо ба маънои пур хӯрдан.]

Ҳамин тавр, мискин харак савдо ва дар хонақоҳ шӯре барпо шуд. Суфиён сабук оҳ кашиданд, ки имшаб то дари ду биниӣ хоҳем хӯрду то уфтодан аз по, хоҳем самоъ рафт! Охир, то чанд кашкулдаркамарию дарбадарию дарюза ва точанд нийяти рӯзаи серӯза (ба тасаллои нодорию ихтиёҷ)?! Мо ҳам инсон ҳастему нафсу ҷон дорем! Ва аз иқболамон, имшаб атои Худо (меҳмоне) расидааст!

**В-он мусофир низ аз роҳи дароз,**
**Хаста буду дид он иқболу ноз.**
**Суфиёнаш як ба як бинвохтанд,**
**Нарди хидматҳои хуш мебохтанд.**
**Гуфт, чун медид майлоншон ба вай:**
**"Гар тараб имшаб нахоҳам кард, кай"?**

Суфиён даст ба қимори лутфу навозиш зада буданд; бо булбулгуфторӣ гӯши меҳмонро бо авсофи осмонӣ гарм карданд. Марди роҳи содадил дона медиду ғофил аз доми ин гушнамастон буд. Дар рӯбарӯ навозишаш карданд ва дар ғиёб ба хиёнати молаш созиш.

Аз ҳосили савдои маркаб нуқлу навои айш расид. Соъате ҳам деги кабобу кӯфта тасфид, бар рӯйи хон анвоъи хӯрданиҳои лазиз ҳозир гашт. Пас, ҳамагӣ бо иштиҳо лут хӯрданду он гаҳ камар бо ҷангомаи самоъ барбастанд. Оваҳ! Баъди ин нуқлу таъоми шоҳона, чӣ самоъе! Аз ваҷди пойкӯбию шӯру иштиёқ дуду гард то сақфи хонақоҳ сар кашид. Суфиён сармаст "Ё ҳу!" мезаданд! Дасти ба даст бо шавқ мехиромиданду бо шафаъ мечархиданду бодосо давр мезаданд, ба он ҳадд ки сар аз по намешинохтанд.

**Дуди матбах гарди он покӯфтан,**
**З-иштиёқу ваҷд ҷон ошуфтан!**
**Гоҳ дастафшон қадам мекӯфтанд,**
**Гаҳ ба саҷда суффаро мерӯфтанд!**

Аз тамошои чунин саҳнаи ҳамоқат оё чунин пурсише пеш намеояд, ки суфӣ кӣ аст, магар ин рамаи ишкамбораи молимардумхӯр? Дар ин маврид ҳазрати Мавлоно чунин таъриф мекунад:

**Дер ёбад суфӣ оз аз рӯзгор,**
**З-он сабаб суфӣ бувад бисёрхор.**
**Ҷуз магар он суфие, к-аз нури Ҳақ,**
**Сер хӯрд, ӯ фориғ аст аз нанги дақ!**
**Аз ҳазорон андаке з-ин суфиянд,**
**Боқиён дар давлати ӯ мезиянд!**

Бале, суфиён ҳама аҳли ҳақиқат нестанд, аз ҳазор нафари ин муraққаъпӯши азрақпиреҳан яке суфии асил аст - шикастанафс, бо тамкину виқору дил ба Ёр,




қонеъ ба ним нони кулбаи фақр, ки ба боду буни ин дунёи гузаштанӣ хандаду ба айшу нӯши дунёи дил набандад! Дигарон резахӯри хони ӯянд.

Ва давоми достон.

Он гоҳ, ки самоъ дар ҳавои найу даф ба поён расидан гирифт, мутриби суфиён шурӯъ кард ба замзамаи як зарби вазнину мутантан:

**"Хар бирафту хар бирафт" оғоз кард,**
**З-ин ҳарорат ҷумларо анбоз кард!**

Яъне мутриб бо хиссу ҳаяҷон замзамаи "Хар бирафту хар бирафт" оғоз кард ва аз гармии садои вай суфиёни хонақаҳ ҷумла бо ӯ ҳамовоз гаштанд - "Хар бирафту хар бирафт! Хар бирафт!"

**З-ин ҳарора пойкӯбон то саҳар,**
**Кафзанон, "Хар рафт, хар рафт, ай писар"!**

Ва:

**Аз раҳи тақлид он суфӣ ҳамин,**
**"Хар бирафт" оғоз кард андар ҳанин!**

Яъне он суфии мусофир низ, аз дунё бехабар, бо тақлид аз эшон шуруъ кард ин ҳанин (сурудхонӣ)-ро пурҳаяҷонтару аз умқи ҷону дил - "Хар бирафту хар бирафту хар бирафт"!

**Чун гузашт он нӯшу ҷӯшу он самоъ,**
**Рӯз гашта, ҷумла гуфтанд: "Ал-видоъ"!**

Бад-ин тариқ, шаб рафту саҳар омад ва суфиён якон-якон бо меҳмони мусофир падруд гуфта, парешон шуданд ба чор атроф. Ин суфӣ низ бисоти хеш гунд дошту тараддуди сафар кард, аммо дар тавила хари худро пайдо накард. Ба худ гуфт, ки шояд ходими хонқоҳ вайро обхӯрдан бурда бошад. Аммо -

**Ходим омад. Гуфт суфӣ:"Хар куҷост"?**
**Гуфт ходим:"Риш бин"?! Ҷанге бихост!**

Яъне, "Ай ходим, ку хари мо"? Ходим бо таъаҷҷуб ба рӯяш бингаристу гуфташ: "Бобо, ин чӣ суол? Даст ба ришат бар! Бо ин риши гундаву бо ин синну сол оё шарм надорӣ, ки ин гуна пархош мекунӣ? Магар дишаб зиёфате нахӯрдӣ? Ва он нуқлу наво оё ҳама муфт буд? Ҳама аз пули хари ту, ки фурӯхта шуда буд, муҳайё гашт"!

Моҷаро шиддат гирифт. Суфӣ итоб кард, ки "Ҳой ходим, ин на шарти инсоф аст, ки амонатро хиёнат кунӣ! Молро пешат нагузошта будам, ки бифрӯшияш! Харро боз бидеҳ, вагарна ба ҳокими шаръ шикоят мебарам"! Ходим посух дод, ки "Ай бародар, ман дар миёни галлаи гургони гурусна уфтода будам, намешуд аз амрашон сар кашам, вагарна маро мекуштанд. Аҷаб мардуме будаӣ"!

**Ту ҷигарбанде миёни гурбагон,**
**Андар андозию ҷӯйӣ з-он нишон?!**
**Дар миёни сад гурусна гирдае,**
**Пеши сад саг гурбайи пажмурдае!**

[Ҷигарбанд- маҷмӯъи дилу ҷигару шушу сипурз, ки бо нойи гулӯ овехта шуда бошад].

Яъне ту ҷигарбандро миёни гурбаҳо ҳавола диҳию боз умед ба мондани он кунӣ. Ҳайҳот, ки як нони гирда дар миёни сад гурусна ба он монад, ки гурбае оҷиз дар миёни сад саг бошад!

Суфӣ хашмгинтар гашту нидо кард, ки агар бими ҷонат буд, пас чиро наёмадию ноаён огоҳам накардӣ, ки ай бенаво, харатро доранд мебаранд?! Ҳоло ҳама пароканда шуданд, акнун гиребони киро бигирам ва киро пеши қозӣ бибарам? Аммо ходим

**Гуфт: "Валлаҳ омадам ман борҳо,**
**То туро воқиф кунам з-ин корҳо.**
**Ту ҳамегуфтӣ, ки хар рафт, ай писар,**
**Аз ҳама гӯяндагон бозавқтар!**
**Боз мегаштам, ки ӯ худ воқиф аст,**
**З-ин қазо розист, марди ориф аст"!**

Яъне "Ба Худо, ки чанд бор омадам, то аз ин дасисаву найранг огоҳат кунам. Аммо, ай марди Худо, ту аз дигарон пуршӯртар замзамаи "Хар бирафт" сар медодӣ. Аз раъям мегаштаму ба худ мегуфтам: аҷаб марде вораставу сахию пуриҳсоне будааст"!

...Ҳоло парда уфтоду асли моҷаро рӯй зад. Суфӣ ангушти надомат ба лаб бурду завқи зикри дишабаро ба ёд овард.

**Гуфт: "Онро ҷумла мегуфтанд х(в)аш,**
**Мар маро ҳам завқ омад гуфтанаш.**
**Мар маро тақлидшон барбод дод,**
**Ки дусад лаънат бар он тақлид бод"!**

Тамоми бори достон бар рӯйи мисраъи дувуми байти охир аст - "Ки дусад лаънат бар он тақлид бод"! [Лафзи "дусад" дар ин ҷо баёнгари шумори зиёд аст - дусадҳо, дусадҳазор]. Аз ин рӯ, мабодо муддаъие сар набардорад, ки Пири Балхӣ хонақоҳро лонаи фанду фиребу суфиро найрангбозу фиребгар қаламдод карда. На, ҳаргиз!

Ин ҷо Мавлоно аз ҳамнишинӣ бо ноогоҳони бемаърифат, аз тақлид кардан ба аҳли рибову риё (ба хотири худнамоиву шуҳрат) ҳатто дар савмаъаву хонақоҳ наҳй мекунад, чӣ расад дар користонҳову саноъату тиҷорату бозорҳо! Ҳамин гуна тақлиди кур-кӯрона, ба вижа тақлид ба гурӯҳи беарзишу риёкор ҳар касеро аҳмақу обрӯбохта хоҳад кард, ҳатто дар хонақоҳ, ки ҷойгоҳи ибодату розу низё бо Худованди Ягона аст! Аз ин рӯ садҳо лаънат бар он тақлид бод!

*Кош будам чун китоб уфтода дар кунҷе хамӯш,*
*То нагардад рӯ ба рӯ ҷуз мардуми доно маро.* *Ғуломризо Қудсӣ*

Анвори дониш
№12 (294), ПАНҶШАНБЕ, 26.09.2019

# 30 ДАЛЕЛИ ҶОЛИБИ ЗАБОНҲОИ ДУНЁ

Имрӯзҳо миқдори умумии забонҳо ба 6500 мерасад. Миёни ин забонҳо душвортарин, паҳнтарин ва дигар "...тарин"-ҳоро метавон вохӯрд. Таваҷҷуҳ кунед, ба чанд далели ҷолиб оид ба забонҳо.

1. Миқдори умумии забонҳои дунё қариб ба 6500 мерасад. Инчунин бо зиёда аз 2000 забон, камтар аз ҳазор нафар одам суханронӣ мекунанд.

2. СММ дорои 6 забони расмӣ мебошад: англисӣ, фаронсавӣ, арабӣ, хитоӣ, русӣ ва испанӣ.

3. Китобе ки зиёдтар аз ҳама тарҷума шудааст, Библия мебошад.

4. Мувофиқи китоби рекордҳои Гиннес, дарозтарин палиндром (калимае, ки аз ду тараф як хел хонда мешавад) калимаи финии "SAIPPUAKIVIKAUPPIAS" (фурӯшандаи собун) ба ҳисоб меравад.

5. Калимаи "модар" дар аксарият забонҳо бо ҳарфи "м" оғоз мешавад.

6. Айни ҳол қадимтарин ҳарфи алифбо - ҳарфи "О" ба шумор меравад.

7. Барои ибораи русии "Я люблю вас"-ро дуруст талаффуз намудан, англисзабонон ибораи "Yellow-blue bus"-ро истифода мебаранд.



8. Соли 2001 дар Белгия садамае дар роҳи оҳан рӯй дод, ки сабабаш душворӣ дар забон буд. Ҳангоме, ки мошинисти яке аз қатораҳо аз яке аз семафор гузашт, диспетчер ба ҳамкори худ, ки дар истгоҳи навбатӣ меистод, занг зад то ӯро хабардор кунад. Диспетчерон якдигарро нафаҳмиданд, чунки яке бо забони ҳолландӣ ва дигаре бо забони фаронсавӣ гап мезад. Ҳардуи ин забонҳо забонҳои давлатии Белгия маҳсуб меёбанд.

9. Забонҳои имову ишора, ки ношунавоён истифода мебаранд, чун забонҳои маъмулӣ аз рӯйи минтақа аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, дар ИМА ва Британия Кабир забонҳои имову ишораи гуногунро истифода мебаранд.

10. Сокинони ҷазираи Бугенвил дар уқёнуси Ором бо забоне гуфтугӯ мекунанд, ки аз 12 ҳарф (дар баъзе маъхазҳо 11 ҳарф) иборат аст. Алифбои забони онҳо бо ҳарфҳои лотинӣ кор карда баромада шуд, ки ҳарфҳои зеринро дар бар мегирад: a, e, g, i, k, o, p, r, s, t, u, v.

11. Зиёдтарин миқдори ҳарфҳо дар алифбои забони кхмерӣ мавҷуданд. Алифбои забони кхмерӣ дорои 72 ҳарф мебошад. Ин забон ба китоби рекордҳои Гиннес дохил гардидааст.

12. Сокинони Папуаи Гвинеяи Нав қариб бо 700 забон (тақрибан 15% тамоми забонҳои дунё) гуфтугӯ мекунанд. Мантиқан, яке ва ё чанде аз ин забонҳоро забони давлатӣ гузоштан дуруст нест. Аз ҳамин сабаб, конститутсияи давлат ягон забонеро забони давлатӣ эътироф накардааст ва дар ҳуҷҷатнигорӣ забонҳои англисӣ ва гунаи маҳаллии он - пинджин-инглиш истифода мешавад.

13. Дар қитъаи Африқо зиёда аз 1000 забони гуногун мавҷуд аст ва дар забони барбарӣ, дар шимоли Африқо, ҳатто хат вуҷуд надорад.

14. Дар Мисри Қадим зардолуро "тухми офтоб" меномиданд.

15. Калимаҳои "ҳушёрӣ" ва "чой" дар забони хитоӣ дорои як иероглиф мебошанд.

16. Аз ибтидо дар забони русӣ қоидае амал мекард, ки калимаҳои русӣ бо ҳарфи "а" оғоз намеёфтанд. Имрӯзҳо қариб ҳама калимаҳои русие, ки бо "а" оғоз мегарданд, аз дигар забонҳо мебошанд.

17. Дар забони эскимосҳо калимаи "барф" дорои 20 синоним мебошад.

18. Забони англисӣ зиёда аз 600 000 калимаро дорост.

19. Ҳарфи лотинии W дар алифбои лотинӣ вуҷуд надошт.

20. Нависандаи Эрнест Винсент Райт соҳиби романе, бо номи "Гедсби" мебошад, ки зиёда аз 50 000 калима дорад, аммо дар ин роман тамоман ҳарфи "Е" (аз ҳама ҳарфи зиёд истифодашаванда) вуҷуд надорад.

21. Тарҷумаи калимаи "вирус" аз лотинӣ маънои "заҳр"-ро орад.

22. Ба ҳисоби миёна рӯҳониҳо, ҳуқуқшиносон ва духтурон дорои 15,000 калима дар базаи луғавии худ мебошанд. Коргарони боихтисос, ки мактаби олиро хатм накардаанд тақрибан дорои 5-7 ҳазор калима дар базаи луғавии худ мебошанд.

23. Калимаи "news" (хабар, ахбор) дар забони англисӣ аслан аз аввали калимаҳои самтҳо (North - шимол, East - шарқ, West - ғарб, South - ҷануб) ба вуҷуд омадааст. Аз ҳамин сабаб шакли ҷамъ ва ё танҳо надорад.

24. Қадиматрин забони хаттӣ забони шумерӣ ба ҳисоб меравад. Ин забон тақрибан 3500 сол пеш аз милод дар Месопотамии ба вуҷуд омадааст.

25. Калимаи англисии "тӯҳфа" (gift) дар забони олмонӣ маънои "заҳр"-ро дорад.

26. Дар Мексика, мардони қабилаи Матсатеко забони махсусеро бо ҳуштак "барои мардон" фикр карда баромада буданд, ки занҳо ин забонро намефаҳмиданд.

27. Яке аз роҳҳои ба забони олмонӣ гуфтани "Ин кори ту нест!" чунин аст: "Ин пивои ту нест!" (аслӣ: DasistnichtdeinBier!).

28. Каме монда буд, то забони олмонӣ забони расмии ИМА гардад. Ҳангоми револютсия ақидае пайдо гашт, барои қатъи муносибат бо Англия, аз яке аз усулҳо - забони наверо ҷорӣ кардан, истифода намоянд. Ҳангоми овоздиҳӣ ба забони олмонӣ танҳо як овоз нарасид!

29. Дар забони русӣ аз ҳама калимаҳое, ки зиёдтар истифода мешаванд, калимаҳои и; в; не; он; на; я; что; тот; быть; с маҳсуб мешаванд.

30. Дар забони англисӣ аз ҳама калимаҳое, ки зиёдтар истифода мешаванд, калимаҳоithe, be, to, of, and, a, in, that, have, I ба шумор меравaнд.

*https://navju.tj*

***Дар олам бисёр минтақаҳои тамошобобе ҳастанд, ки ҳамагон орзӯи ба он ҷойҳо сафар карданро доранд ва ё бисёр чизҳое ҳастанд, ки барои ҳамагон донистанашон аҷиб мебошад. Ҳоло якчанд факти аҷиброаз тамоми гӯшаву канори ҷаҳон пешниҳоди Шумо мегардонем.***

# 10 ДАЛЕЛИ АҶИБИ САЙЁРА

1. Оё медонед, ки дар Хитой омӯзгорон ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки 20 дақиқа дар давоми дарс хоб раванд, то дарсҳои минбаъдаро хубтар омӯзанд.

2. Муҳаққиқони илми равоншиносӣ исбот кардаанд, ки ҳар амалеро агар тӯли 21 рӯз ҳамарӯза иҷро кунед, шумо бар он одат мекунед. Дигар барои иҷро кардани он амал шумо танқисӣ намекашед.

3. Ҳунарпеша Ширли Хендерсон замоне, ки 40 сол дошт, дар кинои Гарри Потер нақши духтари мактабхони 13 соларо бозидааст.

4. Оё медонистед, ки Россия аз сайёраи Плутон калонтар мебошад. Маҳз калонии масоҳати ин сарзамин боис гардидааст, ки Россия ҳамчун давлати калонтарини ҷаҳон шинохта шавад.

5. Колибра ягона паррандае мебошад, ки метавонад ҳам ба пеш ва ҳам ба қафо парвоз кунад.

6. Ҷон Рокфеллер дар айёми ҷавонӣ орзӯ карда буд, ки дар зиндагӣ 100 ҳазор доллар кор кунад ва тӯли 100 сол зиндагӣ кунад. Ӯ пайи ин орзӯяш амал намуда, 192млн доллар кор кард ва ҳамагӣ 97 сол умр дид. Афсӯс орзӯи кардаи ӯ амалӣ нагашт.

7. Дар Токио боғи ҳайвонотро дар як сол муддати 2 моҳ махкам мекунанд, то ҳайвонот тавонанд дар ин муддат аз одамон дур бошанд ва истироҳат кунанд.

8. Александр Греям Бел - ихтироъкунандаи телефони мобилӣ ҳеҷ гоҳ бо модар ва ҳамсараш тариқи телефони мобилӣ ҳарф назадааст. Сабабаш дар он ки модар ва ҳамсари ӯ ҳарду кар будаанд.

9. Аз ҳама ибора ва ё калимаи машҳур дар Google ва Яндекс ибораи "Интересные факты" ба шумор меравад.

10. Оё медонед, ки фурӯзонак кай ва аз тарафи кӣ ихтироъ шудаашт? Не? Пас бидонед, ки аввалин маротиби олими машҳури англис Гемфри Дэви дар соли 1806 фурӯзонакро ихтироъ намудааст.

# ФИЗИКА ВА 5 АСРОРИ НУҲУФТАИ ОН

Дар рӯйи замин ҳеҷ илме алоҳида нест. Илмҳо гарчанде мубраму даркору зарурӣ низ бошанд ба якдигар алоқамандии зич доранд. Ҳар кадоми онҳо дар худ аҷибиҳову таърихи пайдоишу қонуну қоидаҳои хоси худро доро мебошанд. Бе донистани математика омӯзиши химияву физика бисёр душвор аст. Ё физика намебуд ин қадар қонуну қоидаҳои зиндагӣ низ вуҷуд намедоштанд. Физика буд, ки Нютон қонуни якуму дуюму сеюмашро паҳн кард. Хизматҳои Алберт Эйнштейн ва Майкл Фарадей физикони машҳур дар саҳифаҳои таърих бо хатти заррин сабт шудаанд. Дар ҳақиқат илми физика барои тамоми мардум ҳамчун фанни зарурӣ ба ҳисоб меравад ва ба сафи илмҳои дақиқ шомил шудааст. Дар ин ҷо ҳоло Шуморо бо якчанд ихтирооти физикони машҳӯр ошно хоҳем кард.

1. Майкл Фарадей - олими машҳур, физик ва химики англисе мебошад, ки аввалин маротиба майдони магнитиро кашф намудааст.

2. Ба ақидаи Демокрит чор унсури асосии табиат об, хок, ҳаво ва оташ аз атомҳо ташкил ёфтаанд. Инчунин олими машҳур бар он ақида аст, ки бори нахуст моддаҳо низ аз атом пайдо шудаанд. Пас, дар ҳақиқат ҳастии атом масъулияти баландеро бар ӯҳда дорад.

3. Дар илми физика ҳароратро бо ҳароратсанҷ, ки бо истилоҳи физикӣ термометр мегӯянд, чен мекунанд. Аввалин маротиба ҳароратсанҷро физики машҳур Галилео Галилей дар охири асри XVI кашф намудааст.

4. Исаак Нютон олими машҳури англис, ки дар бунёд ёфтани илми физика нақши муҳимеро бозидааст. Нютон қонунҳои асосии механикаи классикиро шакл додааст. Кашфи конуни ҷозибаи ҷаҳонӣ, кашфи таҷзияи нури сафед, эҷоди назарияи заррагии нур, таҳияи хисобҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ ва чандин кашфиёти дигар бо номи ӯ алоқаманд аст. Хулосаҳои илмие, ки Нютон ба даст овардааст, дар таърихи табиатшиносӣ , аз ҷумла дар



таърихи физика, бағоят муҳиманд, зеро мақоми бунёдӣ доранд.

5. Паскал Блез (1623-1662) - риёзидон, физикдон ва файласуфи фаронсавӣ . Бо таҳсили хонагӣ дар риёзиёт ва физика бисёр моҳир гардида будааст. Дар физика ӯ қонуни ба ҳама су бе ҳеҷ гуна тағйирот дода шудани фишори ба моеъ расидаро кашф кардааст. Ин қонун қонуни Паскал ном дорад.

*https://navju.tj*

# АКСҲОИ ГӮЁ







*Ҳайфи умри мард, агар дар бистари зан бигзарад,*
*Ҳайфи умри зан, агар бо оху шеван бигзарад.* Лоиқ



# КРОССВОРД







Философия
Мурғ, зоғ, кабутар
Ҳалима ..., раққоса
Фарзанди якум
Гунҷишк
Хокаи либосшӯӣ
Қандил
Шутурмурғи австралиягӣ
Кӯл дар Африқо
«Кавказ» ба тоҷикӣ
Болида, хуш
Ҳарби охирини Пушкин
Шаҳри ӯйғурҳо дар Хитой
Парҳез дар Рамазон
Додар (лаҳҷа)
Духтари Зевс
Дарахти бед (русӣ)
Интиқом
Маркази Голландия
Равзан, дудкаш
Зарфи чалпакпазӣ
Шармандагӣ
Хайр! (итолиёӣ)
Луқма, пора
Номи ҳарфи арабӣ ва кӯҳи париён
Муқобилмаънои «гурӯснагӣ»
Шӯру ғавғо
Вақт, лаҳза
Қисми фикркунандаи одам
Курорт, шаҳри Белгия
Намояндагӣ, аминӣ
Сергей ... ровии барномаи "Честный подельник"
Муқобили бадном
Шохоби Шилка
Рекс, Тузик, Алопар
Нотавонӣ, сустӣ
Номи падар (отчество)-и В.Путин
Иблиси...
Дарахти тропикӣ
Шаҳр дар Сибир
Муқова
Хамираи вулқонӣ
Шикоят, баён
Туро ба манзил барад
Паноҳ мебарем ба Худо
Номи дигари бемории тиф
Тирезача дар боми мошин (русӣ)
Қалъаи таърихӣ дар Лондон
Навъи спирт
Баъзан, гоҳ-гоҳ
... – 2000 ширкат ва маркази савдо
... Гибсон, актёр
Тарабхонаи хурди эстрададори аврупоӣ
Соҳаи барқ
Болои
Оҳанги "Шашмақом"
Барномаи ҳаҷвӣ бо Регина Дубовитская дар РТР
Шӯришгар, балвогар
Забони давлатии Покистон
Корхона
... Шарифӣ, сароянда
Марк ..., нависандаи амрикоӣ
Қурбоққаи захрдор
Итмом, охир
Маркази кишвар дар Амрикои Лотинӣ
Жанри мусиқӣ
Падарвор
Диққаткунанда, нигарон

## ДИҚҚАТ!

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 200 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**

*"Ман"-у "ту" кардани мо баҳри талаб беҳуда-ст,*
*Гар маро дод Худованд, туро низ диҳад...* *Низом Қосим*





Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат
Эмомалӣ Раҳмон:
**Истиқлолият неъмати бебаҳо, мояи ифтихор, манбаи худшиносӣ, сарчашмаи нерӯбахш ва омили бунёдии таҳкиму тақвияти пояҳои давлатдории миллии мо мебошад.**
www.khovar.tj

# СОЛРӮЗ МУБОРАК, УСТОД!



1-уми сентябр муаррихи тоҷик, доктори илмҳои таърих, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон, иштирокдори гуфтушунидҳои ғайрирасмии тоҷикон оид ба созишномаи сулҳ дар шаҳри Душанбе (1994-1995) ва Санкт-петербург (1997), омӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД солрӯз доранд.

Маъмурият, ҳайати профессорону омӯзгорон, донишҷӯёни донишгоҳ ва гурӯҳи эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" утодро ба муносибати солрӯзашон табрик намуда, баҳраш зиндагии шоиста ва саодати рӯзгорро таманно доранд.

Солрӯз муборак, устоди азиз!

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи сентябри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.*

1. АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, 1.09.1948, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик;
2. ГАДОЕВ ЗОКИР, 1.09.1980, иқтисодчӣ, корманди шӯъбаи ҳисоб;
3. НАБИЕВ МУРОДАЛӢ, 1.09.1944, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ (75-солагӣ муборак бошад!);
4. АЗИЗОВА НИЗОРАМО, 1.09.1968, саромӯзгори кафедраи химия ва биология;
5. ҲАСАНОВА ФАРЗОНА, 1.09.1992, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
6. ШАРИФОВ БАХТОВАР, 1.09.1988, асситенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
7. ШАРИПОВА ГУЛБУТА, 6.09.1974, мутахассиси бойгонӣ (45-солагӣ муборак бошад!);
8. КАМОЛОВ ШОДМОН, 6.09.1991, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ, мутахассиси Раёсати таълим;
9. СУЛТОНОВ ИСМОИЛ, 9.09.1988, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
10. НУРОВА ОЗОДА, 9.09.1980, ассистенти кафедраи забони русӣ;
11. УРОҚОВ МИРЗО, 10.09.1983, саромӯзгори кафедраи химия ва биология;
12. ТАЛБАКОВ ЛУТФУЛЛО, 12.09.1985, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
13. АСОЕВ ИЛҲОМ, 12.09.1980, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
14. ДАВЛАТОВ РАҲМОНАЛӢ, 12.09.1990, мутахассиси маркази ТИК;
15. ТОИРОВ САФАРМАД, 12.09.1989, ассистенти кафедраи забони русӣ (30-солагӣ муборак бошад!);
16. ШОҲСАНАМИ РИЗО, 13.09.1990, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
17. БОБОХОНОВА ШАҲРБОНУ, 13.09.1974, саромӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ (45-солагӣ муборак бошад!);
18. ИСОЕВА ДИЛОРОМ, 13.09.1969, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи равоншиносӣ (50-солагӣ муборак бошад!);
19. ДАВЛАТОВА ФАРОҒАТ, 14.09.1985, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
20. САЛИХОВА ЛУТФИЯ, 14.09.1969, муаллими кафедраи адабиёти хориҷӣ ва МТЗАР (50-солагӣ муборак бошад!);
21. САДУЛЛОЕВА АНОРБӢ, 15.09.1965, лаборанти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи маводҳо;
22. РИЗОЕВА РАЪНО, 20.09.1968, танзимгари факултаи филологияи тоҷик ва журналистика;
23. МИРЗОЕВА ЗУЛФИЯ, 21.09.1980, ассистенти кафедраи забони хориҷӣ;
24. ИМОМОВ ЗАФАРХОН, 22.09.1986, мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва НТК;
25. САФАРОВ АҲЛИДДИН, 22.09.1986, ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
26. ИБОДОВА МАВЗУНА, 23.09.1988, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
27. ЯҚУБОВ ФИРӮЗ, 24.09.1991, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
28. ҒУЛОМОВА ЗАҲРО, 25.09.1963, фаррош;
29. ДАВЛАТОВА МАЛОҲАТ, 28.09.1985, саромӯзгори кафедраи тарбияи томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;

# ЛАТИФАҲО



*Муаллими забон:*
*-Ман медавам, ту медавӣ, вай медавад, ин кадом замон аст?*
*Хонанда:*
*-Замони "облава".*

XXXX

*Шавҳар маст ба хона меояд. Занаш ҷорубро гирифта, ӯро латукӯб мекунад.*
*Зан латукӯбкунон:*
*-Боз менушӣ, ман ба ту мегӯям боз менушӣ?!*
*Шавҳар:*
*-Майлаш, рез.*

XXXX

*Суҳбати набера бо бибӣ:*
*-Бибиҷон, шумо дандон доред?*
*-Не, надорам.*
*-Ин тавр бошад, ана ин себро дошта истед, ҳозир ман меоям.*

XXXX

*-Ба кадом донишгоҳ дохил шуданиӣ?*
*-Ба донишгоҳи тиббӣ.*
*-Зӯр-ку! Ман бошам, ҳуҷҷатҳоямро аллакай ба донишкадаи байторӣ супоридам. Вақте диплом гирифтем, якдигарамонро бемалол муолиҷа кардан мегирем, чӣ гуфтӣ?*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

*Дафтарчаи донишҷӯӣ, ки Коллеҷи техникӣ-иқтисодии ғайриджавлатии шаҳри Кӯлоб соли 2018 ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи андоз ва андозбандӣ (шуъбаи рӯзона) Азимов Шоҳмансур Сулаймоншоевич додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.*

XXXX

*Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2018 ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ (шуъбаи рӯзона) Парвинаи Мираҳмад додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.*

# ХУШ ОМАДӢ, ХУШ ОМАДӢ

*Эй Пешвои миллат, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Кардӣ ба халқ хизмат, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй ранҷи мо кашида, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Роҳат ба мо расида, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй нури ҳарду дида, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Гул баҳри халқ чида, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Исмоили Сомонӣ, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй мағзи ҷони ҷонӣ, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Фарҳоди "НОБ"-и Роғун, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй баҳри оби Роғун, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй роҳсози Шаршар, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Тоҷи нигини кишвар, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Меҳри ба сина ҷоӣ, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Хоҳам, ки боз ойӣ, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй олими тавоно, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй олими ба дил ҷо, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй Қаҳрамони миллат, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Гулчини боғи меҳнат, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй файзи рӯи хонам, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Ояндаи ҷаҳонам, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй наврӯзи ҷаҳонӣ, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Ҳарфи дилу забонӣ, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Меҳри вафои кишвар, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Тоҷи Каён дар сар, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Кӯлоб дод овоз: хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Овоз дод фардо: хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Булбул бигуфт: Ҷоно, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Сартез ҳам бигуфто: хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Эй Пешвои миллат, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*
*Кардӣ ба халқ хизмат, хуш омадӣ, хуш омадӣ!*

*Саймумини ФАРИДДУН, шоир, нафқахӯр*


АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ



ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

КАРИМОВ САМАРИДДИН, доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илмҳои фалсафа, профессор

ҶУМЪАХОН АЛИМӢ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

ХОЛИҚОВ САФАР, номзади илмҳои химия

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ЗАФАР МИРЗОЁН, ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ГАДОМАД ЗУЛФИЕВ

САҲИФАБАНД:
МУНИСА КАРИМОВА



Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.



Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.



НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15, мобилӣ: 985-16-75-69; 981-00-02-19